Барномаи Иттиҳоди Аврупо
«Ташаббуси Аврупо дар масоили демократия ва ҳуқуқи инсон»

# ОМОДАСОЗИИ РАВОНИИ (ПСИХОЛОГИИ) КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

## МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад

vhs
DVV International
Лоиҳа аз тарафи DVV International амалӣ мегардад

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онҳо қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва такдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштаанд.

Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола тақрибан 35 млн. евро барои рушди мамлакат фароҳам меоварад.

# ОМОДАСОЗИИ РАВОНИИ (ПСИХОЛОГИИ) КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

## МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе - 2018

Дастури таълимии мазкур бо мусоидати Намояндагии Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишкадаҳои мардумии Олмон дар Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда дар Тоҷикистон» бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федеролии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, таҳия ва нашр гардидааст.

Модули таълимии мазкур барои омӯзгорони Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Модул ба омӯзгорон дар амали сохтани барномаҳои таълимӣ барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Барномаи таълимии мазкур маводи шахшуда намебошад, ва омӯзгорон мувофиқи талаботу эҳтиёҷоти иштирокчиёни курси таълимӣ метавонанд мавзӯъҳоро иваз намоянд. Мавод фасеҳ мебошад, ва мавзӯъҳоро якҷоя кардан мумкин аст.

Мураттибон:

Осмонова Н.Н.
Маркази таълимии Хадамоти давлатии иҷрои ҷазо назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизстон

Абдунабизода Ш.А.
Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷаҳон», Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мазмуну мундариҷаи нашрияи мазкур масъулияти мураттибон буда, нуқтаи назари маблағгузоронро инъикос намекунад.**

**МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ**

**«ОМОДАСОЗИИ РАВОНИИ КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ»**

## МУНДАРИҶА


Муқаддима 4

Ҳадафҳо ва вазифаҳои курси таълимӣ 5

Барнома ва нақшаи методии курси таълимӣ 6

**БОБИ 1. ОМОДАСОЗИИ РАВОНИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ** 13
1.1.Мафҳум, принсипҳо ва мазмуни омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
1.2. Сафарбаркунии равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ барои иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ
1.3. Методҳо ва усулҳои омодасозии равонии кормандони қисмҳо ва хадамоти гуногун

**БОБИ 2. ШАХСИЯТИ МАҲКУМШУДА** 30
2.1.Мафҳуми шахсияти маҳкумшудагон
2.2. Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон вобаста ба синну сол ва ҷинс
2.3. Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони ноболиғ
2.4. Хусусиятҳои равонии мардони маҳкумшуда (ҷавонон, болиғ, миёнсол)
2.5. Хусусиятҳои равонии занони маҳкумшуда
2.6. Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон барои терроризм ва эстремизм (ифротгароӣ)

**БОБИ 3. КОРКӮФТАГИИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ** 54
3.1. Пешгирии коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Луғат (Фарҳанги истилоҳот) 64

Адабиёт 66

## МУҚАДДИМА

Муҳимияти мавзӯи дастури «Омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» маълум (бебаҳс) аст, зеро равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар ҷаҳон ба вуҷуд меоянд, боиси тағйирот дар сохтор, ташкил ва фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мегарданд.

Муносибатҳои давлатию хизматии нав дар хадамоти иҷрои ҷазоҳо дар вазъияте ба амал меоянд, ки дар он тафовут (фарқият)-и тасаввуроти касбии кормандон бо шароити тағйирёбанда мушоҳида шуда, ин шароитҳо аз онҳо донишҳои амиқ ва навшуда, малакаҳо ва маҳорат, тасҳеҳи дастурҳои равонӣ ва ҷаҳонбиниро талаб мекунанд.

Бо вуҷуди ин, татбиқи ҳадафҳое, ки дар назди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (СИҶҶ) меистад, дар бисёр масъалаҳо ба ҳайати кормандон, кордонӣ, омодагии ахлоқию равонӣ ва қобилияти бомуваффақият анҷом додани вазифаҳои ҳар чи бештар мураккабшаванда вобаста аст, ки ин пеш аз ҳама боиси муҳим гаштани масъалаҳои таълими касбӣ ва омодасозии ҳайати шахсии СИҶҶ мегардад.

Аз рӯи хусусияти асосии худ хадамоти иҷрои ҷазо бо он фарқ мекунад, ки он ба талаботи баланд оид ба сифатҳои касбӣ ва равонии кормандон, масъулияти баланд барои амалҳои худ, фишори эмотсионалӣ, сарбории ахлоқию равонӣ ва ҷисмонӣ, ки омодагии махсус ва суботи равониро тақозо мекунад, алоқаманд аст. Вобаста ба ин, зарурати бештар ба кадрҳо (кормандон)-и хеле баландихтисос ва аз ҷиҳати тахассус пешрав ба миён меоянд.

Фаъолияти касбии кормандони хадамоти иҷрои ҷазои ҷиноятиро омилҳои стрессӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Ба онҳо омилҳои хатар, ногаҳонӣ, номуайянӣ, навовариҳо ва усулҳои амалисозии фаъолият дар шароити экстремалӣ (вазнин), афзоиши суръати амал, инчунин омили норасоии вақт дохил мешаванд.

Дар асоси омилҳои дар боло зикршуда, ки хусусияти хадамот(хизмат)-и иҷрои ҷазоро муайян мекунанд, гуфтан мумкин аст, ки он моҳиятан экстремалӣ мебошад. Илова бар ин, хусусияти экстремалӣбудани хизмат ба омодагии доимӣва имконияти истифодаи силоҳ вобаста мебошад, ки ин ба ҳолати эмотсионалии кормандон, сифати ҳамкории иҷтимоӣ, солимии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, суботи психологии онҳо ва муваффақияти фаъолияти касбии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

## Ҳадафҳо ва вазифаҳои курси таълимӣ

Ҳадафи курси таълимӣ ин ташаккул додани донишҳо дар бораи омодасозии равонии (психологии) кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, гирифтани донишҳо оид ба хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон, аз ҷумла маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм, инчунин омӯзиши кормандон ҷиҳати пешгирӣ кардани коркӯфагии касбӣ дар давраи адои хизмат мебошад.

**Салоҳиятҳо дар соҳаи омодасозии психологӣ**

- Донишҳои асосӣ оид ба омодасозии психологӣ
- Малакаҳои сафарбаркунии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ барои анҷом додани вазифаҳои хизматӣ
- Донишҳо дар бораи усулҳо ва тарзҳои омодасозии психологии кормандони қисмҳо ва хадамоти гуногун

**Салоҳиятҳо дар соҳаи хусусиятҳои психологии маҳкумшудагон**

- Донишхо дар бораи шахсияти махкумшудагон
- Донишҳо дар бораи хусусиятҳои психологии категорияи алоҳидаи маҳкумшудагон

**Салоҳиятҳо дар соҳаи пешгирии коркӯфтагии касбӣ**

- Донишҳои асосӣ дар бораи коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
- Донишҳо оид ба пешгирии коркӯфтагии касбӣ

## Барнома ва нақшаи методии курси таълимӣ

Дар зер барнома ва нақшаи методии курси таълимии серӯза барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Барномаи мазкурро ҳамчун намунаи ташкили имконпазири омӯзиш оид ба баланд бардоштани иқтидори касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ истифода кардан мумкин аст.

| РЎЗИ ЯКУМ | |
|---|---|
| 09.00-09.30 | Бақайдгирии иштирокчиён |
| 09.30-10.30 | Ифтитоҳи машғулият<br>Шиносоӣ бо иштирокчиён<br>Ҷамъ кардани интизориҳои иштирокчиён |
| **Бахши яккум. Омодасозии психологии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ** | |
| 10.30-12.30 | Мафҳум, принсипҳо ва мазмуни омодасозии равонии кормандони системаиичрои ҷазои ҷиноятӣ |
| 12.30-13.30 | Танаффус барои таоми пешин |
| 13.30-15.30 | Сафарбаркунии равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ барои иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ |
| 15.30-16.00 | Танаффус |
| 16.00-17.00 | Методҳо ва усулҳои омодасозии равонии кормандони қисмҳо ва хадамоти гуногун |
| 17.00-17.30 | Ҷамъбаст намудани натиҷаҳои рузи якум |
| **РУЗИ ДУВВУМ** | |
| **Бахши 2. Шахсияти маҳкумшуда** | |
| 09.30-10.30 | Мафҳуми шахсияти маҳкумшуда<br>Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагоне, ки ба синну сол ва ҷинси онҳо вобаста аст. |
| 10.30-12.30 | Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони ноболиғ<br>Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони чинси мард (ҷавонон, одамони синну соли болиғва солхўрда) |
| 12.30-13.30 | Танаффус барои таоми пешин |
| 13.30-15.30 | Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагони ҷинси зан |
| 15.30-16.00 | Танаффус барои қаҳва |
| 16.00-17.00 | Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм |
| 17.00-17.30 | Ҷамъбаст намудани натиҷаҳои рўзи дуввум |
| **РЎЗИ СЕЮМ** | |
| **Бахши 3. Коркўфтагии касбии кормандони системаиичрои ҷазои ҷиноятӣ** | |
| 09.30-10.30 | Коркўфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| 10.30-12.30 | Пешгирии коркўфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| 12.30-13.30 | Танаффус барои таоми пешин |
| 13.30-14.30 | Саволу ҷавоб<br>Ҷамъбасти натиҷаҳо |

**Нақшаи методии курси таълимӣ**

## «ОМОДАСОЗИИ РАВОНИИ КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ»

**МАҚСАД**

Ташаккул додани донишҳо дар бораи омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, гирифтани донишҳо оид ба хусусиятҳои психологии маҳкумшудагон, аз ҷумла маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм, инчунин омӯзиши кормандон ҷиҳати пешгирӣ кардани коркӯфагии касбӣ дар давраи адои хизмат мебошад.

**МАСЪАЛАҲО БАРОИ БАРРАСӢ ВА ОМӮЗИШ**

1. Омодасозии равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ
2. Шахсияти маҳкумшуда
3. Коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

| **РӮЗИ ЯККУМ** | **РӮЗИ ДУВВУМ** | **РӮЗИ СЕЮМ** |
|---|---|---|
| 8 соат:<br>• 5 соати таълимӣ<br>• 1 соат барои хӯроки нисфирӯзӣ<br>• 30 дақиқа барои танаффус<br>• 1 соат 30 дақиқа – кушодашавӣ, шиносоӣ, ҷамъбасти омӯзиш<br><br>5 соати таълимӣ ( 1ум қисми ҷаласа – 2 соат, 2ум қисми ҷаласа -1 соат 30 дақиқа, 3юм қисми ҷаласа – 1 соат ) - 1ум ҷаласа | 8 соат:<br>• 6 соати таълимӣ<br>• 1 соат танаффус барои хӯроки нисфирӯзӣ<br>• 30 дақиқа барои танаффус<br>• 30 дақиқа барои ҷамъбасти рӯз<br><br>6 соати таълимӣ (1ум қисми ҷаласа – 1 соат, 2ум қисми ҷаласа – 2 соат, 3юм қисми ҷаласа – 2 соат, 4ум қисми ҷаласа – 1 соат) – 2юм ҷаласа | 5 соат:<br>• 3 соати таълимӣ<br>• 1 соат танаффус барои хӯроки нисфирӯзӣ<br>• 1 соат барои саволу – чавоб, ҷамъбасти рӯз<br><br>3 соати таълимӣ (1ум қисми ҷаласа – 1 соат, 2ум қисми ҷаласа – 2 соат) – 3юм ҷаласа |
| **ВАҚТИ УМУМӢ: 21 соат** (14 соати таълимӣ\академӣ, 3 соат танаффус барои таоми пешин, 1 с барои танаффус, 3 соат барои кушодашавӣ ва ҷамъбаст) | | |

**ВОСИТАҲОИ ЗАРУРИИ ОМӮЗИШ ВА ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ**

Флипчартҳо ва маркерҳои ранга, дафтару ручкаҳо, LCD проектор ва экран

**МАВОДҲОИ ТАҚСИМШАВАНДА**

**РМ 1-1** Барнома барои иштирокчиён

Омӯзгор метавонад маводҳоро вобаста ба сатҳи дониши гурӯҳ ва эҳтиёҷоти иштирокчиён интихоб намояд

**УСУЛҲОИ ОМӮЗИШ**

- Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ)
- Презентатсия (дар формати *Power Point Presentation)*
- Муҳокимаи умумӣ
- Ҳуҷуми зеҳнӣ
- Мини - лексия
- Кейс - стади (агар бошанд)

| Вақт | Мавзӯъ | Усулҳо | Маводҳои тақсимшаванда.<br>ВТО. Вазифаҳои кори гуруҳӣ (МГХ). |
|---|---|---|---|
| **РӮЗИ ЯКУМ** | | | |
| 09.00-09.30 | Бақайдгирии иштирокчиён | | |
| 09.30-10.30 | Ифтитоҳи курси таълимӣ<br>Шиносоӣ бо иштирокчиён<br>Ҷамъкардани интизориҳои иштирокчиён аз омӯзиш | Истифодаи усулҳои интерактивии таълим тавсия мешавад («сабад», намудҳои гуногуни шиносоӣ бо истифода аз машқҳои интерактивӣ, истифодаи карточкаҳои ранга ва ғ. ) | Барномаи курси таълимӣ, карточкаҳои ранга, флипчартҳо, маркерҳо |
| **Ҷаласаи 1. Омодасозии равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ** | | | |
| 10.30-12.30 | Мафҳум, принсипҳо ва мазмуни омодасозии психологии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кориМГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбастимуаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | Презентатсия дар формати Power Point<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ (иштирокчиёнро ба гуруҳҳои хурд тақсим намудан вобаста ба шумораи онҳо)*:<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кадом принсипҳои омодагии равониро номбар карда метавонед<br>2.Кадом қисматҳои омодагии психологиро номбар карда метавонед |
| *12.30 -13.30* | *Танаффус барои хӯроки пешин* | | |
| 13.30- 15.30 | Сафарбаркунии равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ барои иҷро кардани вазифаҳо ихизматӣ | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабоиштирокчиён<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори МГХ, бо мини- | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Чӣ тавр роҳбар кормандонро сафарбар карда метавонад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | |
| *15.30-16.00* | *Танаффус* | | |
| 16.00-17.00 | Методҳо ва усулҳои омодасозии психологии кормандони қисмҳо ва хадамоти гуногун | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабоиштирокчиён<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбастимуаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кадом методҳоваусулҳоиомодасозии психологии кормандонро номбар карда метавонед |
| 17.00-17.30 | Ҷамъбасти рӯзи якум, фикру ақидаҳои иштирокчиён | | |
| **РӮЗИ ДУВВУМ** | | | |
| **Ҷаласа 2. Шахсияти маҳкумшуда** | | | |
| 09.30 -10.30 | Мафҳуми шахсияти маҳкумшуда<br>Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагоне, ки ба синну сол ва ҷинси онҳо вобастааст. | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Мафҳуми шахсияти маҳкумшуда<br>2.Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагоне, ки ба синну сол ва ҷинси онҳо вобастааст. |
| 10.30 – 12.30 | Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони ноболиғ<br>Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагони ҷинси мард (ҷавонон, одамони синну соли болиғ ва солхӯрда) | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори МГХ, бо мини- | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони ноболиғ<br>2.Хусусиятҳои психологии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | маҳкумшудагони ҷинси мард (ҷавонон, одамони синну соли болиғ ва солхӯрда) бо усули ҳуҷуми зеҳнӣ |
| *12.30 – 13.30* | *Танаффуси нисфирӯзӣ* | | |
| 13.30 – 15.30 | Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагони ҷинси зан | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар 2 гурух (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори2 гурӯҳ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагони ҷинси зан |
| *15.30-16.00* | *Танаффус* | | |
| 16.00-17.00 | Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар 2 гурух (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори 2 гурӯҳ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбастимуаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад. | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм бо истифода аз ҳуҷуми зеҳнӣ. |
| 17.00 – 17.30 | Фикру ақидаҳои иштирокчиён<br>Ҷамъбастирӯзи дуввум | | |
| **РӮЗИ СЕЮМ** | | | |
| **Ҷаласа 3. Коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** | | | |
| 09.30 – 10.30 | Коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст | Презентатсия дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Муҳокима дар гурӯҳҳо (МГХ 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳаргуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори МГХ, бо мини-лексия ё презентатсия ҷамъбаст мешавад.<br>Муҳокимабо иштирокчиёноид ба мавзӯи пешниҳодшуда.<br>Ҷамъбасти ҷаласа | Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ -кадом нишонаҳои коркӯфтагии касбиро номбар карда метавонед |
| 10.30 – 12.30 | Пешгирии коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар гурӯҳҳо (МГХ 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори гуруҳӣ-МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурӯҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии МГХ, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия.<br>Муҳокимабо иштирокчиён доир ба мавзӯи баррасишуда.<br>Ҷамъбасти ҷаласа | Презентатсия дар форматиPowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Пешгирии коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - кадом усулҳои пешгириро номбар карда метавонед |
| *12.30 – 13.30* | *Танаффус* | | |
| 13.30 – 14.30 | Саволу ҷавоб<br>Фикру ақидаи иштирокчиён<br>Ҷамъбасти омӯзиш | | |

## БОБИ 1. ОМОДАСОЗИИ ПСИХОЛОГИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ

🖉**Вазифаҳои таълим**:

1. Иштирокчиёни курси таълимӣ оид ба омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ донишҳои асосӣ мегиранд
2. Мафҳумҳои асосӣ (калидӣ), принсипҳо ва мазмуни омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро медонанд



**Омодасозии равонӣ** – ин раванди педагогие мебошад, ки роҳбар махсус бо мақсади ташаккул додан ва баланд бардоштани омодашавии ҳайати шахсӣ ташкил мекунад. Ҳалли масъалаҳои касбӣ корманди СИҶҶ–ро бо намудҳои гуногуни қонуншиканиҳо аз ҷониби маҳкумшудагон дучор мекунад, пешгирӣ кардан, ошкор кардан ва бурдани корҳои ҷустуҷӯӣ аз ғанӣ будани донишҳова маҳорати вай ҷиҳати ҳамаҷониба баррасӣ намудани ҳодиса вобаста мебошад. Вай ба муқобилати фаъоли унсури ҷиноятӣ, макру ҳилла ҷиҳати рӯпӯш кардани амали ҷиноятии худ, қасдан эҷод кардани мушкилот барои ошкор нашудани ин амал вомехӯрад. Ҳалли масъалаҳои касбӣ аксар вақт бо хавфу хатарҳо (рискҳо) алоқаманд мебошад[1].

Ин талабот дар омодасозии ҳайати шахсӣ чунин инъикос меёбанд:
- мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбӣ;
- ташаккул ва мустаҳкам кардани омодашавии равонӣ.

Омодасозии равонӣ ба таври худ ҳимояи психологии донишҳо, малакаҳо ва маҳорати касбии кормандро таъмин мекунад.

**Омодашавии психологӣ** – маҷмӯи тавсифоти психологии ташаккулгардида ва рушдёфтаи корманд ва коллективи зербахш (подразделение) мебошад, ки ба хусусиятҳои муҳими фаъолияти оперативию хизматӣ ҷавобгӯ буда, яке аз шартҳои зарурии бо муваффақият амалисозии он мебошад. Омодашавии дилхоҳҳамеша унсурҳои психологӣ дорад.Аммо он чизе, ки дар вуҷуди инсон ба сифати хусусиятҳо, қобилиятҳо, донишҳо, малакаҳо ва маҳорат вуҷуд дорад, ба берун зухур ёфта, дар худ хосиятҳо ва хусусиятҳои психологии субъекти онҳо, офаридагони онҳоро инъикос мекунанд. Маҳсулоти фаъолиятро бо хусусиятҳои додашуда танҳо одаме офарида метавонад, ки дорои хосиятҳо, сифатҳо, қобилиятҳо, маҳоратҳои мувофиқ ва дигар хусусиятҳои психологии инсон бошад.

Унсурҳои зерини омодашавии равониро қайд мекунанд:
- ✓ маҳорат (сифатҳо)-и касбию равонӣ.
- ✓ устувории психологӣ.
- ✓ инкишоф додани қобилиятҳои равонӣ.
- ✓ ҳолдонии равонии шахсияти корманд.

Талаботи асосие, ки ба сатҳи омодашавии равонии корманди СИҶҶ пешниҳод карда мешавад, аз зерин иборат аст:
- ✓ ин шахси фазилаташ баланд, аз ҷиҳати эҳсосот устувор, мутахассиси босалоҳияте мебошад, ки психологияи одамонро хуб медонад;
- ✓ ӯ муносибатҳо ва воситаҳои муошират ва таъсири психологию педагогии қонуниро (дар доираи қонун) ба одамони дигар ба таври комил медонад;
- ✓ ӯ одоби педагогӣ, хофиза(хотира)-и хуб, мушоҳидагарӣ ва идрокикасбӣдорад;
- ✓ ӯ фаъолияти худро оқилона ташкил карда метавонад;
- ✓ ӯаз натиҷаҳои меҳнати бовиҷдононаи хеш қаноатмандии эмотсионалии қонунӣ пайдо мекунад;

[1]Столяренко А.М. Профессионально-психологическая подготовка личного состава органов внутренних дел. М., 1987.

- ✓ ӯ мунтазам сатҳи маҳорати равонӣ, педагогии худро баланд мебардорад.

Омодасозии равонӣ – намуди омодасозии касбӣ мебошад. Ҳангоми гузаронидани омодасозии равонӣ ба эътибор гирифтани сатҳи салоҳияти психологии кормандони муассисаи мушаххас, таҷрибаи кори онҳо дар СИҶҶ, вазъи ҳолати оперативӣ ва иқлими равонӣ дар зербахш (подразделение) хеле муҳим аст.

**Вазифаҳои** омодасозии равонии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз зерин иборат аст:

– Баланд бардоштани устувории равонии тамоми категорияҳои кормандони СИҶҶ ба мушкилиҳо дар фаъолияти хизматӣ.

– Дар ҳайати шахсӣ ташаккул додани худдорӣ карда тавонистан (худро гум накардан), маҳорати назорат карда тавонистани ҳолату вазъи худ (кайфияти худ) дар раванди фаъолияти хизматӣ ва танзим карда тавонистани он бо мақсади нигоҳ доштани ҳушёрии сатҳи баланд, омодагии касбӣ ва роҳ надодан ба носаҳеҳӣ, саҳву иштибоҳ кардандар фаъолият.

– Ташаккули сатҳи олии маҳорати касбӣ, ки иҷрои беҳтарини ҳамаи амалҳоро дар шароити мураккаби экстремалӣ ва равонӣ таъмин мекунад.

– Дар кормандон ташаккул додани сифатҳои касбию кордонӣ, равонӣ, ки асоси хусусиятҳои хоссаро ташкил медиҳанд ва омӯзиши маҳорати касбиро метезонанд ва сатҳи самаранокии амалҳои касбиро мебардоранд.

– Дар кормандон ташаккул додани маҳорати ба эътиборгирии муаммоҳои равонӣ ҳангоми ҳал кардани масъалаҳои хизматӣ ва расондани таъсири босамар ба муҳити ҷиноятӣ.

– Омодасозии роҳбарон ҷиҳати муносибати аз ҷиҳати равонию педагогӣ босамари роҳбарӣ кардан ба зертобеон, аз ҷумла дар шароити экстремалӣ.[2].

– Омӯзиши амиқи хусусиятҳои инфиродию равонии кормандон, ки ба омодашавии равонӣ ба фаъолияти марбут ба ҳифзи ҳуқуқ вобаста аст, назорати тағйироти мувофиқ дар рушди касбии шахсият.

Мазмуни омодасозии равонӣ бо унсурҳои зерин муайян карда мешавад:

<u>1. Тақвият ёфтани устувории равонӣ</u>:

- мустаҳкам шудани ҳисси масъулият, вазифашиносӣ, интизомнокӣ, маҳорати тобеъ намудани рафтори худ барои бо муваффақият ҳал кардани масъала;
- ташаккули боварӣ ба худ, ба рафиқон, ба роҳбар;
- ташаккули тасаввуроти дуруст (саҳеҳ) дар бораи мушкилот, вазифаҳои гузошташуда, арзёбии дақиқи мураккабии онҳо, роҳ надодан ба арзёбии нокифоя ё арзёбии барзиёд;
- бевосита шинос шудан бо тамоми омилҳои психогении фаъолияти хизматӣ, шароитҳои экстремалӣ, омӯхташавӣ ба таъсири онҳо ва муносибати оромона нисбати онҳо;
- баланд бардоштани устувории эмотсионалию иродавӣ ба ҳавф, хатар, масъулият, нобарориҳои муваққатӣ, бартараф кардани изтироби зиёдатӣ;
- ташаккули маҳорати назорат карда тавонистани ҳолати психологии худ ва ба меъёр даровардани он дар шароити мураккаби психологӣ, маҳорати паст кардани сатҳи тарснокӣ, ба шӯр омадан, сустниҳодӣ.

<u>2. Ташаккул ва рушди сифатҳои равонии касбию кордонии кормандон</u>.

- рушди ҳассосияти касбӣ, мушоҳидакорӣ, таваҷҷӯҳкорӣ (бодиққатӣ), маҳорати

[2]Писарев О.М. «Основы психологии в деятельности сотрудников УИС» Томск,2010

тезбинӣ, диққат додан ба ҷузъиёт, тафсил барои анҷом додани фаъолияти касбӣ ва ягон чизро аз мадди назар дур накардан;

- рушди ҳофиза (хотира)-и касбӣ, маҳорати зуд ва дақиқдар хотир нигоҳдоштани тамоми маълумоте, ки барои босифат анҷом додани амалҳои касбӣ аҳамият доранд;
- рушди тасаввуроти касбӣ, қобилияти ба таври равшан, саҳеҳва дақиқан ба таври ақлонӣ (хаёлӣ) тасвир кардани манзараи маҳал, ҳаракати одамон, ба таври образнок тасаввур намудани амалҳои хеш ҳангоми ҳалли масъалаҳо;
- рушди тафаккури касбӣ ва хусусиятҳои он, ба монанди васеъгӣ, умқият, зудамалӣ, равшанандозӣ, мантиқият, далелнокӣ (исботпазирӣ), тағйирпазирӣ, берун аз қолиб фикррونӣ карда тавонистан, тадбиркорӣ, таҳлил карда тавонистан;
- рушди зиракии касбӣ, маҳорати ба таври дақиқарзбӣ карда тавонистани дараҷаи хавф (риск) ва хатар, мубориза бо ҳамаи зуҳуроти заифшавию форигболӣ ва бепарвоӣ;
- рушди сифатҳои қавииродагӣ барои расидан ба мақсад (мақсаднокӣ), самаранок фаъолият кардан,мардонагӣ, устуворӣ, далерӣ, ҷасоратнокӣ, фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият;
- ташаккул додани қобилияти сафарбар кардани қувваҳои худ ва имкониятҳои худ, дар шароити хеле мураккаб зуд гузаштан аз интизорӣ ба амалҳои ҷасурона, ҳалкунанда, дақиқ ва хунсардона;
- ташаккулиамал кардан дар вазъияти ногаҳонӣ, пешбининашаванда, ҳангоми якбора тағйир ёфтани вазъият,рушди «одат кардан ба чиз (ҳолат)-и ғайриодатӣ»;
- расонидани тамоми малакаҳои касбӣ то сатҳи боэътимод;
- ба даст овардани малакаҳои амал кардан дар шароити экстремалӣ.

<u>3. Ташаккули маҳорати ба эътибор гирифтани омилҳои равонию педагогӣ ҳангоми ҳал кардани вазифаҳои хизматӣ ва расонидани таъсири психикӣ (рӯҳӣ) ба муҳити ҷиноятӣ</u>.

- соҳиб шудан ба донишҳо оид ба омилҳои равонии ҳолатҳои фавқулодда (оперативӣ)-е, ки ба мураккабшавии онҳо таъсир мерасонанд, боиси ҷинояткоршавии шахс гашта, ба вайрон кардани реҷаи муассисаи ислоҳӣ (МИ) мусоидат мекунанд;
- шинос шудан бо равонии маҳкумшуда, бо нишондод (дастурдиҳӣ, ақидаҳо ва меъёрҳои рафтори ӯ;
- таъмин бо донишҳо оид ба хусусиятҳои психологии таъсир ба муҳити маҳкумшудагон;
- ташаккул додани вазифагузории ботинӣ, таваҷҷӯҳ ба дарки ҷанбаҳои психологӣ ва педагогии фаъолияти хеш, хоҳишҳо ва кӯшишҳои мунтазам ва боақлона анҷом додани ин амалҳо;
- инкишоф додани маҳорати ҷамъ кардани иттилооти психологӣ дар бораи омилҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои хизматӣ, маҳорати таҳлил кардани он ва баровардани хулосаҳо дар кори худ таъсир мерасонанд.
- ташаккули маҳорати дуруст қабул кардан ва омӯхтани одамони дигар, гурӯҳҳо, дарк кардан ва шинохтани психологияи онҳо,ҳангоми ҳал кардани вазифаҳои касбӣдарёфт намудани муносибатҳои фардӣ нисбати онҳо;
- ташаккул додани маҳорати аз ҷиҳати равонӣ дуруст ташкил намудани муошират бо шаҳрвандон дар ҳолатҳои гуногуни фаъолияти хизматӣ;
- такмил долани маҳорати ташкил кардани кори шахсӣ, дурустрафтор кардан дар коллективи кормандони СИҶҶ, ба роҳ мондани муносибатҳои хуб боҳайати роҳбарон (фармондеҳ), машғул шудан ба худомӯзӣ ва худтарбия, пешгирӣ намудани тағйирёбии касбии шахсияти худ, баланд бардоштани мақом (авторитет)-и кордонӣ ва ахлоқии худ дар байни коллектив ва шаҳрвандон.

## 1.1. Мафҳум, принсипҳо ва мазмуни омодасозии равонии кормандони система иичрои ҷазои ҷиноятӣ

Натиҷаҳои фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ на танҳо ба таъсиси заминаи зарурии ҳуқуқӣ ва моддиву техникӣ вобастаанд, балки ба дараҷаи зиёд ба ҳайати кормандони муассисаҳои ислоҳӣ, тахассуси онҳо, касбомӯзӣ, омӯзиш, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ва шароити фаъолият алоқаманд мебошанд[3].

Ҳамзамон, кор дар муассисаи ислоҳӣ як омилест, ки шахсиятро ба таври назаррас тағйир медиҳад ва бинобар ин, дараҷаи тағйирёбии касбӣмахсусан (ба таври истисноӣ) баланд аст. Агар маҳкумшуда дар муассисаи ислоҳӣ ба мӯҳлати қатъии муайян ҷойгир шуда бошад, вале корманд ихтиёран тамоми ҳаёти меҳнатиашро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ бо намояндагони олами ҷиноятӣ мегузаронад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кормандон назар ба одамони муваққатан ба кор қабулшуда ба бемориҳои гуногун бештар гирифтор мешаванд ва бештар аз онҳо худкушӣ мекунанд. Сабаби асосии ин хеле баланд будани шадидият ва фишор дар фаъолияти онҳо мебошад, ки механизми муҳофизатии организмро заифтар менамояд. Илова бар ин, ҳолати равонии манфии онҳо аксар вақт ҳолати маҳкумшудагонро ба ҳотир меорад, ки дар онҳо механизмҳои мутобиқшавиашон коҳиш меёфтанд.[4]

Ҳатто корманди аз ҷиҳати касбӣ хуб омодашуда наметавонад кори худро самаранок иҷро кунад, агар сифатҳои равонии барои ин кор зарурии ӯ – ахлоқӣ, эмотсионалӣ, суботи иродавӣ, омодагӣ ба амал, сафарбаршавӣ нокифоя бошанд.[5]

Масалан, омодасозии равонии корманд ба монанди омодасозии ҳуқуқӣ, ҷисмонӣ ва ҳарбӣ ҳамчунин дар такмилёбии касбӣ аҳамияти бузург дорад.

Омодасозии психологӣ дар асоси зерин анҷом дода мешавад:
1) мувофиқи шароитҳои фаъолияти корманди ҷавон дар муассисаи ислоҳии мушаххас;
2) ҳангоми ҷойивазкунӣ ва тағйир додани ҷои хизмат ва вазифа;
3) ҳангоми омодасозӣ ба фаъолият дар шароити мураккабшуда ва экстремалӣ;
4) пеш аз ба нафақа баромадан.

Омодасозии равонӣ **умумӣ** ва **махсус** шуда метавонад**.**

Омодасозии равонии умумӣ бо ташаккул ва нигоҳ доштани ҳайати шахсӣба таври пурра вобаста аст; омодасозии равонии махсус ба ташаккули омодагии касбии сатҳи баланд барои иҷрои вазифаи мушаххас робита дорад.

Вобаста ба хусусияти фаъолияти хизматии кормандон пеш аз анҷом додани омодасозии равонии онҳо корҳои зеринро анҷом бояд дод:
– муайян бояд кард, ки кадом намуд ва маҷмӯи омодасозии психологиро анҷом додан лозим аст;
– бо назардошти масъалаҳо ва хусусиятҳои намуди омодагӣ фаслҳои асосии барномаи омодасозии психологиро саҳеҳтар бояд кард;
– мавзӯъҳо, шаклҳо ва усулҳои машғулиятро мушаххас кардан зарур аст.

**Принсипҳои** омодасозии равонӣ аз зерин иборатанд:
– ҳаддалимкон мувофиқат кунондани омодасозии психологии анҷомдодашаванда ба шароити фаъолияти ояндаи кормандон;
– системанокӣ ва пайдарпаӣ (муттасилӣ);
– муносибати ҷудогона ва инфиродӣ;
– дастурдиҳӣ ба худтарбия.

---

[3]Зубков А. И. , Калинин Ю. И. , Сысоев В. Д. Пенитенциарные учреждения в системе Министерства юстиции России: история и современность / под ред. Степашина С. В. , Крашенниникова П. В. М. : норма, 1998.
[4]Г.Ф. Хохряков Парадоксы тюрьмы Юридическая литература, 1991
[5]Психологическая подготовка сотрудников пенитенциарных учреждений к действиям в экстремальных условиях / А.И.Ушатиков, О.Г.Ковалев, В.А.Семенов. Рязань: РИПЭ МВД России, 1997.

Таъсири шадидияти стрессиро дар шароити фаъолияти махсус бо ёрии омодасозии психологии махсуси кормандон хеле паст кардан мумкин аст.

Вазифаҳои омодасозии психологии махсус аз зерин иборатанд:

– баланд бардоштани устувории равонии кормандон ба амали омилҳои стрессӣ, ки барои муассисаҳои ислоҳӣ хос аст;

– дар кормандон инкишоф додани сифатҳои психологии зарурӣ ва ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои махсусе, ки барои амалҳои касбии босамар дар шароити муқаррарӣ, мураккаб ва экстремалии фаъолияти хизматӣ мусоидат мекунанд.

– иҷрои босамари ӯҳдадориҳои вазифавӣ (функсионалӣ) аз ҷониби кормандон, ки бо таъмини реҷа, назорат, истифодаи меҳнат, ҳалли масъалаҳо ҷиҳати ислоҳшавӣва ресотсиализатсия (ба ҷомеа мутобиқшави)-и маҳкумшудагон, рафтори ҳуқуқриоякунии онҳо баъди озод шудан вобаста мебошад.

Мазмуни асосии омодасозии равонии умумии зеринро дар бар мегирад:

1. Рушди тадриҷӣ ва то сатҳи баланди камолот расондани функсияҳои психикии муҳимтарин – фаҳмидан (дарк кардан), тафаккур, таваҷҷӯҳ, босуръатии аксуламал (вокуниш), мушоҳидакорӣ ва ғ.
2. Рушди қобилият ба кӯшишҳои иродавӣ, бартараф кардани мушкилоти ҳам берунӣва ҳам дохилӣ.
3. Ташаккули сифатҳои ахлоқи(маънави)-и корманд (боадолатӣ, ҳайрхоҳӣ, бовиҷдонӣ) .

Ҳамаи ин *марҳилаи якуми* омодасозии психологии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ташкил мекунад.

*Марҳилаи дуввум* – омодасозии бевосита ба фаъолият: ташаккул ва дастгирии ҳолати омодагии психологии кормандон ба амалҳо дар шароити мураккаб.

Унсурҳои асосии омодагии психологӣ аз зерин иборатанд[6]:

1. Қобилиятҳои касбӣ:

– тамоюли психологӣ(мушоҳидакорӣ, хотира, дарк кардан, тафаккур).

2. Маҳорат:

– ба эътибор гирифтани шароити психологӣ, истифода кардани воситаҳо ва тарзҳо (муносибатҳо)-ипсихологӣҳангоми иҷроиши амалҳои касбӣ;
– ба эътибор гирифтани шароити психологии самаранокии амалҳои касбӣ;
– анҷом додани муоширати касбӣ;
– тавонистани қиёфасозӣ, имову ишорат, вазъи истодан;
– амалӣ сохтани рафтор бо иҷроиши ролҳо;
– рафтори дуруст карда тавонистан дар вазъияти низоъӣ;
– амалӣ карда тавонистани муносибатҳои техникии психологӣ;
– донистани муносибатҳои тактикию психологӣ;
– сафарбар кардани хеш ва худро идора карда тавонистан;
– босамар амал кардан.

3. Суботи ахлоқию равонӣ:

– ҳисси масъулият, ӯхдадорӣ;
– коллективизм, рафоқат;
– интизомнокӣ;
– устувории равонӣ.

[6]А.М.Столяренко Личностный подход в юридической психологии. Энциклопедия юридической психологии. М., 2003.

4. Боэътимодии равонӣ:
– боварӣ ба худ;
– боэътимодии малакаҳо.

Дар шароити мавҷуд будани хавф (риск) аҳамияти чунин хосиятҳо ба монанди дараҷаи боварӣ кардан ба худ, қобилияти зуд ба вазъият сарфаҳм рафтан, машқ (омӯзиш)-и касбии рафтор дар ҳолатҳои ғайристандартӣ ошкор карда мешаванд.[7]

Барои тавсифи психолравонии рафтори хатарнок (таваккал ё рискнок), корманд бояд дорои маҳдудсози (локус)-и ботинӣ ва берунӣ бошад (мувофиқи ақидаи Роттер). Шахсонидорои назорати маҳдудкуни (локус) -и беруна ҳангоми қабули қарор дар изтироб мешаванд, муваффақиятро ба вазъияти беруна вобаста мекунанд.

Дараҷаи баланди дар изтироб будан ба рафтори ғайримуқаррарӣ дар вазъият: боздошткунӣ аз таваккал (риск)-и аз ҷиҳати иҷтимоӣ ё шахсиятӣ асоснокшуда, ё баръакс ба рафтори хатарноке, ки имкониятҳои инфиродиро ба эътибор намегиранд, мусоидат мекунад.

Омилҳои синну солӣ низ метавонанд аҳамият дошта бошад: эҳтимолияти қабули қарор дар бораи рафтор (таваккал)-и хатарнок ба синну сол чаппа мутаносиб аст - ба даст овардани таҷрибаи ҳаётӣ дараҷаи нисбатан баланди эҳтиётшавиро ташаккул медиҳад.

Номуайянии иттилоотӣ низ мушкилот эҷод мекунад, ки дар навбати худ сабаби нобовариба расидан ба ҳадаф мебошад. Мушкилоти қабули қарор бо ҳисси масъулият низ вобаста аст. Ба замми ин шахсоне, ки фаъолияти касбиашон вазъияти интихобро бештар ба вуҷуд меорад, аз хатароти ҷисмонӣ ба худ ва одамони дигар не, балки аз «хавфи иҷтимоӣ» дар шакли санксияҳо (муҷозот) барои ҳатои содиршуда бештар нигаронӣ мекунанд.[8]

Шакли шахсиятии танзими рафтор дар ҳолатҳои таҳдиди хатар (хавф) маънои онро дорад, ки шахси худро ба хавф андозанда(таваккалкунанда) дараҷаи хатарро дарк мекунад (мефаҳмад) ва чунин манфиатҳои муҳими асосиро, ба монанди ҳаёт, саломатӣ, бехатарӣ ва ғ. ба эътибор мегирад.

Механизми қабули қарорҳо дар вазъияти хатари асоснокшуда аз зерин иборат аст:

а) ҳадафе, ки чун ҳадафи аз ҷиҳати иҷтимоӣ мусбат ва муҳим дарк карда мешавад;

б) арзёбии вазъият ҳамчун истиснокунадаи имконияти расидани бехатар ба ҳадаф;

в) дарки имконияти интихоби байни вариантҳои бехатар ва хатарноки амалҳо ё вариантҳо бо дараҷаҳои гуногуни хатар;

г) мавҷуд будани ҳаҷми иттилоте, ки барои пешбинии оқибатҳо ва хулосаи эҳтимолӣ дар бораи имконият (шонс) –ҳои расидан ба ҳадаф кифоя аст.

Дарки хатар (риск) аз зерин иборат аст:

а) дарк кардани ҳадафи гузошташуда ҳамчун ҳадафи иҷтимоии мусбат;

б) дарки хатар, ки барои дур шудан аз он мақсад гузошта мешавад ё хатаре ки ногузир дар раванди расидан ба ҳадаф ба вуҷуд меояд;

в) дарк намудани он, ки вақт ва иттилоот барои ёфтани тасмим (қарор)-и дуруст нокифоя мебошанд;

г) арзёбии оқибатҳои манфии имконпазир ҳамчун оқибатҳои камэҳтимол нисбати оқибатҳои мусбат;

е) ташаккули тасаввурот дар бораи тадбирҳои имконпазири бехатарӣ (амният) дар асоси иттилооти мавҷуда дар бораи вазъият ва пешбинии инкишофёбии имконпазири он.

Омодасозии психологӣ барои анҷом додани амалҳо дар шароити экстремалӣ бо рушд намудани системаи малакаҳо ва маҳоратҳо (қобилиятҳо) ба охир намерасад. Дар корманд ташаккул додани системаимуайяни сифатҳо (хусусиятҳо)-и психологӣ зарур аст, ки ба онҳо дохил мешаванд: суботи эмотсионалӣ, қобилияти худтанзимкунӣ ва аз ҳама муҳимаш - омодагӣ

---

[7]Романович ГГ, Юстицкий В. В. Психологические особенности сотрудников ОВД в экстремальных условиях. Минск, 1988.

[8]Петровский В.А. К психологии активности личности // Вопросы психологии. 1975.

ба амал кардан дар шароити ғайримуқаррарӣ (ғайричашмдошт), ҳодисаҳои ногаҳонии эҳтимолӣ ва таъсироти стрессӣ (сангин). Дар айни замон фардикунонии таълиму машққунӣ (омӯзиш) ва назорати доимии равонӣ зарур аст.

Барои иҷрои бомуваффақияти ӯҳдадориҳои касбӣ кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноят бояд маҷмӯи муайяни хусусиятҳои равонии инфиродӣ дошта бошанд, ки ҳамчун омилҳо барои мутобиқ шудан ба стресс баромад мекунанд.

Фаъолияти корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дорои чандин хусусиятҳо мебошад. Хусусияти функсияҳо (вазифаҳо)-е, ки ӯ анҷом медиҳад, хусусиятҳои омодасозӣ ва интихоби кадрҳоро пешбинӣ мекунад, тартиби таъйин кардан ба вазифа ва озод кардан аз вазифаҳо, танзими масъулият ва тартиби адои хизматроанҷом медиҳад.

Дар зери мафҳуми шахсияти корманди муассисаи ислоҳӣ шахсияти одами мушаххасро дар маҷмӯъбо он хосиятҳо ва сифатҳоро мефаҳманд, ки онҳо ӯроҳамчун объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошууронатавсиф медиҳанд

Шахсият ташаккул ва инкишоф ёфта, дар раванди фаъолият, муошират, бо таъсири шароитҳое, ки ба таърихи ҳаёти вай хос мебошанд, тағйир меёбад.

Объекти фаъолияти кормандони муассисаҳои ислоҳӣин маҳкумшудагон мебошанд. Ба эътибор гирифтани омили мазкур бояд чизи асосӣ дар амалҳо ва рафтори кормандон бошад. Фаъолияти касбӣ дар муассисаи ислоҳӣ ба хусусиятҳои шахсии кормандон талаботҳои ҷиддиро мегузорад[9].

Дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣфаъолияти корманд бештар бо вазъиятҳои стрессӣ ва экстремалӣ вобаста аст.

Ба кормандони хизмати самташ экстремалӣ барои самаранок ба фишори стрессӣ тоб овардан суботи психологӣ, муносибати мусбӣ ва сатҳи пасти шиддати асабоният ва аҳволи психикӣ (рӯҳӣ) имкон медиҳад.

## 1.2. Сафарбаркуни (мобилизатсия) -и равонии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ

Истилоҳи сафарбаркунӣ ба русӣ «мобилизатсия» мебошад, ки он аз калимаи лотинӣ *mobilis* гирифта шуда, маъноям «ҳаракаткунанда» мебошад. Дар айниҳол мафҳуми мазкур аксаран ба маънои васеъаш истифода мешавад: «ягон шахсро баҳолати фаъолнок овардан, ки иҷроиши бомуваффақияти ягон масъала (вазифа)-ро таъмин мекунад».

Сафарбаркунии иҷрокунандагон барои ҳалли вазифаҳои оянда қисми муҳими фаъолияти ташкилотчигии роҳбар мебошад. Зарурат ба он ба раванди табиии тағйирёбии ҳолати равонии корманд вобаста буда, дар он қонеъгардӣ бо шароитҳо, раванди фаъолияти меҳнатӣ, муносибатҳои мутақобилаи ба вуҷуд омада бо роҳбарият, иқлими иҷтимоию равонӣ дар коллектив ва омилҳои дигар инъикос меёбанд.

Ҷузви асосии ҳолати сафарбаршавӣ- ангезанда (ҳавасмандкунанда)-ю. иродавӣ мебошад, зеро моҳияти сафарбаркунӣ ин фаъолгардонии ангезаҳои фаъолияти хизматии корманд ва ташаккули маънои муносиби иҷрои вазифаи мушаххаси хизматӣмебошад.

Дар ҳолати муайян омилҳои чудогонае, ки кормандро меангезонанд (ҳавасманд мекунанд), ба дараҷаҳои гуногун зоҳир мешаванд ё барои иҷрои супориши хизматӣарзиши мусбӣ ё манфӣ доранд.

Дар маҷмӯъ сафарбаршавии корманд бо аломатҳои зерин тавсиф дода мешавад:

а) мавҷудияти ангезаи таъсирбахше, ки ӯро барои иҷрои босамари вазифаҳои хизматӣ водор месозад. Таҳқиқоти П.П. Баранов (1991) нишон медиҳад, ки ангезае хеле паҳн шудааст, ки бо тарсу хатар барои болоравӣ дар вазифа ё амнияти шахсӣвобаста мебошад. Дар байни ангезаҳое, ки кормандон ҳангоми қабул кардани қарор барои амал кардан ё боздоштани худ аз

[9]Даниличева Т.П. Коммуникативные навыки сотрудников УИС как фактор их успешного профессионального развития // Актуальные проблемы социальной педагогики и акмеологии. – Шуя – Тула: Изд-во «Весть», 2014.

иҷрои ондар чои аввал  меистад, ин интизории амрияҳо, дастурҳо ва тарс аз эҳтимолияти ба ҷавобгарӣ кашида шудан мебошад (А. Н. Роша, 1985);

б) дарк кардан (фаҳмидан)-и аҳамият ва масъулият, бахудфармондиҳии бо aқлонава мусбат барои кори оянда;

в) ботамкинии умумии эмотсионалӣ, муносибат ва шавқу таваҷҷӯҳи мусбии эмотсионалӣ ба корҳои анҷомдодашаванда;

г) доштани азми иродавии қавӣ, қатъияти амал кардан ва бартараф кардани мушкилот;

е) захираи кофии нерӯ ва кайфи ҳоли хуб;

д) маҳорати дастгирӣ карда тавонистани ҳолати сафарбаршавӣдар сатҳи зарурӣдар давоми тамоми вақти иҷрои вазифа.

Бо вуҷуди гуногун будани равандҳои психологӣ ва вазифаҳои кормандон барои онҳо баъзе хусусиятҳои умумӣхос мебошанд:

а) онҳо дар шароитҳои вазнин (экстремалӣ) ба вуҷуд меоянд ва зоҳир мешаванд, ба стрессӣ будани фаъолият алоқамандӣ доранд;

б) ба осонӣ тағйир меёбанд ва ҳатто зери таъсири омилҳои эмотсионалӣ тағйиротҳои бузург дошта метавонанд.

Вобаста ба дараҷаи омодагии иҷрокунанда ба фаъолияти минбаъда чор сатҳи сафарбаршавиро  фарқ мекунанд (А.И. Папкин, А.М. Столяренко, 1987).

1) сафарбаршавии пурра;

2) сафарбаршавии кифоя;

3) сафарбаршавии нокифоя;

4) ғайрисафарбар шудан (сафарбарнашуда).

Сафарбаршавии кофии кормандон иҷроиши супоришро мувофиқи талаботи пешниҳодшуда таъмин мекунад, вале,  чун қоида, бар  хилофи сафарбаршавии пурра дар он ҳамаи имкониятҳои  эҳтимоли (потенсилаи)-и  иҷрокунанда, аз ҷумла имкониятҳои эҷодӣистифода намешаванд.

Сафарбаршавии нокифояи кормандаксар вақт дар шакли муносибати  расмӣ ба вазифаи гузошташудашуда, кӯшиш кардани корманд барои бо баҳонаҳои гуногун аз иҷрои супориш «сар тофтан», муносибати сарсарӣ ба кор, иҷрои бесифати супориши додашуда зоҳир мешавад.

Ҳангоми ғайрисафарбар шудани иҷрокунандагон намудҳои зерини рафтор вомехӯрад: танҳо  муносибати расмӣ,  «коршиканӣ ё саботаж»-и пинҳонии иҷроиши супориш, рад кардани иҷроиш. Баландшавии сатҳи  сафарбаркунии иҷрокунандагон аз роҳбарон дарки сабабҳои вазъи бавуҷудомада ва донистани механизмҳои сафарбаркунии психологӣ(равонӣ)-ро талаб мекунад. Сафарбаркунии равонӣ самтҳои зеринро дар бар  мегирад:

а) активатсия (фаъол кардан)- и ангезаҳои барои фаъолияти минбаъда  мусбат;

б) бартарафкунии ҳолатҳои рӯҳи (психикӣ)-е, ки фаъолонаоғоз кардани фаъолияти ояндаро бозмедоранд;

в) рушди суботкорӣ.

Сафарбаршавӣ дар намуди умумӣ аз ҳамкории роҳбар ва иҷрокунанда иборат мебошад.

Сохтори сафарбаршавии иҷрокунанда зеринро дар бар мегирад:

1) ташаккули ҳолати  сафарбаршуда ё сафарбаркунии нопурра;

2) дар руҳия (психика)-и  иҷрокунанда фаъол намудани равандҳои сафарбаркунанда, зеҳнӣ, эмотсионалӣ, иродавӣва психофизиологӣ;

3) мустахкам кардани ҳолати сафарбаркунандаи иҷрокунанда. Сохтори психологии сафарбаркунии сардор (роҳбар) аз зерсохторҳое иборат аст, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

*Ҷадвали 1*

**Фаъолияти роҳбар оид ба сафарбаркунии иҷрокунандагон барои иҷроиши вазифаи гузошташуда**

| Намудҳои фаъолият | Аломатҳои сафарбаршавӣ |
|---|---|
| 1. Муайян кардани зарурати сафарбаркунии иҷрокунандагон ба вазифаи гузошташуда | Мавҷудияти ангеза (ҳавасмандкунанда)-и таъсирнок, ки барои фаъолияти оянда водор месозад . |
| 2. Тамоюл лар вазъияти ибтидоии сафарбаршавӣ | Дарки муҳимият ва масъулият барои кори супоришдодашуда. |
| 3. Саҳеҳ кардани муаммоҳо, мушкилот, монеаҳо ҳангоми сафарбаркунӣ. | Муносибати аз ҷиҳати эмотсионалӣ мусбат, шавқ ба кори супоридашуда. |
| 4. Таҳияи матлаб ва барномаи сафарбаркунӣ. | Ҳолати зарурии кайфият, ҷуръати бартараф кардани монеаҳо . |
| 5. Амалисозии сафарбаркунӣ. | Захираи кофии нерӯ, кайфияти ҳоли хуб |
| 6. Натиҷаи сафарбаркунӣ–ҳолати сафарбаршавии ҳайати шахсӣ | |

Шартҳои асосии психологӣ барои самаранокии кори сардор ва хадамоти психологӣ дар самти сафарбаркунии зертобеон барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба зерин вобастаанд:
а) дар ботини худ ташаккул додани сафарбаркунии кифоя ё пурра
б) аз худ кардани маҷмӯи тарзҳо ва усулҳои сафарбаркунӣ.[10]

Мавқеи аз ҷиҳати психологӣ асосноккардашудаи роҳбар оид ба масъалаҳои сафарбаркуни кормандон бо он вобаста аст, ки:

**Якум**, ки ин қисми муҳими таркибии фаъолияти идоракунии роҳбар мебошад;

**Дуввум**, сафарбаркунии иҷрокунандагон барои иҷрои вазифаҳои муҳимумушаххаси хизматӣколлективро хеле муттаҳид карда, фазои аз ҷиҳати психологӣ солимро фароҳам меорад;

**Севвум**, сафарбаркунии иҷрокунандагон ба роҳбар барои ҷуброн кардани камбудиҳои фаъолияти ташкилии худ дар бартараф намудани мушкилоти бавуҷудомадаи хусусияташон объективӣ ва субъективӣ кӯмак мерасонад.

Дар айни замон сафарбаркунӣнабояд ба дастурдиҳии доимӣ мубаддал гардад, зеро он вақт аксар зиддисафарбаркунӣ (демобилизатсия)-и иҷрокунандагонро ба вуҷуд меорад, яъне ин кор ба натиҷаҳои баръакс оварда мерасонад.

Тарз ва усулҳои сафарбаркуниро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст (Ҷадвали 2):

*Ҷадвали 2*

**Тақсимоти тарзҳо ва усулҳои сафарбаркунӣ аз рӯи гурӯҳҳо**

| Намуди ангезаҳо | Тарзҳо ва усулҳои сафарбаркунӣ |
|---|---|
| Аз рӯи хусусияти фаъолияти хизматии кормандон | 1.Ангезаҳои маънавӣ ва ҳуқуқӣ: маънидод кардани қонунҳо ва зарурати иҷрои ҳатмии онҳо, апеллятсия бақарзи шаҳрвандӣ, шуурнокӣ ва ғ. |
| | 2.Ангезаҳои корбарӣ(тиҷоратӣ): бой гардонидани мухтавои меҳнат, ворид намудани унсурҳои мустақилият ва эҷодкорӣ дар фаъолияти меҳнатӣ. |
| | 3. Ангезаҳои коллективофаранда: ташкили дастгирии ҳамдигарӣ ва ҳамдигарро иваз карда тавонистан, таъсир тавассути пешвоёни гурӯҳҳои |

[10]Психологическая подготовка сотрудников пенитенциарных учреждений к действиям в экстремальных условиях / А.И. Ушатиков, О.Г. Ковалев, В.А. Семенов. Рязань, 1997.

| | |
|---|---|
| | ғайрирасмӣ. |
| | 4. Ангезаҳои шахсиятии мусбат: ошкор кардани пешомадҳои болоравӣ дар вазифа, таърифу тавсифи пешакӣ ва ғ. |
| | 5. Ангезаҳои шахсиятии манфӣ: пешниҳоди талаботҳои қатъӣ (сахт), пешакӣогоҳ кардан, аз хавф иттилоъ додан. |
| | 6. Ангезаҳои моддӣ: мукофотдиҳии пулӣ, беҳтар намудани шароити манзилӣ ва ғ. |
| | 7. Ангезаҳои дар як замон ба гурӯҳҳои гуногун равонакардашуда |
| Аз рӯи мазмуни амалҳое, ки ичрокунанда анҷом медиҳад | 1. Ҷалб кардан ба раванди омодасозӣ ва қабули карорҳо. |
| | 2. Ташкил намудани шароитҳои ташкилии сафарбаркунанда (системаи саҳеҳи ӯҳдадориҳо, масъулият, ҷадвали тағйирёбандаи вақти корӣ). |
| | 3. Ҷобаҷокунии сафарбаркунандаи одамон. |
| | 4. Халли сафарбаркунандаи масъалаҳо (вазифаҳо). |
| | 5. Назорати сафарбаркунандаи иҷроиш. |
| | 6.Арзёбии фаъолияти кормандон |
| | 7. Иттилоотонӣ дар бораи натиҷаҳои фаъолият. |
| | 8. Чорабиниҳои махсус оид ба сафарбаркунӣ (ҷаласаҳо, сӯҳбатҳо ва ғ.) |
| Аз рӯи механизмҳои психологии таъсир | 1. Эътиқод. |
| | 2. Талқин кардан. |
| | 3. Мубтало (гирифтор) кардан |
| | 4. Хавасманд кардан |
| | 5. Маҷбур кардан. |
| | 6. Фишори психологӣ ва ғ. |
| Универсалӣ, махсусгардонидашуда ва ғайра | 1. Сахтгирии роҳбар. |
| | 2. Намунаи шахсӣ ва ғ. |

Баъзе усулҳо ва тарзҳои сафарбаркунӣ хусусияти универсалӣ (умумӣ) дошта, метавонанд дар як вақт ба гурӯҳҳои гуногуни ангезаҳо равона карда шаванд.
Вобаста ба мазмун тарзҳо ва усулҳои зерини сафарбаркуниро фарқ мекунанд, ки ба зерин вобастаанд:

а) бо ҷалби иҷрокунандагон ба раванди омодасозӣ ва қабули қарорҳо (тасмимгирӣ);
б) бо ташкили шароитҳои ташкилии сафарбаркунанда барои иҷрои вазифа (супориш) ;
в) бо ҷобаҷогузории сафарбаркунанди одамон (ки хусусиятҳои инфиродии кормандонро ба эътибор мегирад);
г) бо иҷроиши сафарбаркунандаи масъала (суоприш) тавассути истифодаи усулҳои талқинкунӣ, талқини мустақим ва ғайримустақим;
д) бо назорати сафарбаркунандаи иҷроиш;
е) бо иттилоотонии саривақтӣ оид ба натиҷаҳои фаъолият;
ж) бо тадбирҳои махсус оид ба сафарбар кардан (ҷаласа, ҳамоиш ва ғ.).

Мувофиқи табиати равонии таъсирбахшӣ ба одамон ҳангоми и сафарбаркунӣ талқин кардан, тавсия додан, сироят кардан, ҳавасмандгардонӣ, маҷбур кардан, фишор овардан ва воситаҳои дигар истифода мешаванд. Омили муҳими сафарбаркунӣ–сахтгирӣ, намунаи шахсии роҳбар мебошанд.

Мушкилоте, ки роҳбарон ҳангоми сафарбар кардани зердастон пайдо мекунанд, на танҳо бо ақидаҳои роҳбар, надонистани усулҳо ва тарзҳои сафарбар кардани ӯ, балки натавонистани сафарбар кардани иҷрокунандагон барои иҷрои ин ё он вазифаи хидматӣ низ вобаста мебошад.

[Дар як қатор мавридҳо баъзе роҳбарон сабабҳои ғайриқаноатбахш будани вазъи корҳоро дар муассисаи ислоҳифақат ба иҷро накардани супоришҳо, беинтизомӣ, бемасъулиятии кормандон вобаста мекунанд, дар ҳоле, ки охириҳо (кормандон) бо шароити бад ва ташкили пасти меҳнат, арзёбии нодурусти корашонқонеъ намебошанд].

Мушкилоте, ки ҳангоми дар кормандон ташаккул додани омодагии сафарбаркунанда ба вуҷуд меоянд, метавонанд ба омилҳои объективие вобаста бошанд, ки ҳоло хеле бисёранд ва онҳоро бояд ҳангоми гузаронидани корҳо оид ба сафарбаркунии психологии кормандон ба эътибор гирифтан зарур аст.

## 1.3. Методҳо ва усулҳои омодагии равонии кормандони қисмҳо ва хадамоти гуногун

Масъалаи омӯзиши усулҳо ва тарзҳои худтанзимкунии психологӣ дар фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз самти наве иборат аст, ки дар пайравии илмҳои тиб, психология, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва ғ. ба вуҷуд омадааст.

Дар ҳама давру замон инсон худроҳамчун як ҷузви органикии табиати атроф баррасӣ мекард, ки бо ҳазорҳо риштаҳои ниҳонӣ бо одамони дигар, ҳодисаҳои стихиявии табиат ва тамоми предметҳо (ашёҳо, аз ҷумла ҷирмҳои кайҳонӣ) алоқаманд аст. Робитаҳои хаёлии тасаввуфиро бо ҳодисаҳо ва объектҳои табиат истифода карда, ӯ мекӯшидпардаи ояндаи худробикшояд, ҳозираро тақвият диҳад. Маҷмӯи чунин таъсирбахшӣхеле бузург буд – аз рақсҳо ва ҳаракатҳои ҷодуӣ то лаънатҳои маросимӣ, сеҳру ҷоду ва дуохониҳои гуногун. Асрҳо гузаштанд, вале ҷараёнҳои симиёӣ ва динӣ (оккультно-религиоз-ных процедур)қариб тағйир намеёфтанд.

Дар Аврупосистемаи тарзҳои тренингҳои психологии динӣ ва фалсафӣҳанӯз дар давраи қадим (тамаддуни Критӣ ва Юнони Қадим) маълум буд ва танҳо ба фаъолияти коҳинони ибодати бутпарастии худоёни қадим вобаста аст. Тахмин кардан мумкин аст, ки таҷрибаи худтанзимкунии психофизикиро ҷодугарони қавмҳои олмониҳои қадим, инчунин дигар қабилаҳое доштанд, ки дар Аврупои шарқӣ ва ҷанубу шарқӣ маскун буданд.

Аврупои томасеҳӣ, ба истилоҳ «минтақаи севвуми хирад»-ро ташкил намуда, барои ин мақсад тамоми дониши амалияҳои сеҳргарии тамаддуни юнонӣ-румӣва халқҳои Шарқро ҷамъ кард. Дар асрҳои миёна ин донишҳо дар шаклҳои хурофоти мардумӣ, сеҳри ҷодугарон, азоимхонон, ҷодугарӣ, расму оинҳо нигоҳ дошта мешуданд. Бо муқаррар гардидани масеҳият диққати асосӣ барои хондани дуоҳои дурудароз ва ворид намудани муҳокимаҳои схоластикӣравона карда шуд.

Усулҳои нисбатан мураккаби худтанзимкунии психофизикӣ дар дайрҳои католикӣ ва насронӣ (православӣ) мавҷуд буданд (илова бар ин онҳо то ба ин рӯз боқӣ мондаанд, масалан, литургия-ибодати нисфирӯзии насрониҳо), вале ин асосан ба орденҳои пӯшидаи динӣ, доминиканиҳо, темплиерҳо ва дигарон тааллуқ дошт. Масалан, системаи худтанзимкунии психофизикӣ, ки онро асосгузори ордени иезуитҳо Игнатий Лойола инкишоф додааст, чун «технологияи хаёлот»-и ба рушди руҳиявӣ (психикии) индивидиум ва эҳёи рӯҳонии он равона кардашудатавсиф дода шуда буд. Олими италиявӣА. де Николас технологияи мазкуррошарҳ дода, шабеҳияти дақиқи байни унсурҳои асосии ин машқҳоро ба амалияи медитатсия дар йога ва табобати фрейдиро қайд кардааст.

Дар тафаккури фалсафии ғарбӣ ва таълимоти динӣғояи такмилёбии психофизикӣ мавҷуд буд, ки асоси онро такмилёбии рӯҳонӣ - ба Худо хизмат кардан ва ҷазм кардани ҷисм –рӯза доштан, гуруснагӣ доштан, мавҷудияти ғайриҷинсӣташкил медод (чунин тарзи ҳаёт ба поксириштони тақводори Русия хос буд).

Дар мамлакатҳои шарқ (Хитой, Ҳиндустон, Тибет) идеяи такомул (камолот)-и психикию физикӣ бештар ва ҳамаҷониба рушд ёфтааст.

Хусусияти фарққунандаи ақидаҳои шарқӣ – ин паҳн кардани назарияҳои макро- ва микрокайҳон мебошад. Методика ва муносибатҳои худтанзимкунӣ бо ҷанбаҳои гуногуни психологӣ, физиология, биоэнергетикаи инсон ва хусусиятҳои табиати беруна мувофиқат

карда шуд буданд. Санчиши таҷрибавии ин усулҳо ва тарзҳои худтанзимкунии психикӣ таърихи 5-6 ҳазорсола дорад.Барои машқ намудани системаи асаб ба кормандони муассисаҳои ислоҳӣдар сатҳи муайян нерӯи психофизикиронигоҳ доштан, хусусиятҳои руҳияи худро донистан зарур аст, зеро ҳар як шахс ба сарбориҳои мухталифи эмотсионалӣба таври гуногун омода аст.

Шартҳои нигоҳдоштани ҳолати ахлоқию психологии олиро ба чор гурӯҳи зерин ҷудо кардан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум** ҳамаи он чизҳое ворид мешаванд, ки баҳолат (тамоюл)-и ангезандаю иродавии корманд вобастаанд (ҳадафҳои иҷтимоиро донистани ӯ, ки барои онҳо ба вай ваколатҳои ҳокимиятӣ дода шудаанд, худназораткунӣ, истодагарӣ, интизомнокӣ, исроркорӣ, ҷасурӣвақатъият) .

**Гурӯҳи дуввуми** шартҳо ин «пешгирӣ намудан бо хурсандӣ»(қобилияти шод будан, хоҳиши ба кайфияти ҳоли шахсидавлатманд расидан) мебошад. Эҳсосоти хушнудӣҷараёни равандҳои психофизиологиро мӯътадил намуда, вазъи рӯҳи(психики)-ро аз фишорҳои зиёдатӣмуҳофизат мекунад. Шодмонию хурсандӣ яке аз доруҳои самарабахштарин мебошанд.

**Ба гурӯҳи севвум** шартҳое мансубанд, ки бартараф кардани хастагиро таъмин мекунанд. Бартараф намудани хасташавииоддӣ – чунин маъно дорад, ки рӯзи дигар қобилияти корӣ пурра барқарор карда мешавад. Бартараф кардани хасташавии барзиёд дигар усулҳо ва тарзҳоро тақозо мекунад.

**Гурӯҳи чоруми** шартҳо бо тазриқи «хурсандии мушакҳо» алоқаманд аст (гимнастикаи мушакҳо ин гимнастикаи асабҳо мебошад). Масалан, машқҳои субҳ, обутобдиҳӣ, роҳгардӣ, рақс, дави суст ва ғайра[11].

Қисми дигари муҳими суботи психикии кормандон ин қобилияти дар ҳолатҳои душвори эмотсионалӣ оромиро нигоҳ доштан мебошад. Ҳангоми мутобиқшавии психологии кормандони ҷавон аксар вақтбадхӯии эмотсионалӣ ва шифоҳӣ мушоҳида мешавад.

Ҳангоми пурсиш кормандони мазкур қайд мекунанд, ки вақте ки онҳо мехоҳанд ба ҳадафи худ бирасанд, барои таъсири қуввагӣ расондан ба одамони атроф моиланд, онҳо барои бадхоҳӣ (таҷовуз) дар вазъияти муноқишавӣ омодаанд (И.И. Ратсакула, 2001).

*Ҷадвали 3*

**Усулҳо ва тарзҳои худтанзимкунӣ дар омодасозии психологии кормандонир муассисаҳои ислоҳӣ**

| Сабаб | Усулҳо ва тарзҳо |
|---|---|
| Тарс | 1. Муоширaт (робита) |
| | 2.Таъвиз ва азнавтаъвизкунӣ(қатъ кардан-аз нав ба корандозӣ) |
| | 3. Фаъолияти ҳаракатнок |
| | 4. Худфармондиҳӣ |
| | 5. Худталқинкунӣ |
| Вазъияти беилоҷ | 6. Фаъолнокии ҷустӯҷӯӣ |
| | 7. Тамаркузи диққат |
| | 8. Такмил |
| | 9. Истифодаи мантиқ |
| | 10. Аксултаъсири «озодкунӣ» ҳамчун интиқоли нигарониҳо ва ғамхориҳои худ ба шунаванда |
| | 11. Тахлияи пассив (ашкрезонӣ) |
| | 12. Худ мӯътақид шудан (худмӯътақидкунӣ) |

[11]В.Н.Смирнов Физиология центарльнйо нервной системы, 1998

| | |
|---|---|
| | 13. Тасаввуроти сюжетӣ(истифодаи образҳо-тасвирҳо) |
| | 14. Дамдарунӣ – худтаҳлилкунӣ ҳамчун василаи ҳифозат |
| | 15. Фароғати пассив (камфаъол) |
| | 16. Тахлияи ҳаракатӣ |
| | 17. Бо сухан сабук шудан |
| | 18. Худназораткунӣ |
| Ҳаяҷон | 19. Бе кувватшавӣ |

А.М. Столяренко, А.И. Папкин, М.Г. Деболский, Я.Я. Велик, Ю.А. Алферов, А.И. Ушатиков, В.И. Серов ва дигар олимон тарзҳо, усулҳо ва методҳои зерини омодасозии психологиро қайд мекунанд:

– таъсирбахшӣ бо мусиқӣ (гӯш кардани асарҳои мусиқии дӯстдошта, ки дар кассета сабт шудаанд);

– хондани асарҳои бадеӣ, масалан, наср ё назм, ки эҳсосоти мусбиро ба вуҷуд меоранд;

– машғулиятҳо дар утоқҳои омодасозии психологӣ: аутотренинг, машқи эҳсоси (эмотсионалӣ)-ю иродавӣ, аутотренинги педагогӣ, тренинг аз рӯи усули Г.Ситин ва ғ.

Ҷузъи муҳими омодашавии иродавӣ ин қобилияти ба худ таъсир бахшидан, худро бовар кунондан мебошад.

Худро чун шахси ҷасурона тасмимгиранда, моҳиронаю далерона амалкунанда тасаввур кардан лозим аст.

Барои тамрини ирода формулаҳо-тасдикфикрҳои зеринро истифода кардан мумкин аст:

- *«Аксар рафиқони ман-одамони ҷасур мебошанд. Онҳо дар шароитҳои аз ҳама мушкил бо қатъият амал мекунанд. Ман ҳам ба мисли онҳоям» ««Дар давоми тамоми зиндагиам ман ҳамеша шахси боқатъият амалкунанда будам. Ман ҳоло ҳам одами қатъӣ мебошам»*
- *«Рафиқони ман қатъият ва ҷасурии маро қадр ва эҳтиром мекунанд*
- *«Ман худ ба худ (як ба як, бо худам) ва рафиқонам ҷасурона (қотеона) рафтор мекунам. Ман ҳамеша мавқеи қатъиро ишғол мекунам».*
- *«Иродаи ман мустаҳкам ва хусусиятҳо(характер)-и ман матин мебошанд,Ман худамро хуб идора мекунам. Ман одами бетарс ҳастам. Ман ҳамеша бо қатъият ва далерона амал мекунам.*
- *«Дар вазъияти ношинос ман қотеона ва ҷасурона сухан ва амал мекунам»*
- *«Ман чи кор карданро хуб медонам, бинобар он зуд ва бе дудилагӣтасмим мегирам (қарор қабул мекунам)».*
- *«Манҳамеша ҷасурона, қатъӣ, дилсардона дар вазъияти дилхоҳ амал мекунам».*

Дар марҳилаи омодасозии психологӣ тасаввуроти мушаххасро ба вуҷуд овардан зарур аст. Барои худро шахси боирода тасаввур кардан рафтори рафиқони худро ба хотир овардан, аз онҳо шахсони ҷасур ва боқатъият амалкунандава боиродаро ҷудо кардан вадар онҳо сифатҳои нисбат ба сифатҳои худ сусташро ҷустан зарур аст. Яке аз воситаҳои оромбахши таъсирнок ин шустани рӯй бо оби сард (қабули душ) мебошад. Чунин тарзи обӣ ба системаи асаб мусбат таъсир мекунад.

Барои омода кардан ва гузарондани машғулиятҳо заминаи таълимию моддӣ зарур аст[12], ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

1. *Ҳуҷраи таълимию методии омодасозии психологӣ*: компютерҳо, тақлиди ҷойи ҳодисаҳо (ҷиноят), видеопорчаҳо, таҷҳизоти проексиядиҳӣ.

[12]Столяренко А.М. Психологическая подготовка сотрудников ОВД. – М., 1987.

2. *Майдончаҳои таълимии омодасозии психологӣ* дар сохтори онҳо зерин мавҷуд буда метавонанд:

– минтақаҳои монеаҳо, ки барои баланд бардоштани омодагии ҷисмонӣ ва психологӣ истифода мешаванд, таҷҳизоти махсус: лабиринт, таҳхона, хонача, автомашина, ҳавзчаи об,қитъаи дуду оташдор, девор, кӯпрукчаи лаппанда(ҷунбон), монеаҳои гуногун (қонуншикан – таъқибшаванда);

– раҳҳои психологӣ (оташ, рӯшноии баланд, дуд, газҳо, бӯйҳои гуногун, тирпарронӣ, таркишҳо, таъсироти ғулғулавӣва садоӣ ва ғ.) ;

– майдончаҳо барои машқҳои эҳсосӣ ва иродавӣ (ба вуҷуд овардани вазъиятҳо чиҳати ба вуҷуд омадани шиддатнокии психологӣ, ҳаяҷон, хавф, тарс ва ғ.).;

– қитъае, ки бо афзорҳои махсус муҷаҳҳаз шудааст (зинапояҳои шикаста, алвончак, дарахтон, бурҷҳои парашютӣ, ходаҳо, гузаргоҳҳои баланди болои об ва ғ.).

Чандин карат гузаштан аз мушкилот иродаро обутоб дода, вазъияти мусобиқавӣ сарбории психологиро зиёд мекунад.

3. *Шаҳраки таълимӣ* тамсила (модел)-и қисми колония (маҳбас) – чунон муҷаҳҳаз мегардад, ки дар рафти машғулият зерин таъмин карда мешавад:

– мушоҳидаи муносиби амалҳои таълимгирандагон (таҷҳизоти телевизионӣ, майдончаҳои мушоҳида ва ғ.);

– имконияти сабт кардани амали таълимгирандагон;

– тамсиласозии психологии вазъият, ки ҳаддалимкон ба вазъияти воқеӣ наздик карда шудааст;

– имкониятҳои васеъ барои иваз кардани намудҳои вазифаҳо.

То оғози машғулият равоншинос (психолог) ташхиси ҳолати кормандонро анҷом медиҳад.

Системаи тамринҳо (машқҳо) зеринро дар бар гирифта метавонад:

а) машқ кардани намудҳои гуногуни идрок (дарк кардан);

б) машқҳои дарки аломатҳои хос (фарққунанда)-и инсон;

в) таҳияи симо(портрет)-и психологии маҳкумшуда ва дарки хусусиятҳои фарққунандаи либос, андому тарзи ист, тарзи роҳгардӣ, имову ишорати даст, одатҳо ва аломатҳо, муқоисаи овоз;

г) қиёс намудани ҳолати психикӣ ва феълу хӯ (темперамент)-и одам;

д) машқ(тамрин) -ҳо дар вазъъияти ошкор кардани ниятҳои агрессивӣ;

е) ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣҳангоми тирпарронӣ (рӯшноӣ, овози баланд, садо, садои занг, ғавғои анбӯҳи одамон, тирпарронӣ ва ғ.).

Машғулиятҳои амалӣ оид ба омодасозии психологӣбо се тарз (вариант) гузаронида мешаванд: таҳлили психологии ҳолатҳои амалӣ; асосноккунии психологии қарорҳои қабулшаванда; таҳия ва татбиқи нақшаҳо ва тарзҳои аз ҷиҳати психологӣ ва педагогӣасосноккардашуда барои баланд бардоштани самаранокии амалҳо.

Марҳилаҳои муҳими омодасозии психологӣин тамсиласози (моделсози)-и психологии фаъолияти оперативию хизматӣдар машғулиятҳо мебошад. Онро бо ду роҳ иҷрокардан мумкин аст. Роҳи якум –наздик кардани шароитҳои беруна ба шароити воқеӣ, дуввум–наздик кардани шароити дохилии машғулиятҳои амалӣба воқеият.

Дар раванди машғулият равандҳои ангезанда (ҳавасмандкунанда) омӯзишӣ, иродавӣпсихомоториро тамсиласозӣ кардан мумкин аст. Онҳо метавонанд ба ташаккули суботи психологӣ, эмотсионалӣ; ҳушёрии касбӣ; омодагӣ ба як чизи нав, ғайричашмдошт равона карда шаванд. Барои иҷрои ин кор ҳангоми гузаронидани машғулият анҷом додани корҳои зерин зарур аст: ҷорӣ намудани унсурҳои номуайянӣ, номаълумӣ, пешбининашавандагӣ, чигилшавӣ; ба вуҷуд овардани изтироби ногаҳонӣ ва сафарҳо; тағйир додани ҷойҳо ва шароити машғулият; қасдан вайрон кардан чизе; муқаррар намудани вазифаҳои ғайриоддӣ; омӯзиши бе кӯмакдиҳӣ ва бо баррасии пешакии вазъият дарёфт кардани ҳалли мушкилот.

Машқ кардани бартарафсозии сарбории физикӣ (ҷисмонӣ) ва психологӣ, ки дар шунавандаҳо худдорӣ кардан,қобилияти баланди кориро инкишоф медихад, бо роҳи бисёркарата такрор намудани амалҳо: босуръати баланд; ҳолати хастагии шадид; шароити номусоид; дар ҳолати зарурӣ иваз кардани рафиқ, халалҳои гуногун тамсиласозӣ мешавад.

Суботи психологии кормандонҳангоми дар тавозун будани равандҳои асабоният нисбатан боэътимод аст. Дар ҳолати аз қолаб берун шудани вазъи рӯҳӣ, ҷараёни боздорӣҳаяҷони асабиро барои ба тавозун овардан қодир нест. Бояд машқҳои махсуси таълими аутогенӣбарои ба ҳолати роҳат(сустшави)-имушакҳо ва шадидият овардан гузаронида шаванд. Рушди омодагии равонӣ(психологӣ) ва сафарбаршавиро дар давоми татбиқ намудан ва коркарди нақшаҳои намунавииомодасозии махсуси психологӣ (гурӯҳҳои забт, гурӯҳҳои фаврӣ-оперативӣ, аз гурӯҳҳои пароканиш, гурӯҳҳои таъйиноти махсус ва ғ.) таълим додан мумкин аст

Тадқиқот дар соҳаи омодасозии психологӣ на танҳо гуногуншаклии функсияҳо ва ҳолатҳоеро нишон дод, ки дар маҳорати касбии корманд мақоми муҳим мебозанд, балки хусусиятҳои махсуси зуҳури ҳамон як хислатҳо ваҳамон як функсияҳо ва сифатҳои шахсиятро вобаста ба талаботҳои ба ҳолати равонии одам пешниҳодшаванда бо намудҳои гуногуни фаъолияти корманд ошкор карданд.

Омодасозии психологиро хадамоти писхологӣбо категорияҳои гуногуни кормандони муассисаи ислоҳӣдар доираи омодасозии хизматии умумӣ (чорабиниҳои якдафъина) мегузаронад ё бо нақшаи алоҳида анҷом дода мешавад.

Вайметавонад чун чорабинии умумие бошад, ки омӯзиши психологии кормандонро дар назар дорад ё махсус мешавад, ки хусусиятҳои фаъолияти ин ё он категория:сардорони отрядҳо, кормандони хадамоти амният, шӯъбаи оперативию ҷустуҷуӣ, нозирони хурд, кормандони шӯъбаи истеҳсолот ва дигаронро ба инобат мегирад.

Масалан, ҳангоми гузарондани омодасозии равонии сардорони отрядҳо шахсият ва навъҳои маҳкумшудагон, воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳии муоширатро омӯхтан мумкин аст. Ҳадафи омодасозии махсус метавонад ҳолатҳои ғайристандартӣ (ғайримуқарарӣ) бошанд: вазъияти мураккабшудаи системаию оперативӣ, беитоатии гурӯҳӣ, гаравгон гирифтан, аз маҳбас гурехтан ва ғайра. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи сардорони отрядҳоро ба психологияи гурӯҳҳои хурди маҳбусон ва пешвоёни онҳо, сатҳи таҳкими гурӯҳҳои хурд, бахусус зуҳуроти низоъмандиҳои гурӯҳӣ ва ҳолати муташанниҷ, рафтор ва амалҳои корманд дар ҳолатҳои экстремалӣҷалб кардан зарур аст.

Дар омодакунии равонӣ ҷойи муҳимро бояд таълими кормандон оид ба аутотренинг ва пешгирии ҳолатҳои стрессӣ ва пасистрессӣ бигирад.

Ҳангоми гузаронидани омодасозии равонӣ бо кормандони хадамоти амният ба ташаккули сифатҳои касбии назаррас дар ҳолатҳои мураккаб ва аз ҷиҳати психологӣ (равонӣ) шадидбояд диққати махсус дод: масалан, ҳангоми барои хомӯш кардани сӯхтор ва расондани кӯмак ба ҷафо (осеб)-дидагон, ба вуҷуд омадани амалҳои авбошон, беитоатии гурӯҳӣ ва бетартибиҳои оммавӣ, гаравгон гирифтан. Бинобар ин машғулиятҳое муҳим ба шумор меравaнд, ки ба таълими суботи эмотсионалию ирода ва рушди худидоракунию худро ба даст гирифта тавонистан дар ҳолатҳои муташанниҷнигаронда шудаанд.

Ба таълими психологии системавӣ (муназзам) нозирони хурд оид ба амният эҳтиёҷ доранд. Бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти онҳо ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои умумӣ ва махсус чунин мавзӯъҳоеро ба эътибор гирифтан зарур аст,ки ба психологияи ҷустуҷӯ, гирдогирд гаштан, қонуншиканро ҳамроҳӣ кардан, хизмат кардан дар изолятори ҷаримавӣва дар қитъаҳои маҳаллии пешгирикунандавобастагӣ доранд.

Дар системаи омодасозии психологии онҳо ташаккул додани малакаҳо ва қобилиятҳои мушоҳида, дарк кардан, дар хотир доштан, рафтор дар ҳолатҳои муноқишавӣ ва омӯхтани имкониятҳои аз онҳо баромадан бояд ҷои муҳимро бигиранд. Таҷрибаи кор бо категорияи мазкур нишон медиҳад, ки ҳангоми ба хизмат оғоз кардани

онҳо машғулиятҳои эмотсионалию иродавӣ оид ба сафарбаркунӣва дар охир аутотренинг гузарондан зарур аст, ки фишори ҷамъшударо аз байн мебарад.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои фаъолият ҳадафҳо ва вазифаҳои омодасозии психологиро муайян мекунанд.

Баъзе барномаҳои омодасозии равонии кадрҳои муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва полис, ки дар солҳои 70-80-ум таҳия шудаанд, қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Вазифаи барномаҳоимазкур ин омӯзиши усулҳои шинохти зуҳуроти физиологӣ ва психологии стресс, усулҳои релаксатсия (истироҳат) ва сафарбаркунӣмебошад(барои бартараф кардани тарсу ва зӯроварӣ нисбат ба қонунвайронкунандагон). Вариантҳои рафторе пешниҳод карда мешавад, ки барои худтарбиякунӣва худназораткунӣистифода кардан мумкин аст. Масалан, барномаҳои махсус вуҷуд доранд, ки барои инкишоф додани қобилияти худдорӣ карда тавонистани кормандон дар шароити стрессҳои сахт нигаронида шудаанд.

Дар мактабҳои гуногуни маҳбасҳо маъмулан, дар доираи курси мавзӯи «Муносибатҳои тарафайни коргарони маҳбас ва маҳбусон» даҳ мавзӯи асосӣ омӯхта мешавад: вариантҳои рафтори инсонӣ дар ҳолатҳое, ки ба бемории рӯҳӣ, сустақлӣ, аломатҳои майзадагӣ, нашъамандӣ, аз меъёри ҷисмонӣ ва равонӣ берун баромадан; рафтори кормандон дар ҳолатҳои бӯҳронӣ; ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳо бо аҳолӣ; масъалаҳои ахлоқӣ (асосҳои этика, ахлоқ, тахассус, демократия); масъалаҳои марбут ба рафтори равонӣ ва рафтори инсон; стрессҳо (сабабҳои пайдоиш, ошкор кардан ва роҳҳои бартарафсозӣ); малакаҳоимуоширaт кардан ва рушди онҳо; падидаи рафтори гурӯҳӣ (психологияи рафтори анбӯҳи одамон ва усулҳои идоракунии он).

Барномаҳо кормандонро дар ҳолатҳои гуногуни зӯроварӣна танҳо дуруст рафтор карданромеомӯзанд, балки ҳамчунин бартараф кардани таҳриккунандаҳо (асабхарошҳо)-и доимиро, ки ба кормандон хос аст, таълим медиҳанд.

Корманд бояд бифаҳмад, ки маҳз қобилияти бартараф карда натавонистани мушкилоти кори ҳаррӯза ва ҳаёти оилавӣ метавонад боисиҳолатҳои стрессӣгардад ва ин аксар сабаби низоъои оилавӣ, талоқ, бемориҳои рагу дил, алкоголизм, нашъамандӣ ва депрессия (рӯҳафтодагӣ ) мешавад.

Барномаи таълими полиси замини **Рейн-Вестфалияи Шимолӣ**, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи психиатрия, психология ва тиб таҳия карда шуданд, курси 3-ҳафтаинаи таълимро дар бар мегирад[13] .

Ҳафтаи 1-уми машғулиятҳо ба омӯзиши мавзӯъҳои зерин бахшида мешавад:

а) усулҳои релаксатсия, машқҳои нафасӣ;

б) методикаҳои ошкор кардани аломатҳои барангезиши ҳиссиётӣ дар худ ва дигарон ва арзёбии ҷиддияти онҳо;

в) усулҳои пешгирӣ ва бартараф кардани низоъҳо;

г) муносибатҳои шифоҳӣ, забони имову ишорат, вазъи андом, усулҳои гуногуни паст кардани шадидияти эмотсионалӣ.

Дарк кардан ва фаҳмидани механизми фаъолияти эмотионалӣ (муассир) ва психикӣ барои ошкор кардани шахсони боадоват (бадхоҳ) кӯмак мерасонад.

Ҳафтаи 2-юми таълим истифода кардани маълумотҳои гирифташуда аз муҳокимаю таҳлил кардан ва бозидани вазъиятҳои гуногуни аз таҷриба гирифташударо пешбинӣ мекунад.

Ҳафтаи 3-юми таълим шунавандагон бевосита бо фаъолияти полисӣ, кибо вазъиятҳои гуногуни низоӣ: ҷанҷолҳои оилавӣ, низоъҳо дар муассисаҳои ҷамъиятӣ ва кӯчаҳо вобастаанд, машғул мешаванд.

---

[13]Sachsse U. Seibstverietrendes Verhaiten, Psychodijnamik – Psychoterapie. Cotingen, 1994; Linehan M. Freiningmanual zur Fherapie der Borderline – Storung. CIP – Vedien. Munchen, 1996.

Дар машғулиятҳо рафтори полис ва усулҳое, ки ӯ истифода мекунад, нуқтасанҷона (дақиқ) таҳлил карда мешаванд.

Таҳиягарони барномаи мазкур ба хулосае омаданд, ки ҳафтаи чоруми тренинг илова карда шуда, дар давоми он диққати асосӣбояддба омӯзиши усулҳои таълими муошират бо аҳолӣ ва дарёфти инкишофи роҳҳои муносибатҳои корӣравона карда шавад. Масалан, қобилияти бо мусоҳиб дар як сатҳ будан ва ӯро ба худ ҷалб кардан ва дар айни замон масофаи муайянро нигоҳ доштан; сӯҳбат кардан, на бозпурсӣ кардан - мисолибаъзе саволҳое мебошанд, ки тақрибан дар давоми ҳафтаи чорум бояд баррасӣкарда шаванд.

Боз як усули дигари аҷиби омӯзиши кормандон аз рӯибарномаи бартараф кардани вазъияти мунокишавӣдар мактаби полиси Ҳессен таҳия шудааст. Асоси онро таҳлили трансаксия (муомила) ташкил медиҳад:ҳолати «Ман» ва сатҳи «Ман» - кӯдак, калонсол ва падару модар. Мақсади асосии курс ин омӯхтани шунавандагон ҷиҳати ошкор карда тавонистани ҳолати «Ман» бо нишонаҳои беруна мебошад.

Дар департаменти штати Индиана (ИМА) курсҳои махсус оид ба омӯхтани тактика ва стратегияи тарзи рафтори ҳолатҳои экстремалӣ (фавқулодда) ташкил карда шудаанд, ки бояд ҳамаи кормандон дар он омӯзиш бигиранд. Вазифаи стратегия ба нестӣ овардани муқовимат аз ҷониби қонуншикан дар ҳолати камтарин будани риск (хатар) нисбати корманд мебошад.

Унсурҳои асосии стратегия –ҳаракат ва амалҳои ногаҳонӣ. Тарҳ (схема)-и асосии рафтор бо истифодаи ин унсурҳо бояд қонуншиканро ба вазъияте гузорад, ки барои вай бегуфтугӯ таслим шудан роҳи ягона боқӣ монад.

Консепся ба натиҷаҳои омӯзиши психологии муносибати инсон ба хатар (риск) асос меёбад. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба дараҷаи хатар инсон мувофиқан рафтори худро низ иваз мекунад.

Дар мактаби **Брисбейн (Австралия)** курси махсуси «Муносибатҳои байни одамон» омӯзонида мешавад. Дар раванди курси омӯзишӣ ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ баррасӣ мегарданд, масалан, гуфтушунид бо одамон ва гурӯҳҳои таҷовузкор, маҳорати муошират бо одамони ақлашон коҳишёфта, шахсоне, ки ба худкушӣазм кардаанд, гузаронидани пурсишҳо, ҳалли низоъҳо ва ғ.

Ҳангоми дар донишҷӯён такмил додани малакаҳо усули бозидани нақшҳо бо сенарияи муайян васеъ истифода мешавад. Бо ин мақсад гурӯҳи омӯзишӣ шартан ба «кормандон» ва «шаҳрвандон» тақсим карда мешавад. Ҳамаи онҳо нақши худро дар асоси нақши ба ҳар як вазъияти мушаххас муайяншуда аз рӯи сенарий бозӣ мекунанд. Илова бар ин, барои гузаронидани чунин вазъиятҳо ҳунармандон (артистон) ва донишҷӯёнроҷалб кардан мумкин аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки омодасозии психологии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар якҷоягӣ бо дигар шаклҳои омодасозӣҷои муҳимро ишғол мекунад, роҳбарони зерсохторҳо бояд усулҳо ва тарзҳои омодасозии психологии ҳайати шахсиро аз худ карда бошанд, иҷрокунандагонробарои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар шароити экстремалии адои хизмат сафарбар карда тавонанд.

## БОБИ II. ШАХСИЯТИ МАҲКУМШУДА [14]

**Вазифаҳои таълим:**

1. Шинос кардан бо мафҳумҳо дар бораи шахсияти маҳкумшуда;
2. Баланд бардоштани сатҳи донишҳо дар бораи хусусиятҳои маҳкумшудагон бо дар назар доштаничинс васинну сол;
3. Гирифтани донишҳо дар бораи хусусиятҳои психологии маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм.

### Мафҳуми шахсияти маҳкумшуда

Ҳар шахсият дар худ асари он шароитҳои ҷамъиятиро таҷассум мекунад, ки дар онҳо ҳаёт ба сар мебарад ва ҳамчун махлуқи бошууру ҷамъиятӣ амал менамояд. Хусусияти шахсияти маҳкумшуда пеш аз ҳама дар симои равонии ӯ зоҳир мешавад: феъл, кобилият, шавқ, мақсад ва муносибат, ки дар фаъолияти инсон ташаккул мeёбанд ва ошкор мешаванд. Ба рушди онҳо муҳити наздиктаринашон, ки дар он зиндагӣ мекунанд, бевосита таъсири калон мерасонад.

Таҷрибаи тадқиқотҳо оид ба маҳкумшудагон афзалият доштани таҳлили равонии шахсиятро нишон медиҳанд. Ҳангоми он мавзӯи омӯзиши психологияи пенитенсионарӣ танҳо он ҷиҳатҳои шахсиятро дар бар мегирад, ки онҳо мунтазам дар рафтор ва фаъолияти шахс дар шароити гузарондани ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ зоҳир мегарданд.

К. К. Платонов дар ин самт ба сохти шахсияти маҳкумшуда таваҷҷуҳ бештаре зоҳир намудааст. Он имкон медиҳад махсусият ва тафовути онро муайян сохта, диққати асосиро ба тавсифҳои интегралии иҷтимоӣ, ки ҳамаи сатҳҳои зерсохториро муттаҳид сохтааст, аз назари психологӣ дида бароем (*ҷадвали 4*).

Ҷадвали 4.

**Хусусиятҳои фардӣ-равонии шахсияти маҳкумшуда**

| № | Зерсохторҳои шахсияти махкумшуда | Хусусиятҳои шахсияти маҳкумшуда |
|---|---|---|
| 1 | Зерсохтори аз ҷиҳати биологӣ вобаста ба хислатҳои шахс: мизоҷ, ҷинс, синну сол.<br><br>Ба воситаи машғулият – туфайли такроркунӣ инкишофи амалҳо муайян сурат мегирад | - **аксентуатсикунонии** тарафҳои заифи характеру мизоҷ;<br>- тақвиятбахшии марҳилаҳои бӯҳронии синну сол;<br>- барҳамхӯрии фарқияти ҷинсӣ ва тахрифи ҷинсӣ |
| 2 | Зерсохтори протсессҳои рӯҳии шахс (хусусияти хотир, тафаккур, нутқ ва ғайра).<br><br>Ба воситаи машғулиятҳо инкишоф дода мешаванд | - набудани зухуроти протсессҳои фикрӣ, карахтии тафаккур;<br>- норасоии таъсирҳои сенсорӣ ва ҷуброни онҳо, кӯшиши онҳоро гуногун намудан;<br>- пуризтиробии шахс, ҳолати андӯҳ, интизорӣ, умедвориҳо, **фрустратсия**;<br>- назорати барзиёд аз болои худ ва ҳамзамон иродаи суст;<br>- ҳардамхаёлӣ, бадҷаҳлӣ;<br>- забони махсуси луздон (жаргон), хаёлпарастӣ |
| 3 | Зерсохтори таҷрибаи шахс.<br><br>Дар ҷараёни омӯзиш инкишоф мeёбад | - мавҷуд будани таҷрибаи ҷиноятӣ ва таҷрибаи зиндагӣ дар маҳбас;<br>- донистан ва риоя намудани қонунҳои маҳбас; |

[14]«Заминаи психологияиислоҳӣ: Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагон» Маводи методии DVVInternational Тошканд, 2010 с

| | | |
|---|---|---|
| | | - маҳорат, малака ва дониши вобаста ба зиндагии маҳбусона, холкӯбӣ (татуировка), ҳаракатҳои хоса, тарзи ист, забони махсус (жаргон);<br>- мавҷуд будани ҳимояи психологӣ: худсафедкунӣ, инкор кардан ва ғайра;<br>- мавҷуд будани назорати берунӣ |
| **4** | Зерсохтори равияи шахс.<br><br>Дар ҷараёни тарбия инкишоф меёбад | - маҳдудияти нақшаҳои ҳаётӣ, мақсадҳо, арзишҳои тарзи ҳаёти ҷиноятӣ ва зиндагонӣ дар маҳбас;<br>- имконияти барои худ содир кардани ҷиноят;<br>- қонеъ намудани эҳтиёҷи худ бо ҳар восита, аз он ҷумла бо роҳи ғайриқонунӣ;<br>- дигаргуншавии (деформатсия) муҳити арзишӣ-маънавӣ;<br>- мавҷуд будани ҳимояи устувори психологӣ вобаста ба эътиқоди қатъии ғайрииҷтимоӣ;<br>- самти мутобиқшавии босуръат, вақтхушӣ, муқаррар кардани робитаҳои ғайриқонунӣ, фиреби кормандони муассиса. |
| **5** | Зерсохтори интегративии қобилият | - рушди қобилиятҳои ҷиноятк орӣ;<br>- самти қонеъ намудани эҳтиёҷоти моддӣ;<br>- санъатҳои дар маҳбас рушдёбанда (расмкашӣ, маснуоти майда, назму насри маҳбасӣ) |
| **6** | Зерсохтори интегративии феъл | - фардият (индивидуализм) ва худпарастӣ, бераҳмӣ, таҷовузкорӣ, бемасъулиятӣ, дурӯғгуӣ, бегонагӣ, хислатҳои бади маҳбасии равшан ифодаёфта;<br>- ҷой доштани хислатҳои бад: майзадагӣ, нашъамандӣ, тахрифи ҷинсӣ;<br>- ҳардамхаёлӣ ва ҷой доштани иродаи «хашмгин»;<br>- ба осонӣ оташин шудан (ҳаяҷони ғайритабиӣ);<br>- эҳсосӣ кундзеҳнӣ (бефаросатӣ);<br>- ҷой доштани муносибатҳое, ки онҳоро конунҳои маҳбас ба тартиб медарорад;<br>- **аксентуатсияи** характер |



**Аксентуатсиякунонӣ** – усули дигар кардани фаъолият бо роҳи хаёл (тасаввурот), ки маълумоти умумиро дар бораи воқеа (зуҳурот) дигар мекунад.

**Фрустратсия** - (аз лотинӣ frustratio — фиреб, ноомад, интизории беҳуда, озурдагӣ, вайрон шудани нақшаҳои фаъолият) - ҳолати рӯҳие, ки дар натиҷаи воқеан ё эҳтимолан имконнопазир будани қонеъкунии ин ё он эҳтиёҷ ба миён меояд.

**Аффективӣ** – ҳиссиёт, табъ, ҳиссиёте, киаз талқин намудан пайдо мешавад.

**Аксентуатсия** - (аз лотинӣ accentus— зада /таъкид/). Аксентуатсияи характери инсон, аксентуатсияи шахсияти инсон, хислати аксентуатсияшудаи шахсият— хусусияти муқаррарии характери инсон (дар манбаҳои дигар – шахсият), ки ҳангоми он баъзе хислатҳои алоҳидаи ӯ аз ҳад зиёд пурзӯр мешаванд. Дар натиҷа нисбати баъзе таъсиротҳои психогенӣ ноустуворӣ ва нисбати баъзеи дагарашон як навъ устуворӣ нигоҳ дошта мешавад.

Аксентуатсия – харобии рӯҳӣҳисобида намешавад, вале аз рӯйи баъзе хусусиятҳояш ба иллати шахсият монанд аст ва ин имкон медиҳад, ки вобаста будани онҳоро тахмин кунем.

**Хулосаҳо:**

– шахсияти маҳкумшуда — ин инсони муайянест бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоиаш, ки ҷазои ҷиноятиро ба ҷо меоварад;

– шахсияти маҳкумшуда мисли ҳар кадом шахс аз рӯйи хислатҳои зерин муайян карда мешавад: фардият; муносибат бо атрофиён; навъи фаъолият; худогоҳӣ; устуворӣ ва ҳамзамон серҳаракатии ҳолати рӯҳӣ; хос будани баъзе хислатҳои психологӣ;

– шахсияти маҳкумшуда он шароитеро инъикос мекунад, ки дар он хаёт ба сар мебарад ва фаъолият мекунад (шароити ҷойи маҳрумият аз озодӣ);

– шахсияти маҳкумшуда таъсири маҳбасро (*ҷойи маҳрумият аз озодиро)* дар худ инъикос мекунад ва аз ин рӯ нисбат ба шароити берунӣ шахсони аз ҷиҳати табиати психологӣ гуногун мавқеи гуногунро ишғол мекунанд;

– шахсияти маҳкумшуда метавонад объект ва субъекти (фаъол ё бепарво) ҷараёниислоҳшавӣ ва барқароршавии иҷтимоӣ бошад.

Шахсияти маҳкумшуда метавонад дараҷаи гуногуни «сирояти» ҷиноӣ дошта бошад, ки мутобиқи он ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:

1) навъи ҷиноятии глобалӣ (*умумӣ*);
2) навъи қисман сироятшуда;
3) навъи пеш аз ҷинояти содиршуда.

Ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ афтида ва бо шахсони аз ӯ дида бадахлоқтар алока намуда, инсон гӯё ташаккулёбии худро хотима медиҳад: дар сираташ ақида, малака, одат, рафтори ғайриҷамъиятӣ пайдо мешавад. Ӯ фишори маънавии ҷазоро эҳсос намекунад, ки аслан таъсири психологии ин чора вуҷуд дорад.

Зери таъсири шароитҳои хосаи маҳбас самти дарк намудани протсессҳои рӯҳӣ, таваҷҷуҳ, қувваи ҳофиза, тафаккур, ҳиссиёт, ирода, характер тағйир меёбад, ба хусус дар ба ҷо овардани адои ҷазо.

Аз ҷониби кормандон донистани хусусиятҳои фардӣ-психологии шахсияти маҳкумшуда имкон медиҳад, ки рафтору фаъолияти ӯ ҳангоми ба ҷо овардани ҷазои ҷиноӣ ва барқароршавии иҷтимоӣ пешгӯйӣ карда шавад. Барои пешгӯйӣ намудани рафтори маҳкумшудагон донистани натиҷаи фаъолияти онҳо кифоя нест. Барои додани баҳои воқеӣ бояд муайян кард, ки кадом сабаб, мақсаду далел раҳнамои амали инсон буданд.

Дар байни хусусиятҳои фардӣ-психологии шахсиятҳои маҳкумшуда, ки ба феълу рафтор ва фаъолияти онҳо ҳангоми адои ҷазо метавонанд таъсири қатъӣ расонанд, сараввал бояд системаи муносибатҳои шахсро пеш овард ва пеш аз ҳама муносибаташро нисбат ба ҷинояту ҷазояш.

Вобаста ба ин муносибат маҳкумшудагонро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

а) шахсоне, ки ҳанӯз ҳангоми тафтишоти пешакӣ аз кардаашон изҳори пушаймонӣ намудаанд ва зарари овардаашонро дарк кардаанд. Одатан онҳо тез ба тарзи ҳаёти маҳбас, гурӯҳ ворид мешаванд, хондану меҳнат кардан мехоҳанд ва тартиботро риоя намуда, дар кори ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд;

б) шахсоне, ки маҳкумшавиашонро беадолатӣ меҳисобанд ва амалашонро ҷиноят ҳисоб намекунанд. Ба онҳо муносибати фаъоли манфӣ нисбат ба тартибот дар маҳбас, чораҳои тарбиявӣ ва маъмурият хос аст.



## Хусусиятҳои равонии маҳкумшудагон вобаста ба синну сол ва ҷинсашон

**Синну сол** — ин дараҷаи инкишофи рӯҳии фард (*индивид*) ва рушди ӯ ҳамчун шахсият мебошад, ки бо маҷмӯи дигаргуниҳои физиологӣ ва психологӣ вобаста аст.

*Тавсифи синнусолии инкишофи шахс системаи муайяни талаботҳои ҷамъиятро нисбат ба инсон дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёташ, моҳияти муносибатҳояшро бо атрофиён ва мақоми ҷамъиятиашро инъикос мекунад.*

Аз ҷониби суд хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии маҳкумшудагон ҳангоми муқаррар намудани иҷрои ҷазо, муайянкунии навъ ва шакли муассисаи ислоҳӣ, бо мақсади фарқияти (дифференсиатсия) таъсири тарбиявӣ ба онҳо ба инобат гирифта мешавад.

Гурӯҳҳои зерини синнусолии маҳкумшудагон фарқ карда мешаванд: бачагона, наврасон, ҷавонон, болиғ, миёнасол, кӯҳансол. Бояд қайд кард, ки ҳудудҳои синну сол тағйирёбандаанд.

Махсусияти мардон ва занон на танҳо аз рӯйи фарқияти умумии биологӣ муайян мегардад, балки аз рӯйи фарқияти нақши иҷтимоии онҳо, тақсимоти меҳнат вобаста ба ҷинс, тарбияи гуногуни писарбача ва духтарбача низ муайян мешавад. Бештар фарқият дар суръати инкишофи ҷисмонӣ ва ба балоғат расидан муҳим аст. Инчунин хусусиятҳои зан ҳамчун модар низ ҷой доранд.

Хусусиятҳои гендерии мардону занон аз бисёр ҷиҳат монананд. Давраи болиғшавии мардон нисбат ба занон ду сол дертар сар мешавад. Марди миёнақад аз зани миёнақад 15% баландтар аст. Шахсони ҷинси мардона ба ҳисоби миёна 5 сол пештар аз дунё мераванд.

Баъзе ҷиноятҳо хосси бештар ин ё он синну соланд, вале ин маънои онро надорад, ки синну сол сабаби содиршавии ҷиноят мебошад. Дар баробари ин, синну сол бо табиати ҷиноят ва фаъолнокии ҷинояти содиршуда вобаста аст. Аз ҳама синну соли мубтало ба ҷиноят 16 - 17 солагӣ аст.

Дар миёни маҳкумшудагоне, ки зарари вазнини ҷисмонӣ расонидаанд, қасдан куштор содир кардаанд, тарзҳои гуногуни дуздӣ кардаанд, бештар шахсони синну соли ҷавон ва болиғ дида мешаванд. Онҳое, ки таҷовуз, ғоратгарӣ, дуздии мошин ва авбошӣ содир мекунанд, бештар ноболиғу ҷавонанд.

Одатан, қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмониро маҳкумшудагони то 40-сола содир мекунанд. Гурӯҳҳои синнусолии 18-24-сола, 25-29-сола ва 30-39-сола ба андозаи баробар ҷиноят содир менамоянд.

Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ муносибати шаҳвонӣ дар байни ҳамҷинсон (гомосексуализм) васеъ паҳн шудааст. Чунин муносибатҳо метавонанд муваққатӣ бошанд ва ҳангоми ҷудошавии шарикон аз байн раванд ё доимӣ бошанд, бо сабаби майл доштан ба чунин алоқаи шаҳвонӣ.

Алоқаҳои гомосексуалии маҷбурӣ, ба хусус дар байни мардони маҳкумшуда сабабгори моҷарову низоъ буда, онхоро фосиқ мекунонад ва бароИ хуруҷи бемориҳои олоти таносул (*венерикӣ),* СПИД, сирояти-ВИЧ мусоидат мекунад. Алоқаи таносулии маҷбурӣ, одатан гурӯҳӣ, ки бо латукӯби шахси таҷовузшаванда алоқаманд аст, майл ба азобдиҳӣ ва азиятрасониро (*садизм*) дар байни маҳкумшудагон паҳн мекунад.

### ➢ Хусусиятҳои психологии маҳкумшудагони ноболиғ

Дар колонияҳои тарбиявӣ қонуншиканони синну соли ҷавон ва наврас (16-19-сола) ва 12-16-солае, ки барои ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд, тарбия меёбанд. Ба 12-16-солаҳо пештар чораҳои гуногуни маъмурӣ дида шуда буданд, вале онҳо натиҷаи мусбат надоданд. Инчунин дар ин ҷо то синни 21-солагӣ шахсоне ҷазояшонро мегузаронианд, ки бо мақсади пешгирӣ нигоҳ дошта мешуданд.

Доираи маҳкумшудагони ноболиғ, ки дар колонияҳои тарбиявӣ муҳлати ҷазояшонро мегузаронанд, дар муқоиса бо солҳои 80 асри XX боз ҳам ҷинояткор шудаанд. Нисбат ба давраҳои пешин шумораи ҷиноятҳо монанди куштори барқасд, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, роҳзанӣ ва ғоратгарӣ афзудааст. Шумораи наврасоне, ки то маҳкумшавӣ бо мақоми адлия сару кор доштанд: зиёда аз нисфи онҳое, ки бори аввал ҷазо медиданд, қаблан шартан аз озодӣ маҳрум шуда буданд ё дар қайди махсус гирифта шудаанд.

Барои ҳуқуқвайронкунии ноболиғ, ҳамзамон ҳуқуқриоякунанда, ихтилофкунӣ хос аст – эътирози фаъол; тақлид кардан ба қолиби муайян, ки шаклашро одатан гурӯхи хамсолон муайян месозанд ва ин бештар боиси рафтори ҷиноятӣ мегардад. Аксуламали «*гиперкомпенсатсия*» дар рағбати ба даст овардани комёбӣ дар соҳае, ки ӯ дар он суст аст, зоҳир мешавад; нобарорӣ дар баъзе ҳолатҳо ба харобии асаб оварда мерасонад. Аксуламали «эмансипатсия» (*озодӣ*) дар раҳо шудан аз ҳимоя, назорат ва парастории калонсолон зоҳир мегардад. Ниёз ба озодӣ бо мубориза барои мустақил шудан, худсобиткунӣҳамчун шахсият ва кӯшиши ҳама корро ба табъи худ анҷом додан вобаста аст. Ҳамчунин аксуламали гурӯҳшавӣ – майли табии филогеникии тудашавӣ мушоҳида мешавад.

Маълумотҳое, ки наврасони қонуншикан аз манбаҳои наздику дӯстонаашон мегиранд, ба инкишофи шахсияти онҳо зарар меоварад: дар онҳо майл ба порнография, шаҳватпарастӣ, алоқаи ҷинсии бармаҳал, маводи мухаддир, машрубот ва дигар амалҳои носолим пайдо мишаванд.

Дар бисёр наврасон рафтори тайёрхӯрӣ, ҳимояи ташаккулёбии амри виҷдон ва бакамолрасии шаҳрвандӣ, инфантилизм (*тараққӣ накардан*), номутобиқии намуду рафтори зоҳирӣ ва ҷараёнҳои ботинии ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Бо мақсади аз калонсолон фарқ надоштан, онҳо тамоку мекашанд, шаробу май менӯшанд ва ҳаёти бетартибонаи шаҳватпарастона мебаранд. Орзуи мустақил будан дар онҳо характери ғайритабиӣ мегирад. Дар доираашон золимӣ, бераҳмӣ, беномусӣ ва парастиши зулму фишор паҳн мегардад.

Худтарбиякунӣ дар наврасони делинквентӣ хусусияти манфӣ дорад ва асоси муносибатҳояшон дар ошнобозию қаҳрамонии бардурӯғ замина гирифтааст.

Қобилияти идрок ва майл ба маърифат дар ин наврасон ё инкишоф наёфтаанд, ё гум шудаанд, ё самти ҷиноятӣ гирифтаанд.

Ба бисёр тарбиятшавандагон худбаҳодиҳии ғайриоддӣ хос аст, ки он дар ҷалб кардани диққати дигарон ба худ бо ҳама гуна восита ва намоиш додани бартарии худ аз дигарон ифода меёбад.

Надоштани қобилияти худтанқидкунӣ ба он оварда мерасонад, ки наврасон зарурати бартараф кардани хислату сифатҳои бадро намебинанд, бо ҷиноят худро ҷасур вонамуд карда, гуноҳашонро ба дигарон бор мекунанд. Кӯшиши машҳур шудан онҳоро водор мекунад арзишҳоеро рӯирост ҷонибдорӣ кунанд, ки дар ҷомеа онҳо маҳкум мешаванд.

Дар миёни маҳкумшудагони наврас ва ҷавон тарбиятшавандагони инфантилӣ (*тараққӣ наёфта*), ҷудо шуда меистанд. Онҳо фориғболанд (*беғам*), нисбат ба тартибот (*режим*), хониш ва ояндаи худ бепарвоянд. Онҳо масъулиятро эҳсос намекунанд. Ба онҳо мулоҳизаронии сарсарӣ ва надоштани омилҳои худидоракунӣҳангоми иҷрои хоҳиш, хос аст.

Рафтори онҳо ба синну солашон бисёр вақт мувофиқ набуда, онҳо ҳардамхаёланд, бесаранҷоманд, завқу диққати ноустувор дошта, кори саркардаро ба охир намерасонанд.

Аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ заиф буданашон аён аст: беэътиноӣ ба меъёрҳои ахлоқу одоб ва ҳуқуқ, камталабӣ нисбат ба худ ва дигарон, рафтори фаъоли ғайриахлоқӣ ва ғайриҳуқуқӣ. Ин гуна шахсон аз ҷинояти содиркардаашон пушаймонӣ намекашанд ва ҳисси гуноҳ надошта, ҷазоро беадолатона меҳисобанд.

Як қисми тарбиятгирандагони синну соли наврасу ҷавон аз касалиҳои рӯҳӣ азият мекашанд, майл ба ҷаҳл, гурехтан, сохтакорӣ ва **аграватсия** доранд. Онҳо мунтазам машрубот ва маводи мухаддир истеъмол мекунанд ва аз ин рӯ ба онҳо табобати ҳатмӣ зарур аст.

**Аггравация** - (аз лотинӣ *aggravatio* — мушкилӣ кашидан, вазнинтар кардан — аз будаш зиёд нишон додани аломати бемори ё ҳолати дардмандӣ аз ҷониби бемор. Ба аггравация махсусан шахсоне майл доранд, ки ба девонагӣ ва асабоният гирифторанд.

Одатан пеш аз содиршавии ҷиноятӣшон чунин шахсон аз хондану меҳнат саркашӣ мекарданд, аз истеъмоли машрубот ва маводи мухаддир сӯиистифода намуда, оворагардӣ мекарданд, муносибатҳои бармаҳали ҷинсӣ доштанд, бераҳмӣ, яғмогарию ҷоҳилӣ ва вандализм зоҳир менамуданд.

Ба бисёри аз онҳо аксентуатсияи характер хос аст, ки рағбатро ба рафтори ғайриҷамъиятӣ дучанд мекунад. Ҳамин тавр, аксентуатсияи эпилептоидӣ (*шахсияти дорои маҷмӯи нуқсонҳо, ҷинояткори эҳтимолӣ ва одами ба дараҷаи олӣ бадгумон*) дар сурати истеъмоли бармаҳали машруботи спиртӣ сабаби мубтало гаштан ба майзадагии доимӣ мегардад. Ҷунунӣ дар ҳолатҳои стрессӣ ба реаксияи пуризтироби намоишкорона мерасонад, сензитивӣ ба рушди асабонияти воҳиманок, сиклоидӣ ва эҳсосӣ-лабилӣ (*хурӯшонии ноустувор*) ба холатҳои рӯхафтодагӣ меоварад.

Ҷудонигоҳдории иҷтимоӣ – омили пуриқтидор барои қонуншиканони ноболиғ мебошад, ки ба пурҷаҳл шудани онҳо сабаб мешавад. Аксарияти тарбиягирандагон мутамоили психологӣ ба рафтори таҷовузкоронаанд. Масалан, худи фазои махбас ба иштирок кардан дар занозанӣ водор мекунад, яъне парастиши қувват чун рохи худсобиткунӣ. Таҷовуз метавонад сабабе бошад хамчун омили хифзкунанда (дифоъ аз мартабаи худ ва наҷот ёфтан аз заифӣ).

<u>Муносибати тарбиягирандагон ба камбудиҳои худ аз меъёру арзишҳое, ки дар гурӯҳи мазкур афзалият доранд, вобаста аст.</u>

Дар доираи қонуншиканони ноболиғ пеш аз ҳама ҷасурӣ, боҷӯръатӣ ва истодагарӣ дар содир кардани ҷиноят, таҷовуз нисбат ба «бегонагон» ва бовиҷдонӣ нисбат ба дӯстон қадр карда мешавад.

Тарбиягирандагон вобаста аз таҷрибаи ҷиноятӣ ва хислатҳои шахсӣ ба иҷрои ҷазо дар маҳбас (колония), ҷиоят ва ҷазо муносибати гуногун доранд.

Ҳолатҳои хос дар марҳилаи тафтишотбарӣ ва давраи аввали гузаштани ҷазо дар махбас (колония) ин интизорӣ, андӯҳ, ноумедӣ, маъюсӣ ва фрустратсия мебошанд.

Ба саволи: «Шумо баъди ҳабс ва суд шудан чӣҳис кардед?» — баъзе аз тарбиягирандагон ҷавоб медоданд: «*Ман сахт ғам мехурдам, ҳатто мехостам худро дор кашам аз ғуссаю шарм», «Ман аз он, ки чи маро дар маҳбас (калония) интизор аст, сахт метарсидам», «Барои ҳабс ва суд шуданам ғам мехурдам, худро гунахгор медонистам», «Сахт ғам мехӯрдам, шабҳо хоб намерафтам, бисёр тамоку мекашидам», «Хеле шарм мекардам, худро пахшшуда хис менамудам».*

Дигарон мегуфтанд: *«Ман ғам намехӯрдам», «Ҳабс ва судро бе ягон ҳаяҷон паси сар кардам», «Ғам намехӯрдам, зеро медонистам, ки дар ҳар сурат мешинонанд».* Ба ин қабил маҳкумшудагон корҳои тарбиявӣ чун анъана таъсир намерасонанд ва майли ба гурӯҳҳо ҷудо шудан доранд. Онҳо фаъолона ҳамшариконе ҷустуҷӯ мекунанд, ки ба майлу рағбат, мақсад ва арзишҳояш мувофиқ бошанд ва ба онҳо бехатарии шахсӣ ва муҳофизатро таъмин намоянд.

Бархе аз тарбиягирандагон кӯшиш мекунанд мавқеи баландро дар шӯъба, гурӯҳ ва колония ба даст оранд ва донишашонро дар бобати донистани қоидаҳои маҳбас ва анъанаҳои он намоиш диҳанд. Онҳо хаёлпарастии колонистиро тарғиб намуда, тартиботро вайрон мекунанд ва арзишҳои ахлоқӣ, рағбату тавҷеҳро ғалат маънидод мекунанд

Дигар тарбиягирандагон бо худталқинкунии барзиёд аз дигарон фарқ карда, рафтори инфантилӣ (тараққинакарда) доранд. Теъдоди сеюми тарбиягирандагон бештар ҳақиру оҷиз буда, мунофиқанд (*конформизм*), аз меъёрҳои рӯҳӣ дуранд ва аз ин сабаб онҳоро ҳамеша масхараву таҳқир карда, ба гурӯҳи рондашудагон (*ради маърака*) шомил медонанд.

Таъсирпазирӣ, нозукдилии тарбиягирандагон, тез зери таъсир монданашон боз ҳам аз таъсири гуногуни доираи маҳкумшудагон, кормандони колония, волидону хешу таборон ва дӯстони дар озодӣ будаашон меафзояд.

Муносибати ноболиғони маҳкумшуда ба волидону хешу ақрабояшон як навъ нест: ин метавонад озурдахотирӣ, хашму ғазаб, ҷаҳл, хусумат, айбдоркунӣ дар вазъи бамиёномада ва пушаймонӣ бошад.

Ҳангоми таҳқиқи 500 навраси ҷиноятпеша (*ретсидивист*) ва гурӯҳи наврасони доғи судӣ надошта Ш. ва Э. Глюк (1968) муайян намуданд, ки наврсони маҳкумшуда нисбат ба доғи судӣ надошта бештар аз муҳаббати волидон, бародару хохарон маҳрум буданд ва теъдоди хеле ками он ба волидон меҳр доштанд. Падарони ҷинояткорони наврас нисбати онҳо ҷазои ҷисмониро бештар истифода мебурдаанд.

Барои наврасони маҳкумшуда доштани нияту умеди ояндасоз хос нест. Онҳо дар асл тамоман тасаввурот надоранд, ки дар озодӣ чи гуна ҳаёти худро мебурда бошанд. Онҳо барномаи ҳаётии худро соҳиб нестанд ва нисбати барномае, ки ба онҳо аз берун пешниҳод мешавад, муносибати манфӣ доранд. Оянда барояшон ҳамчун инкори замони воқеӣ (зиндагӣ дар колония) пеш меояд ва барои баъзеашон ҳатто хаёти гузашта (зиндагии то маҳбас, ки заифтар буданду тобеи дигарон), лекин онҳо муҳтавои мусбат надоранд.

Агар солҳои 70-ум барои қонуншикани ноболиғ арзишҳои монанди озодӣ, кори шавқовар, гирифтани маълумот, таъмини молиявӣ, оила муҳим буданд, имрӯз бошад арзиши асосӣ барояшон вақтхушӣ, фориғболӣ, беҳбудии молиявӣ аст ва танҳо баъд оила, дӯстон, касб ва донишомӯзӣ.

Дастуру арзишҳои ҳаётии ноболиғонро дар колонияҳои тарбиявӣ аксаран гурӯҳҳо-оилаҳо («кентовка») муайян мекунанд. Маҳз онҳо меъёрҳоро аниқ менамоянд ва қатъиян системаи рафтори ҳар нафарро тарҳ намуда, ҳудуди раворо муайян месозанд.

Тарбиягаре, ки кодекси ахлоқи гурӯҳиро риоя мекунад, аз ҷихатӣҷисмонӣҳимоя ва аз ҷиҳати психологӣ дастгирӣ меёбад. Баъзан дар колонияҳои тарбиявӣ дар асоси урфу одати маҳбас ва дуздон кодекси махсуси «бачагон» кор карда баровардa мешавад, ки дорои қоидаҳои муайяни худ мебошад. Масалан: ба якдигар бародарона ва меҳрубонона муносибат кардан; дар танҳоӣ ба амале шурӯъ накардан; дар назари маъмурият намунавӣ будану ба «доира» содиқ мондан; ҳамаи даромади ғайриқонунӣ ба даст омадаро ба хазинаи умумии «доира» супоридан; касе дӯстонро «мефурӯшад» ё аз «доира» берун мешавад, ӯ як роҳ дорад – ба қабристон ва ғайра.

<u>Ислоҳкунӣ бояд таъсири ҳамаҷонибаро (*комплексиро*) ба хислатҳои мухталифи шахс пешбинӣ кунад:</u>

- ташаккулёбии муносибати дуруст ба оянда,
- ҷорӣ намудани муносибатҳои муътадил бо ҳамсолон ва калонсолон,
- ташаккули худоогоҳии наврас ва дар рафтораш бартараф намудани тақвияти хислатҳои алоҳида (аксентуатсияи табъу характер).

Азбаски аз ҳама лаҳзаи хатарноки «бакорандозии» ташаккулёбии рафтори ғайриқонунии (*делинквентии*) наврасон ин дағалона вайрон намудани муносибати иҷтимоии онҳо мебошад, маҳз онро ҷиддию саҳеҳ бояд дид.

Одатан аз ҳама банди ноустувор дар системаи муносибаҳои иҷтимоӣ ин муносибат бо волидон мебошад (баъдан бо ҳамсолон ва омӯзгорон), ки чунин вайроншавӣ аллакай дар заминаи тағйирёбии муносибат баояндаи худ ва ҷой доштани хислатҳои аксентуалӣ ба миён меояд.

Монеаи асосии психологӣ барои истифодаи босамари воситаҳои гуногуни таъсирбахшӣ ба наврасони қонуншикан ин дар сохти шахсияти онҳо ҷой доштани омилҳои ҷиноятӣ - омехтаи гуногуни хислатҳои шахсият, ки омодагии ӯро ба рафтори ғайриқонунӣ ифода мекунад. Он наврасро нисбати чораҳои тарбиявие, ки ба ислоҳкунии паҳлуҳои алоҳидаи

шахсияташ психолога шудаанд, таҳаммулпазир менамояд. Аз ин сабаб таъсирбахшии тарбиявию ислоҳӣ ба наврасон бояд ҳамаҷониба (*комлексӣ*) бошад, яъне яке якбора ба ҷиҳатҳои гуногуни рушди шахсият таъсир расонад.

Ҳангоми кор бо ноболиғон зарур аст ба ҳар яки он бо усуле таъсир расонд, ки ба шахсияташ мувофиқ аст.

Гурӯҳҳои зерини маҳкумшудагони ноболиғ маълум аст:

— **наврасони ноболиғ.** Одатан ба фикрҳои худ ғутидаанд, камгапанд, бепарвоанд, бедиққатанд, мисли кӯдак рафтор мекунанд, бемасъулиятанд. Дар муносибаташон бо калонсолон хеле пурэҳсос ва дар тобеиятанд, хамеша метарсанд, ки ҳамсолонашон онҳоро меранҷонанд.

Дар вақти кор бо ин гурӯҳ бояд босабр шуд. Ин наврасон хамеша ба худ диққату дастгириро талаб мекунанд. Масъалаи асосии таъсирбахшӣ ба онҳо сохтани фазои бонизому боэътимоди иҷтимоӣ мебошад, ки дар он наврас ба воя расаду инкишоф ёфтанаш осон бошад.

— **шахсони асабию ҷанҷолӣ**. Ба онҳо ҳисси тарс, руҳафтодагӣ, эҳсоси камарзишии худ ва ҳисси гуноҳ хос аст. Онҳо бо майли том дар бораи мушкилиҳои худ нақл мекунанд ва натиҷаи рафтори худро дарк менамоянд, аз кори номаъқулашон афсӯс мехуранд. Ба ин нигоҳ накарда, чунин наврасон эҳтимол кори кардаашонро боз такрор кунанд. Кормандоне, ки бо ин гурӯҳ кор мекунанд, бояд мушкилиҳои дигаронро ба хубӣ дарк кунанд. Зарур аст, ки худро пурра ба наврас бахшида тавонанд.

— **наврасоне, ки мутобиқшави иҷтимоиашон нокифоя буда, таҷовузкоранд.** Маъмулан шахсонеанд, ки бовариро сазовор нестанд, вале дар самаранок таъсир расонидан ба дигарон моҳиранд. Онҳо дигаронро ба амал водор мекунанд ва худ мутаассир мешаванд, шахсони обрумандро инкор мекунанд ва ба бетартибиҳо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ мусоидат менамоянд.

Шахсе, ки бо чунин наврасон сару кор мегирад, бояд қавӣ ва кораш муттасил бошад. Зери таъсири дигарон намонад ва дар риояи ҳатмии қонун истодагарӣ намояд. Наврасони ин гурӯҳ эҳтиёҷ ба фазои хуб идорашаванда доранд. Дар ин фазо бояд барои истифодаи оқилонаи қувва имкониятҳои фароҳ бошанд, то ин ки неруи харобиовари онҳо пурра сарф карда шавад.

– **наврасоне, ки мақсади манфии иҷтимоӣ доранд, қавианд ва нишонахои пешворо соҳибанд.** Хислатҳои хоси онҳо чунинанд: барои боэътимотии худ дар ташвишанд; худпарастии фавқулодда доранд; майли устувор ба вайронкунии меъёрҳои иҷтимоӣ; ҷинояткорӣ; мутаассиршавандаю ҳардамхаёл; сатҳи пасти ҳамдардии иҷтимоӣ доранд. Ба онҳо майлу рағбат ба фаъолияти ташкилотчигӣ, далелнокии рафтор, таваккал кардан, ноилшавӣ ба мақсад, ба дигарон фармондиҳию хуҷаинӣ кардан хос аст.

Ба хислатҳои ҷиноятии онҳо дохил мешаванд: майл ба фаврӣқонеъ кардани хоҳиши худ, таҳаммул накардани ноумедӣ, наёфтани роҳи ҳалли низоъ. Таҷовузкорӣ, нобоварӣ, рушди барзиёди механизмҳои мудофиавӣ, тоқатнопазирӣ ба қаробати наздик, ташаккули нодурусти «Ман-и зиёда» (сверх -Я) ва ғайра.

Дар наврасони ноболиғ ва синну соли ҷавон бисьёр вақт муқаррароти бо як рӯз зистан пайдо мешавад. Онҳо умед ба он мебанданд, ки дар оянда ҳама чӣ худ ба худ ҷо ба ҷо мешавад. Сабаби надоштани нияти ворид кардани тағйироти мусбат ба шахсияти худ ин иродаи суст, ихтилоф дар феъл, ноустувории ҷаҳонбинии наврас ва ҷавон мебошад. Маҳз барои ҳамин маҳкумшудагони ноболиғ дар ҷойҳои махрумият аз озодӣ нисбат ба дигар категорияҳои синнусолӣ ба кӯмаки психологӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ бештар ниёз доранд.

## ➢ Хусусиятҳои психологии мардони маҳкумшуда (ҷавонон, болиғ, миёнасол)

Дар *синну соли ҷавон* (аз 19 то 35 сола) ташаккулёбии шахсият ба итмом мерасад ва қобилияти дуруст дарк намудани воқеият ва аз назари танқидӣ баҳо гузоштан ба рафтори худ пайдо мешавад. Дар баробари ин, тарзи тафаккури шахсият дар ин вақт ихтилофнок аст, зеро дар он хислатҳои ҷавонӣ ва камолот пайваста мебошанд. Аз ин рӯ, ба рафтори шахсият колабҳои ташаккулёфта таъсири амиқ мерасонанд.

Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, маҳкумшудагони синну соли ҷавон аз ҳама гурӯҳи калонро ташкил медиҳанд. Дар байни ҷавонон, нисбат ба дигар гурӯҳҳои синнусолӣ, маҳкумшудагон аз рӯйи роҳзанию ғоратгарӣ, куштору таҷовуз ба номус ва авбошӣ якчанд маротиба зиёд аст, вале барои дуздии моликияти шахсӣ камтар аст. Дар синну соли ҷавон масъалаи дарк намудани худ хеле мубрам аст.

Аксарияти маҳкумшудагони ин синну сол касбе надоранд ва соҳиби таҷрибаи корӣ низ нестанд. Аксарияти мутлақи онҳо ҳатто маълумоти миёна надоранд, ки ин пеш аз ҳама натиҷаи тағйирёбии қобилияти идрок аз сабаби муносибати манфӣ доштан ба таҳсил дар мактаб мебошад.

Нақшаҳои ҳаётӣ ва арзишҳои муайянкунандаи мавқеи маҳкумшудагони синну соли ҷавон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бо соҳиб шудани мансабу мартабаи арзанда дар миёни маҳкумшудагон (*иерархия*), пайдо кардани пуштибони ҷисмонӣ, дастгирӣ дар гурӯҳи хурди ғайрирасмӣ ва мутобиқ шудан ба ҳаёти калония вобастаанд. Дараҷаи арзишҳои роҳнамокунандаи онҳо чунинанд: сатҳи баланди молиявии ҳаёт, барпокунии оила, озодӣ; таҳсил, кори шавқовар ва дин дар ҷойи охиранд.

Рағбати ба гурӯҳҳо ҷудо шудан, мисли ноболиғон, вобаста аст бо ҷустуҷӯи пуштибонӣ дар гурӯҳ ва ба даст овардани мавқеи баланд.

Дар байни маҳкумшудагони синну соли ҷавон хаёлпарастии калонистӣ (*романтика*) монанди холкӯбӣ, жаргон ва ба ҷо овардани расму оини маҳбасӣ зоҳир мегардад.

Шахсони мақсади бархилофдоштаи гурӯҳҳои ғайрирасмӣ кӯшиш мекунанд аз ҳисоби дигар маҳбусон бо роҳи рэкет (роҳи бо дӯғу пӯписа ситонидани пул, «посылка», чизу чора ва дигар лавозимоти зарурирӣ) зиндагӣ кунанд.

Муфтхӯрии дуру дароз дар шароити озодӣ хоҳиши меҳнат кардану хонданро дар онҳо тамоман нест мекунад, аз ин рӯ мақсадҳои ҷиноятkоронаи онҳо боз ҳам пурқуввату фаъол мегарданд. Маҳкумшудагони бахусус ҳамин синну сол дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ майл ба қартабозӣ ва гомосексуализм доранд.

Сухану андешаҳои шахсони синну соли ҷавон, ки ҷудо нигох дошта мешаванд (*изоляция*) асосан бо ҳаёти гузашта дар озодӣ, пайдо кардани машруботи спиртӣ ва моводи нашъаовар, зан ва шаҳвонӣ вобаста аст. Дар «зона» инсон ба касалии «шизофренияи маҳбасӣ» гирифтор мешавад: ҳатто бо ҷасади инсон ва ҳайвонон алоқаи ҷинсӣ мекунад.

Зери мафҳуми камолоти шахс даркнамоии ҷойи худ дар байни дигар одамон, худмуайянкунӣ, қабулу интериоризатсияи (*ташаккулёбии сохти ботинии рӯҳӣ тавассути азхудкунии сохтори берунии фаъолияти иҷтимоӣ*) меъёрҳои иҷтимоӣ, масъулиятнокӣ барои кору амали худ фаҳмида мешавад.

Бо одамони ба камолот расида дигаргуниҳои ҷиддӣ рух медиҳад: занон исроркор шуда ба худ боварӣ пайдо мекунанд, мардон бошад дар натиҷаи дигаргуниҳои гармоналӣ хусусияти эмпатикӣ (*доминантаи паст*) мегиранд.

Арзишҳои маҳкумшудагони болиғ ва миёнасол дар маҷмӯъ вобастаанд бо саломатӣ, беҳбудии молиявӣ, оила, муносибат бо наздикон, таъмин будан бо манзил, доштани дастгирии рӯҳӣ. Рағбати дар гурӯҳ (оила) будан дар онҳо камтар аст ва бештар ин маҳкумшудагон аз рӯи завқу ҳамшаҳригӣҷуфти дӯстона ташкил мекунанд. Онҳо аз хаёлпарастии маҳбасӣҳам монда шудаанд, вале аз рӯи одат меъёрҳо ва қоидаҳои дар миёни маҳкумшудагон қабулшударо риоя мекунанд.

Дар синни камолот нақшу вазифаи иҷтимоӣ тамоман мустаҳкам мешаванд. Маҳкумшудагони 35-60 сола, бахусус онҳое, ки якчанд маротиба маҳкум шудаанд, аз тақдирашон афтодарӯҳанд, зеро пешомади ҳаёташон пош хурдааст ва онҳо маънои зандагиро гум кардаанд. Махсусгардонии дониши касбӣ ва азнавсозии вазифаи иҷтимоӣ ба миён меояд. Шахсони ин синну сол бештар дар бораи ҳаёти худ мулоҳиза мекунанд, атрофиён ва худро аксаран бо назари танқидӣ мебинанд, бо майли том фаъолияти мусбат зоҳир мекунанд ва мисли маҳкумшудагони ҷавон дигар талоши мавқеи баланд доштанро надоранд. Арзишҳои асосии онҳо ин беҳбудии молиявӣ ва ғами саломатиашон мебошад.

Ҷараёнҳои компенсаторӣ дар миёнасолӣ барои маҳкумшудагон ҳудудҳои муайян доранд. Дар ҳар як мавриди муайян кифоя аст, ки шахс аз ҳад зиёд рӯҳан асабӣ шавад ва ин ба харобшавии кобилияти идоракунии рафтораш расонад, сарфи назар аз механизмҳои компенсаторӣ.

Бештари маҳкумшудагони ин синну солро масъалаҳои гирифтани нафақа, манзил ва таъминоти моддӣ баъди озодшавӣ хавотир мекунанд. Ҳамзамон ин категорияи маҳкумшудагон бисёртар ба шароити маҳбусӣ мутобиқ (*адаптация*) шудаанд ва бештар вақт берун аз муассисаи ислоҳӣ хешу табор ва шинос надоранд. Аз ин рӯ кормандон базӯр чунин маҳкумшудагонро ба озодӣ мебароранд. Аз нуқтаи назари рӯҳи ва психологӣ бемайлии онҳо барои тарк намудани колония вобаста аст бо мушкилии танҳоӣ ва аз даст додани муносибатҳои ба онҳо зарурӣ, бепаноҳӣ аз муҳит дар шароити озодӣ. Ба назари онҳо чунин менамояд, ки ин озодӣ ба бехатарӣ ва саломатиашон таҳдид мекунаду халос.

## ➢ Хусусиятҳои психологии занони маҳкумшуда

Сатҳи ҷинояткории занон чун анъана нисбат ба мардон пасттар аст ва ин пеш аз ҳама вобаста аст бо  нақши иҷтимоии онҳо дар ҷамъият. Занони синни 30-50 сола бештар майл ба қонуншиканӣ доранд. Баробари ин синну соли миёнаи занони маҳкумшуда нисбат ба мардон болотар аст. Занон низ айнан барои он ҷиноятҳое, ки мардон содир мекунанд, ҷазо мегиранд (дуздӣ, қаллобӣ, нашъамандӣ, куштор).

Омили барангезандаи содиркунии ҷиноят барои занон ин фоҳишагӣ мебошад, ки ба ақидаи Ч. Ломброзо, натиҷаи майли бадахлоқӣ ва хислатҳои модарзодӣ  мебошад, ки ба ҷинси зан хос аст, аз ҷумла рағбат ба дуздӣ. Норасоии тарбия, бесаровон будан, қашшоқӣ ва ибратгирӣ аз кирдори бад метавонанд танҳо чун сабабҳои дуюмдараҷа дида баромада шаванд, зеро тарбия ва омӯзиш барои инсони бадахлоқҳамчун лаҷоми наҷотдиҳанда аст.

Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ*занони маҳкумшудаи ноболиғ* гурӯҳи махсусеанд, ки бештар дуздӣ ва чиноятҳои зуроварӣ (авбошӣ, ғорат, куштор ва ғайра) содир мекунанд, мубталои касалиҳои олоти таносул (*венерикӣ)*ва СПИД мебошанд.

Шумораи заноне, ки барои куштори қасдан дар ҳолатҳои вазнинкунанда, қасдан расонидани зарари ҷисмонӣҷазо мебинанд, хеле зиёд шудааст. Занон ҳатто шарикӣ дар таҷовуз ба номус содир мекунанд, ки аз зиёд шудани таҷовузкорӣ дар ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Занон нисбат ба мардон ба майзадагӣ ва нашъамандӣ камтар гирифторанд. Бо вуҷуди ин солҳои охир  иллатҳои номбаршуда тамоюли паҳншавӣ доранд. Судҳо бештар ба занон  табобати маҷбурӣ аз майзадагӣ ва нашъамандиро таъин мекунанд.

Майзадагӣ ва нашъамандии занон нисбат ба мардон бисёр беорона ва дағалона ҷараён мегирад. Дар ҳолати сарҳушӣ онҳо хеле осон мувозинатро гум мекунанд, бешарму бадхашм мешаванд. Бештари ҷиноятҳо аз тарафи занон ва мардон дар ҳолати сарҳушии машруботӣ ё мадҳушӣ содир карда мешаванд.

Алоқаҳои бармаҳали ҷинсӣ дар духтарон шаҳватпарастии барзиёдро ташаккул медиҳад. Онҳо фаъолона дар колония ба ҷустуҷӯи шарик машғул мешаванд, то як ҷуфти ошиқу маъшуқ то дигарашро ташкил мекунанд, ки аксаран боиси низоъ мегардад.

Зоҳиршавии ахлоқи манфӣ дар духтаракон аслан характери пинҳонӣ дорад.

Маълум аст, ки писаракони «душвор» (*якраву гарданшах*) бештар пурғавғоянд, вале духтаракони «душвор» хеле ва хеле мушкилтаранд.

Дар байни духтарони ноболиғи тарбиягиранда бисёр вақт овозаҳо ва ғайбат паҳн мешавад, ки мақсад аз онҳо гуногун аст: аз кушиши поймолкунӣ то пастзанӣ ва қасд нисбати дугонаи ҷонӣ. Мавзӯи овозаҳою ғайбат метавонад ҳам муносибати маҳкумшудагон бо кормандон бошад ва ҳам робитаи кормандон. Духтарони ноболиғи ҷинояткор дар колония аз занони калонсол дида бисёртар боовариро ба зиндагии ояндасоз аз даст медиҳанд ва ин бештар ба нашъамандон хос аст.

Баъзе аз духтарони тарбиягиранда мехостанд ҳаёти осон гузаронанд, либосҳои замонавию мутобиқ ба муд пӯшанд, вале пул надоштанд ва даст ба ҷинояту фоҳишагӣ заданд, ки сабаби ба калония афтиданашон шудааст. Бархе дигаре баъди шиносоӣ бо калонсолоне, ки онҳоро ба содир кардани ҷиноят маҷбур мекарданд, ба роҳи ҷиноӣқадам мондаанд.

Масъулияти пасти иҷтимоӣ, хоҳиши қонеъ намудани талаботи худ ба ҳар восита, истеъмоли бисёри машруботи спиртӣ ва нашъа дар вобастагӣ бо вақтгузаронии беҳуда ба содиршавии ҷиноятҳои ғаразноку характери зӯроварӣ дошта оварда мерасонад.

Тарбиягирандагоне, ки ҷинояти таҷовузкорона содир кардаанд бо аксуламали хеле эҳсоснок нисбат ба вазъ, надоштани назару мақсади конвенсионалӣ (*шартӣ, мувофиқ*), худбаҳодихии барзиёд ва худпарастӣ фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо занони калонсоли категорияи дахлдор, беътиноӣ ба меъёрҳои умумӣ характери устувор надорад.
Занони маҳкумшуда дорои хислатҳои зеринанд: пуризтиробӣ, асабоният, рӯҳафтодагӣ, таҷовузкорӣ, бадгумонӣ, қасдгирӣ ва якравӣ. Дар байни занони маҳкумшуда аксентуатсияи характер, ки ба аксентуатсияи характери ноболиғон монанд аст, мушоҳида мешавад (истероидӣ, эпилептоидӣ, сензитивӣ, циклоидӣ ва эҳсосӣ-лабилӣ).

Шахсоне, ки ба муҳлати дароз маҳкум шудаанд, ҳолати фрустратсияашон бо даргирии аффективӣ якҷоя зоҳир мешавад, ки дар ҳолаи сустиродагӣ ва худназораткунии паст бештар ба худкушӣ (*аутоагрессия*) меорад.

**Аутоагрессия -** (агрессия бар зидди худ) — фаъолнокӣ дар худзараровари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ (даркшуда ё даркнашуда). Ба механизми ҳифзи психологӣ дахл дорад. Аутоагрессия дар худайбдоркунӣ, ҳақирӣ, ба худ расонидани зарари ҷисмонии вазниниаш гуногун (то ба худкушӣ), рафтори худхаробкунанда (майзадагӣ, нашъамандӣ, рафтори шаҳвонии хатарнок, интихоби навъи варзиши ғайриоддӣ, касби хатарнок, рафтори иғвогарона) зоҳир мегардад.

Барои ба даст овардани обрӯю эътибор ва намоиш додани ҷасурии худ, баъзе тарбиягирандагон ба худ холкӯбӣ мекунанд ва тариқи буриш доғи захм мемонанд.

Вобаста аз муқаррароти иҷрои ҷазо занони ноболиғи маҳкумшуда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Тарбиягирандагони дорои муқаррароти вайронкунии тартибот, созмон додани гурӯҳҳои хурди самташон манфӣ ва мухолифи чораҳои тарбиявӣ, ки намояндаи фаъоли урфу одатҳо ва романтикаи маҳбасӣ мебошанд. Онҳо бо тамоюл ба таҷовузкорӣ нисбат ба маҳкумшудагони заиф, авторитаризм ва хислатҳои ташкилотчигӣ фарқ мекунанд. Аксарияти онҳо аз ҷинояти содиркардаашон пушаймон намешаванд, худро гунаҳкор намеҳисобанд ва аз ин рӯ оянда ҳам нияти бурдани тарзи ҳаёти пешина доранд.

Дигар категорияи тарбиягирандагон (нисбатан сершумор) барои адои ҷазо муқаррароти ноустувор дорад. Рафтори онҳо аз самти гурӯҳашон вобаста аст. Вале ҳарду гурӯҳ бо нияти як рӯз ҳаёт ба сар мебарад ва барои онҳо муносибати манфиатҷӯёна ба ҳаёт хос аст.

Категорияи сеюм ин маҳкумшудагонеанд, ки муқаррароти тағйирёбии мусбати рафтор доранд, гуноҳашонро барои ҷинояти содирнамудаашон ҳисс мекунанд ва нияти дар озодӣ бурдани ҳаёти солиму бошараф доранд. Дар ин сурат дастгирии оила хеле муҳим аст.

Ҳудуди ин гурӯҳҳо серҳаракатанд ва вобаста ба расму анъанаҳои калония, таҷрибаи кормандони он ва психологон дар марҳилаҳои гуногуни иҷрои ҷазо метавонанд дигар шаванд.

Занони тарбиягиранда нисбат ба тарбиягирандаҳои ноболиғ ба амалҳои авбошӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ ва нашъа, ба агграватсия (*муболиға*) ва сохтакорӣ кам даст мезананд. Сабабаш дар он аст, ки дар системаи арзишҳояшон беҳбудии моддӣ ва барпокунии оила ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Ба мураббиён ва психологон ҳангоми кор бо зани маҳкумшуда зарур аст, ки дар самти барқароркунии алоқаи хешутабории ӯ кор баранд, арзишҳои ахлоқӣ, демографӣ ва дигар хислатҳои хосаи шахсиятро ба инобат гиранд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад дар ин самт гузаронидани тренингҳои психологӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ оид ба ислоҳкунии хусусиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳии ин категорияи шахсиятҳо дар марҳилаҳои гуногуни аҷрои ҷазо, бо мақсади барқароркунии иҷтимоии онҳо, самаранок аст.

Дар миёни занони маҳкумшудаи *синну соли ҷавон* тахминан 30% ба ҳолати рӯҳии ғайриоддӣ, иллати фитрии системаи марказии асаб, майли истеъмоли арақ ва нашъа мубтало мебошанд.

Сабаб дар он аст, ки занон нисбат ба мардон, худи далели ҷудоиро аз ҷамъият хубтар дарк мекунанд. Ин вобаста аст ба физиологияи онҳо, ки сабабгори мутаассиршавӣ, ҳузноварӣ ва хашмангезиашон мебошад. Онҳо аз мардон дида бештар ба харобшавии рӯҳии асаб ва стресс гирифтор мешаванд (фрустратсия, рӯҳафтодагӣ, андӯҳ, нокомӣ). Дар авзои бештари занони маҳкумшуда пуризтиробӣ мушоҳида мешавад, ки аз ҷудоӣ ва дилхунукии наздикону атрофионашон ба миён меояд. Ба ин, то андозае, бештар таҷовузи рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои психологии занони маҳкумшуда дар самтгирии шахсияти онҳо ва талаботҳои махсусашон зоҳир мегардад. Онҳо нисбат ба мардон вазъи ногувори моддӣ ва нороҳатиро вазнинтар аз сар мегузаронанд. Ба замми ин теъдоди хеле ками занони маҳкумшуда соҳиби касбанд. Бештари онҳо тарзи хаёти бадахлоқона ё ҷинояткорона мебурдаанд.

Занон ду маротиба зиёдтар аз пуризтиробӣ ва афсурдаҳолӣ (*депрессия*) ранҷ мекашанд, вале се маротиба камтар ба худкушӣ даст мезананд ва эҳтимоли ба майзадагӣ гирифтор шуданашон 5 маротиба камтар аст.

Ҳангоми ислоҳкунии рӯҳӣ (*психокоррекция*) бо занони маҳкумшуда психолог бояд донад, ки барои онҳо муносибат дар байни одамон муҳим аст: гирифтани кӯмак ё расонидани он. Зуҳуроти ҳисси мададрасонии дӯстона барои зан дар муайян кардани дараҷаи қаноатмандӣ омили ҳалкунандаест. Маънии он, ки занон бештар майл ба муносибатҳои дутарафа доранд, бо хандончеҳра будани онҳо (*табассум кардан*) собит мешавад. Занон аз мардон дида бештар табассум мекунанд.

**Психокоррексия -** яке аз намудҳои ёрии психологӣ (дар дигар маврид – машварати психологӣ, тренинги психологӣ, рӯҳдармонӣ /*психотерапия*/); фаъолияте, ки ба самти ислоҳшавии хусусиятҳои инкишофи психологӣ тариқи воситаҳои махсуси таъсиррасонии психологӣ психолога шудааст; инчунин - фаъолияте, ки ба ташаккулёбии сифату хислатҳои зарурии психологӣ дар инсон психологӣ шудааст ва барои рушди барқароршавии иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба шароитҳои ивазшавандаи ҳаёт кӯмак мерасонад.

Занони ҷавони маҳкумшуда бисёр вақт дар нокомиҳои худ дигаронро гунаҳкор медонанд: наздиконашон, ҳамсарашон, дӯстону рафиқонашонро, ки ин аз ҳифзкунии махсуси психологии онҳо дарак медиҳад.

Барои занон, нисбат ба мардон, осудагии оила хеле муҳим аст. Онҳо ҷудоиро аз оила хеле дарднок мегузаронанд ва ба фарзандонашон муносибати гуногун доранд. Баъзеашон ҳисси модарӣ надоранд (масалан, суд аз ҳуқуқи модарӣ маҳрумашон кардааст), дигарашон фарзандонашонро дӯст медоранд. Баъзе занон кӯдакашонро дар колония таваллуд кардаанд ва баъди 3-солагӣ онҳо дар хонаи кӯдакон ҷой дода шудаанд.

Заноне, ки ҷинояти зӯроварона содир кардаанд, нисбат ба ҷинояти тамаъкорона содир кардагон бештар ба худ баҳои хеле баланд медиҳанд, ҳавобаланду худписанданд ва майли пешсаф будан доранд. Ба онҳо пуризтиробӣ, баъзан ҳисси гуноҳ барои ҷинояти содиркардаашон, ноустуворӣ дар ақидаҳои зиддиичтимоӣ хос аст, ба ғайр аз занони қотил.

Барои заноне, ки ҷинояти тамаъкорона содир кардаанд, нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ ва сатҳи баланди маълумотнокӣ хос аст. Баъзеи аз онҳо гумон ҳам надоштанд, ки маҳкум мешаванд.

Занони маҳкумшудаи синну соли ҷавон бештар вақт кӯшиш мекунанд, ки аз болои дигарон сарварӣ кунанд, алоқаи гомосексуалӣ (ҳамҷинсона) дошта бошанд ва ба ном «оилаи ошиқона» барпо намоянд. Асоси нигоҳ доштани чунин алоқаро манфиати дуҷониба нисбати чунин муносибати шаҳватпарастона, синну сол, тақдири монанд, таваҷҷуҳи шахсӣ ва муносибат ба ҷазо метавонанд замина гузоранд. Дар ин замина одатан ҳар гуна низоъҳо дар муносибат ба миён меоянд ва азбаски занон аз ҳад зиёд эҳсосию оташинанд, онҳо дар ҳалли ин мунокишаҳо доду файрод мезанаду дастбагиребон мешаванд. Ба ҳар ҳол, ба гуфти маҳкумшудагони кордида, танҳо занон метавонанд бо сачоқи тар то «кабудшавӣ» одамро зананд ва аз душман бо қайчӣғарбел «созанд».

Мунокишаҳои «ошиқона» дар колонияҳои занона мунтазам рух медиҳанд, аммо онҳо на танҳо ба якдигар, балки ба шавҳарони дар озодӣ будаи шарикашон ҳам рашк мекунанд. Тарафдорони ишқварзии якҷинсаро, ки дар «зона» фақат нақши мардона доранд, «домодони

гурӯҳ» ё «кобла» ном мегиранд. «Кобла»-ҳо кӯшиш мекунанд аз ҳама ҷиҳат ба мардон монанд бошанд: шими варзишӣ мепӯшанд, мӯйи кӯтоҳ доранд, қадамгузориашон устувор аст, дар рӯи баъзеашон мӯй пайдо мешавад ва хайзашон қатъ мегардад. Шарикони беғайрат бошад ба «домоди гурӯҳ», ки маъқулашон афтодааст, мактубчаҳо менависанд ва кӯшиш мекунанд ба ӯ писанд оянд.

Лекин дар бисёр ҷуфтҳои лесбиании (*ишкварзии якҷинса миёни занон)* колонияҳои занона ҷудошавии қатъӣ ба нимаи фаъол ва ғайрифаъол шартӣ мебошад. Ҷуфтҳои занона дар асоси розигии дуҷониба барпо мегарданд ва аз ин рӯ устуворанд ва таи якчанд сол муносибаташон давом мекунад.

Нақши иҷтимоии занро аз рӯи он ки чӣ гуна ӯ сигорро дар даст медорад ва либоси болоиро мепӯшад низ муайян кардан мумкин аст.

## Хусусиятҳои махсуси занони маҳкумшудаи дорои статуси (мавқеи) муайяни иҷтимоидошта

Занони синну соли ҷавон ба вайронкунии тартибот майл доранд, вале ҳамеша кӯшиш мекунанд илоҷе карда, ба воситаи ҳилагарӣ, дурӯғ ва гуноҳро ба дигарон бор кардан, халос шаванд. Арзишҳои ба ин категория хос ин беҳбудии моддӣ, барпонамоии оила ва таваллуди кӯдак ё алоқаи гомосексуалӣ ва ҷинояткорӣ мебошад.

Занони маҳкумшудаи *синну соли болиғ*аксаран ду ва зиёда доғи судӣ доранд. Онҳо тезтар, осонтару устувортар ба шароити маҳбас мутобиқ мешаванд, зеро бо тартибу низом ва урфу одатҳо шиносанд. Қисми зиёди ин категорияи синнусолӣ сатҳи пасти маълумотнокӣ, талаботҳо, тасаввурот ва майлу рағбати хеле содда доранд. Зиндагии дуру дароз дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба он оварда мерасонад, ки онҳо ҳатто масъалаҳои оддии рӯзгорро ҳал карда наметавонанд. Дар миёни онҳо майзадагии доимӣ бештар дида мешавад.

Занони ин синну сол, ки бори аввал иҷрои ҷазо мегузаранд, нисбатан сатҳи баланди маърифатнокӣ дошта, соҳиби касбанд ва дар озодшавии пеш аз мӯҳлат манфиатдоранд. Онҳо ҳаракат мекунанд, ки тартиботро вайрон накунанд ва хеле кам ба алоқаҳои гомосексуалӣ даст мезананд. Ба ташкили ҳаваскорӣ онҳо муносибати гуногун доранд: баъзеашон дар ин кор аз рӯи тамаъкорӣ иштирок мекунанд (зери назорати мудирият будан, гирифтани имтиёз), баъзеашон бо дили нохоҳам, зеро барои маъмурият кор карданро маъруф намеҳисобанд.

Ба категорияи заноне, ки чандин маротиба маҳкум шудаан хислатҳои барангехтан, бетаҳаммулӣ, бешармӣ ва таҷовузкорӣ хос аст. Ҷанҷолҳо дар байни онҳо бо ҳар баҳона рух медиҳад ва аксаран бо занозанию хархаша анҷом меёбанд. Дар ин синну сол занон майл ба тамаъҷӯӣ доранд, дӯстӣ бошад одатан барои ба даст овардани нафъ ва худписандӣ психолога шудааст.

Занони маҳкумшудаи *миёнасол* бештар шахсонеанд, ки умрашон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ гузаштааст. Алоқамандӣ бо хешу таборро бисёрии онҳо аз даст додаанд. Ба муассисаи ислоҳӣ онҳо одат кардаанд, тартиботро риоя мекунанд ва гапдарову ҳалиманд. Лекин аз рӯи сиришт маккоранд, дурӯғгӯянд, серғурбатанд, ақидаҳои устувори ҷиноятӣ доранд ва худро барои ҷинояти содиркардаашон гунаҳкор намеҳисобанд. Баҳонаи беморӣ карда (бештарашон маъюби дараҷаи I-II мебошанд), ба худ муносибати махсусро талаб мекунанд. Аксарияти занони маҳкумшудаи ин категория нобоваранд, зудранҷу мумсиканд. Арзишҳои асосиашон беҳбудии моддӣ ва саломатӣ аст.

Инсонпарварии муассисаҳои ислоҳӣ ба он мусоидат кардааст, ки занони маҳкумшуда намуди зоҳириашон хубтар шуда, аз косметика истифода мебаранд, сарулибои худро мепӯшанд, онҳо имкони тез-тез дидорбинӣ бо наздикону фарзанлон доранд, ба рухсатӣ мераванд, аз алоқаи телефонӣ истифода мекунанд, мачит мераванд, имкони таҳсил ва омӯхтани касб доранд.

Дар таҷрибаи пенитенсионарӣ барномаҳои гуногуни барқароршавии иҷтимоии занони маҳкумшуда истифода мешаванд. Аз он чумла барномаи тайёр намудани онҳо барои ҳаёт дар озодӣ, ки ба дастгирии алоқаҳои мусбат психолога гардидааст. Масалан, дар маҳбасҳои хориҷӣ ба занон рӯзгордорӣ, нигоҳубини андом, бо манфиат гузаронидани вақти холиро меомӯзонанд

ва курсҳо барои сартарошон, менеджерон, ошпазону боғпарварон ташкил мекунанд. Чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ ва махфилҳо гузаронида мешаванд ва ҳаваскорию эҷодкорӣ дастгирӣ меёбад. Дар давоми муҳлати иҷрои ҷазо рухсатӣ дода мешавад ва инчунин рухсатиҳои махсус барои пайдо кардани кор ва ҳалли масъалаҳои рӯзгор.

Нақшаи умумии тафовути психофизиологӣ ва тамоюлҳои арзишие, ки ба синну соли маҳкумшудагон хос аст.

**Тавсифи (*характеристикаи*) психологӣ ва муқоисавии хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии маҳкумшудагон**

| Хусусиятҳои психофизикӣ, арзишҳо | Маҳкумшудагони ноболиғ | Маҳкумшудагони синни ҷавон | Маҳкумшудагони болиғ | Маҳкумшудагони миёнасол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Хусусиятҳои ҷинсӣ | Ба балоғат расидан. Носозгорӣ миёни болиғшавии ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ. Алоқаҳои гомосексуалӣ. | Синну соли ба балоғатрасидаи фаъол. Муносибати мувофиқ. Алоқаҳои гомосексуалӣ. | Шавқи таносулии камфаъол. Иваз кардан ба арақ, нашъа, пул. | Климакс, қатъ гаштани шавқи таносулӣ. Иваз кардан ба эҳтиёҷи дигар (таъминоти молиявӣ). |
| Оила ҳамчун сарват | Оилаи волидон ҳамчун сарват | Оилаи худ ҳамчун сарват | Оила ҳамчун сарват | Оила ҳамчун сарват |
| Кор ҳамчун арзиш | Ифода наёфтааст | Суст ифода ёфтааст | Суст ифода ёфтааст | Ифода наёфтааст |
| Маълумотнокӣ ҳамчун арзиш | Ифода наёфтааст | Суст ифода ёфтааст | Ифода наёфтааст | Ифода наёфтааст |
| Рағбат ба мустақилӣ ва соҳибихтиёрӣ | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Каме ифодаёфта | Ифода наёфтааст |
| Рағбат ба гурӯҳшавӣ | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Каме ифодаёфта | Ифода наёфтааст |
| Романтикаи маҳбасӣ, хобби | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Каме ифодаёфта | Ифода наёфтааст |
| Шавқи риоя намудан ба муд | Ифода ёфтааст | Ифода ёфтааст | Ифода наёфтааст | Ифода наёфтааст |
| Майл ба комёбӣ, қудрат | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Каме ифодаёфта | Ифода наёфтааст |
| Майл ба беҳбудии моддӣ | Ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст | Ба дараҷаи баланд ифода ёфтааст |

## 2.6. Хусусияти психологии маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм

Дар асри XXI мафҳуми «экстремизм» ва «терроризм» қисми ҷудонашвандаи ҳаёти ҷомеаи мо шудааст. Бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ноустувории психологию сиёсии ҷомеа, паст рафтани сатҳи зиндагии теъдоди асосии аҳолӣ ва дигар омилҳо боиси инкишоф ёфтани фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ гардиданд.



**Экстремизм** (аз лот. *extremus* – ниҳоӣ) – пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои ниҳоӣ (одатан дар сиёсат)[15]. Дар байни чунин чораҳо ангезиши бетартибиҳо, амалҳои террористӣ , усулҳои ҷанги партизаниро қайд кардан мумкин аст.[16].

**Терроризм (**аз лот. *terror* – тарс, ваҳм) – тарсонидан ва воҳима андохтан ба одамон тавассути зўроварӣ мебошад. Амали террористӣ воситаест, ки тавассути он қурбониҳои воқеӣ ё эҳтимолӣ (имконпазир) ба ҳолати даҳшат оварда мешаванд. Терроризм ҳамчун падидаи томаз маҷмўиҷузвҳои «террорист –амали террористӣ-террор» иборат аст.

Мухолифат (аксултаъсир) ба фаъолияти экстремистӣ дар самтҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад: андешидани тадбирҳои пешгирикунандаҷиҳати пешгирии фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкор ва минбаъд бартараф кардани сабаб, шарту шароитҳое мебошад, ки ба амалисозии фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд; ошкор кардан, пешгирӣ намудан ва бартарафсозии фаъолияти экстремистии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, дигар ташкилотҳо, шахсони воқеӣ. [17].

Корҳои зиѐд оид ба пешгирии фаъолияти экстремистӣ дар мақомот ва муассисаҳои иҷрокунандаи ҷазо анҷом дода мешаванд. Самаранокии амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷўӣ нисбат ба шахсоне, ки дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазо барои фаъолияти террористӣ ва экстремистии ба идеяҳои радикалии ислом асосёфта ба омилҳои зиёд вобастаанд.

Самаранокии амалисозии фаъолияти оперативию ҷустуҷуӣнисбати шахсоне, ки дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои фаъолияти террористӣ ва экстремистии ба идеяои исломи радикалӣасосёфта нигоҳ дошта мешаванд, ба бисёр омилҳо вобаста мебошад. Яке аз омилҳои муҳимтаринин маълумот дар бораи шахсияти террорист мебошад. Маълумоти ҷиноятӣ дар бораи шахсияти террорист барои ҳалли мушкилоти зиёди амалиёт дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷўӣ ва оперативии ҷангӣ, дар пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткориихусусияти экстремистидошта зарур аст.[18].

Ба сифатҳои асосии шахсияти террорист зерин дохил мешавад:

– садоқат ба кор(террор)-и худ ва ташкилоти худ
– омодагӣ ба худқурбонкунӣ;
– таҳаммул, интизомнокӣ;
– «махфӣ нигоҳ доштан»;
– фармонбардорӣ;
– коллективизм – қобилияти дастгирӣ намудани муносибатҳои хуб бо тамоми аъзоёни гурўҳи ҷангии худ.

Дар байни ангезаҳои асосии машғулият бо фаъолияти террористӣ (кори террорӣ) зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- ✓ ангезаҳои меркантилӣ(моддӣ) ;
- ✓ ангезаҳои идеологӣ;
- ✓ ангезаҳоитабдилот гузаронидан, фаъолона тағйир додани ҷаҳон;
- ✓ ангезаҳои ҳукмронӣ кардан аз болои одамон;
- ✓ ангезаҳои рағбат ва ҷолибии терроризм ҳамчун фаъолияти махсус;
- ✓ ангезаи дилбастагии эмотсионалии «рафиқона»;
- ✓ ангезаи худро амалӣ кардан[19].

---

[15]Российский энциклопедический словарь / под ред. А.М. Прохорова. – М.: Научное изд-во «Большая Российская энциклопедия», 2000.

[16]Бокарев С.Н. Экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Труды Академии МВД России. – М.: Академия МВД России, 2008. – № 2.

[17]Бокарев С.Н. Религиозный экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Проблемы противодействия экстремизму в Российской Федерации: сборник материалов круглого стола (28 апреля 2005 года, г. Москва). – М., 2005.

[18]Горяинов К.К. Хромов И.Л. Особенности оперативной работы в ИУ среди осужденных, отбывающих наказание за преступления террористической направленности. – М., 2012.

[19]Соснин В.А. Психология современного терроризма. – М., 2010.

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки террористон як гурӯҳӣ махсуси ташхисии равонӣ(психиатрӣ)-ро ташкил намедиҳанд (дар асоси муқоисаи хусусиятҳои психологии онҳо бо хусусиятҳои психологии қотилони оддӣ, «на террористон»), зеро терроризм пеш аз ҳама - ин куштор мебошад.[20].

Аммо дигар муҳаққиқон зикр кардаанд, ки дар сохтори шахсияти террорист одатан як унсури психопатологиипеш аз ҳама хусусияти психопатологӣзуҳур меёбад, ки бо эҳсоси зарари воқеӣ ё мавҳуми аз ҷониби террорист кашидашуда, норасоии ягон чизи зарурӣ, ки чунин шахс ба он хеле ниёз дорад, алоқаманд мебошад.[21].

Чун қоида, мантиқ ва тафаккури террорист хусусияти печдарпеч ва ба ҳам зиддияткунанда дорад. Аз ҷиҳати эмотсионалӣду намуди ниҳоии террористонро фарқ мекунанд: хеле «сард», амалан эҳсосот надорад ва намуди ба эҳсоси зиёд майлдошта, ки эҳсосоташро дар соҳаи ба терроризм новобаста бештар зоҳир мекунад, вале ҳангоми омодашавӣ ва татбиқи амали террористӣ одатан назорати ҷиддиро аз болои эҳсосот дур (бартараф) мекунад.[22].

Бо эмотсияҳо (эҳсосот) мушкилот (проблемаҳо)-и ахлоқию маънавӣ («маҷмӯи гунаҳкорӣ) вобастаанд, ки баъзан барои террористони сатҳи маълумоташон баландва зеҳнашонрушдёфта азиятовар мешаванд. Дар вариантҳои нисбатан соддашуда, террорист аз чунин мушкилот маҳрум аст ва ҳамчун «мошини вайронкунанда»-и беҷон амал мекунад. Таҳлили психологӣ имкон медиҳад, ки се намуди нисбатан аёни чунин «мошини террористӣ» ҷудо карда шавад:

**1.** *«Синдром(алоим)-и Зомбӣ»*- ҳолати доимии аз ҳад зиёд ба ҷанг омода будан, як навъи *«Алоими ҷанговар»,* ҳамеша ба худсобиткунӣ ва тасдиқи мустақилияти худ ниёз дорад; ки ба террористониамалкунанда, ҷангиёни сатҳи пасттаринхос аст.

**2**. *«Алоим (синдром)-и Рэмбо»*. «Миссионерӣ» - меҳвари асосии психологии «Рэмбо», ки наметавонад (ҳарчанд, ки ба он қобил аст), барои «ҳамту» бикушад–вай ин корро бояд бо мақсади чизи баланде иҷро кунад, бинобар он ӯдоимо дар ҷустуҷӯкардан ва пайдо намудани ин ё он «рисолат»-и нисбатан мураккаб ва хатарнок мебошанд.

**3**. *«Алоим (синдром)-и камикадзе»*, хусусиятҳои психологии асосии вай пеш аз ҳама омодагии экстремалӣ(ҷиддӣ) барои худро қурбонӣкардан мебошад.

Кӯшиши ҷудо кардани намудҳои психологии шахсияти террористон дар асоси навъҳои феълу хӯ (темперамент) имконпазир аст, ки дар замоне аз ҷониби Ҳиппократ ворид карда шуда, баъдтар аз ҷониби И.Павлов инкишоф дода, аз тарафи Г.Айзенк такмил дода шудааст. Намудҳои ба таври анъанавӣ маълуми *сафроимизоҷ* (холерик), *дамавимизоҷ* ё *зиндадил*-(сангвиник), *хунсард* (флегматик) ва *молихулиёӣ ё дилтанг* (меланхолик) дар мисоли тавсифи адабии террористони маъруф ба таври хос садо медиҳанд. Мазмунан онҳоро аз рӯи тавсифи асосии хусусияти системаи асаб ва инчунин интенсивияти зуҳурот аз рӯи мушаххасоти «экстраверсия -интроверсия» ва «невротизм –суботи эмотсионалӣ » таҳлил кардан мумкин аст. Варианти нисбатан маъмули психологии шахсияти террорист ин сахт невротизатсия шуда ва экстравертиронидаи сафроимизоҷ (холерик)-и мебошад.

Дар байни хусусиятҳои ботинии шахсияти террористи тамоюлаш динӣ се қисми асосиро бояд фарқ кард, ки ин онҳо ҷаҳони ботинии ӯро нисбатан пурра инъикос мекунанд: нарсиссизм, фанатизм ва рафтори харобиовар (деструктивӣ). Ҳамаи ин се ҷузв ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, метавонанд аз якдигар бар оянд. Хусусиятҳои дар боло зикршуда ба дараҷаи муайян ба ҳар як инсон хос аст, вале бо таъсири баъзе омилҳоонҳо метавонанд тағйир ёбанд ва шаклҳои аз ҳад зиёд таҳрифшударо бигиранд. Ба чунин омилҳо қаноатманд нашудан аз эҳтиёҷоти асосӣ, шаклтағйирдиҳии эмотсионалию иродавӣ, манфиатҳои манфии иҷтимоӣ, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва тарбияи миллию диниро дохил кардан мумкин аст..

---

[20]Антонян Ю.М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование. – М., 1998.

[21]Бокарев С.Н. Религиозный экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Проблемы противодействия экстремизму в Российской Федерации: сборник материалов круглого стола (28 апреля 2005 года, г. Москва). – М., 2005.

[22]Бокарев С.Н. Религиозный экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Проблемы противодействия экстремизму в Российской Федерации: сборник материалов круглого стола (28 апреля 2005 года, г. Москва). – М., 2005.

Ба террористоне, ки фаъолияти худро дар асоси идея (ғоя)-ҳои исломи радикалӣ амалӣ месозанд,ба истисноӣ будани эътиқодиимони худ бовар кардан ва рад карданиҳамаи он чизе, ки ба он алоқаманд нест, хос аст. Чунин дарк намудани дини худ зуҳуроти нарссисизм мебошад. Ба ақидаи Э. Фромм «...нарсиссизмро ҳамчун он ҳолати эмотсионалӣ муайян кардан мумкин аст, ки дар он одам дар воқеъ танҳо ба шахсияти худ, ҷисми худ, эҳтиёҷоти худ, фикрҳои худ, молу мул ки худ ва ғайра таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Дар ҳолате, ки ҳамаи чизи боқимонда, ки ҷузви худаш нест ва объекти орзуҳои ӯ нест, барои ӯ ҳақиқати ҳаётии воқеӣ намебошад, беранг аст, маззаву вазн надорад ва танҳо дар сатҳи ақл эҳсос карда мешавад»[23].

Дар гурӯҳ пайдо кардани одамони ҳамақида боиси қавӣ шудани зуҳуроти нарсиссизм мегардад. Аз рӯи ақидаи Э. Фромм нарсиссизми гурӯҳӣ яке аз сарчашмаҳои асосии зӯроварии инсон мебошад. Дилҳоҳ таҳдидҳои мавҳум (хаёлӣ) ва воқеиро ба идеологияи динии худ террористон хеле ҷиддӣ қабул мекунанд ва бо зӯровари (агрессия)-и беасос, ки дар шаклҳои хеле радикалӣ ифода ёфтаанд, ҷавоб медиҳанд. Аз инҷо, таҳаммулнопазирии бештар нисбати ақидаҳои мухолиф пайдо мешавад, ки бо онҳо (ақидаҳоимухолиф) ба ақидаашон мубориза бурдан,аз ҷумла бо усулҳои террористӣ зарур аст. Масалан, дар идеологияи ваҳҳобиён мавқеи низомро тартибдиҳанда ҷиҳод, яъне ҷанг барои эътиқод (мазҳаб) бар зидди тамомиғайриваҳҳобиён мебошад[24]. Аммо бояд қайд кард, ки на ҳама ваҳҳобиён террористонанд. Саҳеҳтар карда гӯем, террористон ваҳҳобизмро истифода мекунанд, зеро дар идеологияи мазкур меъёрҳои радикалӣ мавҷуданд, ки тафсири саҳеҳ ва босаводонаро тақозо мекунанд, дар акси ҳол ваҳҳобизм ба ақидаи экстремистӣ табдил меёбад.

Нарсиссизми террористони динӣ, ба ғайр аз худбаҳодиҳии хусусӣ ва«Ман»-и худ, ба идеалӣ сохтани дини худ равона шудааст. Дарки он, ки ту ҷузви имони Вера »ҳақиқӣ», ягона имони дурусти сазовори таҳсин ва итоати бечунучаро ба меъёрҳои он мебошӣ,дар террористони динӣ идеяи беназир буданашонро ба вуҷуд меоварад. Ин дар навбати худ ба онҳо имкон медиҳад, ки фикр кунанд, ки ҳар кореро, ки хоҳанд бикунанд,нисбати арзишҳои умумӣ беэътиноӣ зоҳир намоянд. Ба бисёре аз террористон нарсиссизм хос аст, ки қаноатмандии зарурӣро нагирифта, боиси пайдо шудани ҳисси худэҳтиромкунии нокифоя мегардад. Ин хислат ҳам дар террористҳои сиёсӣ ва ҳам этнодинӣ низ мушоҳида мешавад. Онҳо бакамолот (нотакрори)-и худ, хусусиятҳои беназири шахсӣ ва афзалият (болотар будан) аз дигарон ба туфайли мансубияташон ба гурӯҳи этнодинӣ бовар доранд. Ҳангоми дастурдиҳии нарсиссизмӣ одамон ҷаҳонро сиёҳ ва сафед эҳсос карда, ҳамаи сабабҳои нокомӣ ва хатогиҳои худро танҳо аз ҷомеаи атрофашон мебинанд, онҳо боварӣ доранд, ки ҳамаи ин сабабҳо ҳеҷ наметавонад самараи гурӯҳи худи онҳо бошанд. Нарсиссизм ин гурӯҳӣ як падидаи хавфнокест, ки хусусиятҳои хоси он *таассуб* (фанатизм) мебошад. Таассуб (фанатизм) дар ғалатфаҳмии арзёбиҳо ва мулоҳизаҳои номатлуби террористон баён карда мешавад. Фанатизми диниро Б.Г.Чурков «ҳувияти экстремистӣ» меномад, ки доминантаи ангезандааш бовариии онҳо ба соҳиб шудан ба ҳақиқати ягонаи олӣ, роҳи беназири «наҷот» -и мардуми худ, гурӯҳи иҷтимоӣ ё тамоми инсоният мебошад.[25].

Фанатизм боиси он мегардад, ки террористи динӣ метавонад бо ҷаҳони воқеӣ робитаро гум кунад ва мувофиқан барои ӯ тамоми чизҳои зинда, аз ҷумла ҳаёти худаш беқадр мегарданд. Намунаи хеле возеҳи фанатҳо (мутаассибон)-и динӣ пайравони яке аз шохаҳои Исмоилии ислом – Низорисҳо мебошанд, ки дар саросари ҷаҳон ҳамчун Ассасин ҳо (ҳашишия ) машҳуранд. Пешвои ин гурӯҳ Ҳасан-ибни-Сабоҳусули самараноки омода кардани адепт (мутахассис)-они худро таҳия намуд. Бо ёрии маводи мухаддир ва тамринҳои театрӣӯ онҳоромаҷбуран бовар мекунонд, ки онҳо дар биҳишт буданд ва метавонанд ба он ҷо баргарданд, ба шарте агар маргро бо фармони ӯ қабул намоянд. Ҳамин тавр, ассас инҳо на

---

[23]Фромм Э. Анатомия человеческой деструктивности. – URL: http://royallib.com/book/fromm_erih/anatomiya_chelovecheskoy_destruktivnosti.html
[24]Фромм Э. Анатомия человеческой деструктивности. – URL: http://royallib.com/book/fromm_erih/anatomiya_chelovecheskoy_destruktivnosti.html.
[25]Чурков Б.Г. Мотивационные и идейные основания современного терроризма // Социальные конфликты: экспертиза, прогнозирование, технология разрешения: сб. статей. – Вып. 4. Терроризм.

танҳо аз марг намеҳаросиданд, балки онро ҳамеша меҷустанд, зеро онро бо биҳишти вақти тӯлонӣ интизор буда вобаста мекарданд[26].

Боз як хусусияти ботинии шахсияти террористи динӣ, ки бояд инъикос карда шавад, ин рафтори сахтзуҳурёбандаи харобиовари ӯ аст. *Вайронкорӣ (деструктивият*) яке аз навъҳои зӯроварӣ аст, ки дар табиати инсон ҷойгир мебошад. И. В. Лисак менависад, ки ... «Фаъолияти деструктивӣ (харобиовар) гуфта бояд шакли махсуси инсонии муносибати фаъолонаро бақаҳон бифаҳмем, ки мазмуни асосии он нобуд кардани объектҳо ва системаҳои мавҷуда мебошад. Фаъолияти харобкориву бадрафторӣ метавонад аз ҷониби одам нисбат ба берун - ба одамони дигар ё умуман ба ҷомеа, муҳити табиӣ, осори меъморӣ, объектҳои гуногун равона карда шавад, инчунин метавонад  ба худ нигаронида шавад (вайрон кардани шахсияти худ, худкушӣ). Вайронкорӣ зоҳиршавии  бесарусомонӣ мебошад, ки ногузир дар табиати инсон мавҷуд аст ва метавонад ҳамчун мақсади ниҳоии фаъолият бошад ё ҳамзамон метавонад ба фаъолияте, ки ҳадафиофаринишӣ дорад, ҳамроҳи бикунад»[27]. Масалан, террористоне, ки фаъолияти худро дар асоси идеяҳои исломи радикалӣ анҷом медиҳанд, дар роҳи бунёди «Давлати исломӣ», ягон роҳи дигари расидан ба ин мақсадро, ба истиснои нобуд кардани ҳамаи одамои ғайри дини худ (кофирон) намебинанд.

Амалҳои харобиовар ба ҳамаи одамон хос аст, аммо дар ҳар як инсон вай бо  дараҷа ва шакли гуногун  тасвир шудааст. Чернов А.И. ва Буланова И.С. қайд мекунад, ки  ... «амали ғайриинсонӣ аз ҷониби одамони аз ҳама оддӣ ба амал меояд. ... Ҳар яки мо барои анҷом додани чунин амалҳо ягон имконият(потенсиал)-и муайян дорем[28]. Барои тасдиқи суханҳои худонҳо натиҷаҳои таҷрибаеро оварданд, ки ҳадафаш маънидод кардани  сабабҳои амалҳои бераҳмонаи одамон дар чорчӯбаи сиёсати фашизм буд.Натиҷаҳо нишон доданд, ки қариб дар 60 фоизи иштирокчиёни таҷриба дар натиҷаи таъсири омилҳои беруна амалҳои харобкорӣ зоҳир мешаванд. Таҷрибаи Милгрэм чандинбор дар кишварҳои мухталиф, дар солҳои гуногун, аз ҷониби олимони гуногун такрор карда шуд, вале натиҷаҳо бетағйир монданд.[29]. Аз ин ҷо бармеояд, кирафтори деструктиви(харобкорӣ)-и дар ҳар як одам пинҳоншудавобаста ба таъсироти беруна метавонад зоҳир шавад.Таъсири пурзӯри берунаро, ҳам ба рафтори харобиовар, ҳам ба нарсиссизм ва фанатизмидеологияи экстремистӣмерасонад, ки асоси онро ақидаҳои таҳрифшуда (вайроншуда)-и исломи радикалӣ ташкил медиҳанд.  Таблиғи (проповедь) коллективии ягона эътиқоди дуруст, «ҳақиқӣ», ки террористонро аз тамоми одамони дигар баланд мебардорад ва ба онҳо ваколати иҷрои амри Худоро медиҳад, боиси ба вуҷуд омадани  ба истилоҳ «эпидемия»-и экстремистӣ мегардад. На ҳар одам метавонад  ба чунин як падида муқобилат намояд ва дар ҳолати дар психикааш мавҷуд будани ягон тамоюл метавонад ба меъёрҳои динии бардурӯғ пурра  тобеъ  шавад.[30].

Ҳамин тариқ, террористон динӣ айнан ҳамин хусусиятҳои психологииба ҷинояткорони «ғайритеррористӣ» хосродоранд. Аммо зери таъсири идеологияи экстремистӣ (ифротӣ)дар террористони динӣ хислатҳои ботинӣ, ба монанди нарсиссизм, аз ҷумла нарсиссизми гурӯҳӣ, фанатизм (таассуб)ва рафтори харобкорӣқавитар мешавад.[31].

Чунин донишҳо дар бораи террористони динӣ бакормандони мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазо барои беҳтар фаҳмидани олами ботинии ин гурӯҳи шахсонимкон медиҳад[32], ки дар навбати худ метавонад ба самаранокии аксултаъсир(муқобилат)-и хадамоти

---

[26]Ассасины. – URL: http://ru.wikipedia.org .

[27]Лысак И.В. Человек – разрушитель: деструктивная деятельность человека как социокультурный феномен. – URL: http://sbiblio.com/BIBLIO/archive/lisak_chelovek/

[28]Чернов А.Ю., Буланова И.С. Психологическое объяснение мотивации религиозного суицидального терроризма // Вестник Вологодского государственного университета. – Сер. 7. Филос. – 2013. – № 2.

[29]Эксперимент Милгрэма. – URL: http://ru.wikipedia.org

[30]Казберов П.Н. О необходимости противодействия экстремистско-террористическим проявлениям в обществе и в пенитенциарной системе // Психология и право. – 2013. – № 2.

[31]Нарусланов Э.Ф. Экстремистские организации: становление и современное состояние // Ведомости уголовно-исполнительной системы. – 2014. – № 2.

[32]Федорова Е.М. Духовно-нравственное воспитание сотрудников уголовно-исполнительной системы в процессе профессиональной подготовки: учебное пособие / Е. М. Федорова; Федеральная служба исполнения наказаний, Научно-исследовательский ин-т. – Москва, 2007.

реҷавӣ ва оперативӣба паҳншавии идеологияи ифротгароӣ дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣмусбат таъсир намояд.

А.В. Сергеева дар байни шахсоне, ки ҷинояти самти экстремалидошта содир мекунанд, ду намуд (тип)-и асосии шахсиятро ҷудо мекунад:

**Якум** – ин шахси ҷинси марди синнаш аз 25 то 37 сола, ки маълумоти олӣ ё миёнаи махсус дошта, кор мекунад, қобилияти хубзоҳиршавандаи ташкилотчигӣ дорад.

**Дуввум** – шахси ҷинси марди синнаш то 20 сола, аз ҷумла ноболиғ, маълумоташ нотамоми миёна ё маълумоти миёнаи махсус, кор намекунад, дараҷаи баланди тобеъшавӣ (талқингирӣ) дорад.[33].

Содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремалӣ дошта аз ҷониби ноболиғон чунин маънидод карда мешавад, ки ин синну сол барои аз худ кардани идея(ғоя)-ҳои радикалии миллатпарастӣ, ксенофобӣ ва экстремистӣ хеле мувофиқ мебошад. Ин ғояҳоро ҷавонон вобаста ба хусусияти умумии максималистӣ ё амалкунанда доштани ҳаракат, ки ба талаботҳои шахсият дар давраи тағйиротҳои синну солӣ ба вуҷуд меоянд, зуд дастгирӣ мекунанд, Наврасони нисбатан фаъол на танҳо иҷрокунандаи ҷиноятҳои самти экстремалӣ дошта, балки ташкилотчиёни онҳо низ мебошанд.

Дар байни хусусиятҳои психологии иҷрокунандагони ҷиноятҳои экстремалӣ зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

**1)** пайравии зоҳиршаванда ба ягон идеология, ҳатто то таассуб(фанатизм) ва нарсиссизми гурӯҳӣ – мавҷудияти радикали нарсиссиро дар сохтори шахсият пешбинӣ мекунад;

**2)** экстремалнокии фаъолият ва хусусияти гурӯҳмарказии он – бартарии яксоншавии гурӯҳиро нисбат ба фардӣ (мустақилфикр) будан ё суст зоҳиршавии сифати охириро пешбинӣ мекунад;

**3)** тамоюл ба зӯроварӣ ва тарсонидану ваҳмонидан –дар сохтори шахсият мавҷуд будани радикали параноидии аёнро пешбинӣ мекунад.

Аксар вақт дар адабиёт чунин тавсифи аъзоёни ташкилотҳои экстремистӣ, ба монанди рафтори ҳардамхаёлии ашаддӣ,худпарастӣ, ифротгароӣ (максимализм), инчунин тарсуҳарос, бадхашмӣ, бетамкинӣ вомехӯранд.

**Пешвоёни** созмонҳои террористӣ, маъмулан, мардони синнашон 30-40 солаи маълумоташон олӣ ва олии нопурра мебошанд. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки вазифаи пешворо аксар вақт одамони ботаҷрибаюбомаърифат ишғол мекарданд. Чун қоида, ҷойгоҳи ҳокимият (иерархия)-и созмони террористӣ ба синну соли террорист алоқаманд аст: роҳбарон ва ташкилкунандаҳо аз иҷрокунандагон ба синну сол бузургтаранд. Бояд қайд кард, ки аксари онҳо дар ягон ҷо кор намекарданд,ҳарчанд, ки бисёрии онҳо касбу ихтисос доштанд. Қариб нисфи онҳо оила доранд, аксари онҳо қаблан маҳкум нашуда буданд.

**Иҷрокунандагон** (ҷангиён) шахсоне мебошанд, киқобилияти амалӣ кардани (бошуурона ё ҳадафҳои амалҳои худро дарк накарда) амалҳои қудратиро доранд. Чун қоида, онҳо бо сабабҳои меркантилӣ (моддӣ) амал мекунанд. Барои аксари аъзои қатории созмонҳои террористӣ маҳз онҳо якумдараҷа маҳсуб меёбанд. Ниҳоят, терроризм ҳамчун дилхоҳ фаъолияти инсонӣ, дар сатҳи муайян меҳнати маблағпардохтшаванда мебошад.

Ғайр аз ин ба онҳо кӯшиши худро нишон додан, аз болои дигар одамон ҳукм рондан (сарварӣ кардан) хос аст.

Аксар вақт иҷрокунандагони амалҳои террористӣ мардон, баъзан занҳо мешаванд. Фоизи нисбатан баланди иштироки занонро чунин маънидод кардан мумкин аст: бинобар хусусияти дигари фаъолияти асаб доштанашон (серҳаракатии зиёд, эҳсосотӣ будани онҳо, зуд ба изтироб афтидан ва ғайра) онҳотаҳти таъсири идеологӣ (ки психикаи онҳоро барномасозӣмекунад)бештар мемонанд.Дар баробари ин, аз занон назар ба мардон камтар гумонбар мешаванд. Аксар вақт паноҳ шудан, бо дигарон яксон шудан ва иҷро кардан амалҳои террористӣ барои занон назар ба мардон вобаста ба мақоми зан дар ҷомеаосонтар аст. Илова

---

[33]Сергеева А.В. Особенности досудебного производства по уголовным делам о преступлениях экстремистской направленности. М., 2012.

бар ин, зан бештар ба худ хайрхоҳиро ба вуҷуд меорад, ҳарчанд, ки ӯ бераҳмона одамони тамоман бегуноҳро аз зиндагӣмаҳрум месозад.

Интихоб ба гурӯҳҳои террористӣ аз байни онҳое амалӣ мешавад, ки ба созмонҳои террористӣ хайрхоҳӣ мекунанд: ба фикру ақидаҳои радикалӣ ва экстремистӣ ҳамфикр мебошанд; хешовандони одамоне, ки аллакай узви ташкилотҳои террористӣ буданд, барои ҷинояти хусусияташ террористӣ маҳкум шудаанд, дар рафти амалиёти зиддитеррористӣ кушта шудаанд. Одаме шуда метавонад, ки дар ҷойи зарурӣ зиндагӣ мекунад ё вазифаи муайянро ишғол менамояд, робитаҳои муайян ва ё шиносони мушаххас дорад. Баъд аз ин, барои ҳар як амалиёти мушаххас аз захира шахсони зарурӣ интихоб карда шуда, барои омода кардан ва гузаронидани амалҳои террористӣҷалб карда мешаванд. Ангезиш ва ҳавасманд кардани ин категорияи террористон хеле гуногун аст: аз худсобиткунӣ, хаёлпарастӣ (романтика) ва қаҳрамонии ҷавонӣ, қасддгирӣто сабабҳои тамаъкорӣ, ки онҳо метавонанд фикру ақидаҳои ғоявиро танг карда бароранд ёҳамроҳи онҳо якҷоя (муштарак) истифода шаванд.

Ҳамчун хусусияти умумии аъзоёни созмонҳои террористӣ тамоюлот ба экстернализатсия, аз берун ҷустуҷӯ кардани сарчашмаҳо (гунаҳкорон)–и мушкилоти шахсиро номбар кардан мумкин аст. Чунин хусусият асоси психологии муттаҳид сохтани террористон мебошад ва ба гурӯҳи(шумораи) хусусиятҳои асосӣмансуб аст. Вай камбудиҳо ва хатогиҳояшро бо камбудиҳои одамонидигар шарҳ медиҳад. Чунин одамон худашон худро ҳамчун манбаи хатоҳои худ эътироф намекунанд.

Дигар хусусиятҳои психологии хислати шахсияти террористҳо (қабл аз ҳама иҷрокунандагон) омодагии мунтазами мудофиавӣ, аз ҳад зиёд ба худ таваҷҷӯҳ кардан (худтанзимкунӣ) ва таваҷҷӯҳи камтарин ба эҳсосоти дигарон мебошад. Ин хислатҳо бо паранойягии будани террористон, алоқаманд буда, онҳо моили ҳамеша аз дигарон омадани таҳдидҳо мебошанд ва омодаанд ба онҳо бо зӯроварӣ ҷавоб бидиҳанд. Паранойягии террористон ба карахтӣ, «дар мондани» эҳсосот ва таассуроти онҳо ҳамроҳӣ мекунад, онҳо муддати тӯлонӣҳатто баъди бартараф шудани сабабе, ки боиси ин ҳолатҳо гардидаанд, боқӣ мемонанд.

Аксар одамоне, ки ба терроризм моиланд, ноустувории эмотсионалии аён доранд, ба онҳо тасвир (образ)-ҳои эмотсионалии эҳсосотӣ (муқоисакунанда) хос мебошанд. Онҳо моиланд, ки зудтар амал намоянд, на ин ки ҳодисаи рӯйдодаро дарк намуда, пешгӯии асоснок бисозанд. Ба онҳо якҷониба намудани арзёбӣ, ҳадди ақали таҳаммул (сабр намудан) хос аст.

Дар байни террористон, бисёр шахсоне вомехуранд, ки барои онҳо иштирок кардан дар амалҳоитеррористӣ ин бозӣ бо вазъият, душманон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тақдир мебошад. Алалхусус ин барои ҷавононхос аст. Амали террористӣ ҳамчун бозии ҳаяҷонбахш дониста мешавад, ки нархи он метавонад ба ҳаёт баробар бошад.

Аксарияти террористҳои этникии динӣ ба намуди пӯшидаи шахсият мансубанд. Ба онҳо оштинопазирӣ нисбати онҳое, ки ба таври дигар фикр мекунанд, хос аст, онҳо ҳама гуна фикру андешаҳои танқидӣва озодии интихобро намепазиранд. Натиҷаи ин пӯшида будан заифӣ (тангӣ) ва якҷонибии нуқтаи назар (ақида) мебошад, ки боиси мутлақгардонии максималии чизи хусусӣ (шахсӣ) мебошад, ки мавқеидигар ва назари дигарро комилан ба эътибор намегирад.

Хусусиятҳои равонии шахсияти террорист дар бисёр мавридҳо бо он муайян мешавад, ки вай бевосита бо марг сару кор пайдо мекунад ва он ба рӯҳиёт(психика)-и вай таъсир мерасонад. Марг ба худ мекашад ва рафторро, аз ҷумла тавассути эҳтиёҷоти аз нав пайдо кардан ҳиссиёти ба он сару кор доштанро муайян мекунад.

Таҳлили маводҳои таҳқиқот барои ошкор кардани боз як омили умумӣ дар рушди шахсияти террорист: таназзули психологӣ, ягон норасоии чизе дар ҳаёти ӯ, ки решаҳои он баъзан аз давраи кӯдакӣ оғоз мешаванд, имкон медиҳад. Чунин роҳи рушди психикӣ ба эҳтиёҷот ҷиҳати гиперҷуброн кардани норасоӣ дар ҷараёни бузургшавӣ ва расидан ба камолот оварда мерасонад.Аз ҳолномаҳова дигар манбаъҳо маълум аст, ки дар кӯдакӣхешовандони наздики бисёр террористон кушта шуда буданд. Аз як тараф, дар натиҷаи ин кӯшиши

қасдгирӣба вуҷуд омада, аз тарафи дигар ӯро фазои норасоии эмотсионалӣ фаро гирифта буд, ки дар он терроризми оянда ба воя расидааст.

Норасоие, ки ба ин ё он таназзул меоварад, метавонад дар соҳаҳои мухталиф: шахсӣ, оила, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣпайдо шавад. Мувофиқанонҳо боиси ба вуҷуд омадани решаҳои гуногуни психологии террор мегарданд. Бо вуҷуди ин, омили асосии умумӣ вуҷуддорад, ки вариантҳои гуногунро дар механизми ягона муттаҳид месозад - ин имконнопазирии дохилӣ барои бартараф кардани инмуаммо (проблема) мебошад. Ба одам барои ҷуброн кардани норасоӣимкониятҳои ботинӣ бо воситаҳои барои ӯ мувофиқ намерасанд, рафтор номувофиқ ва харобкунанда мегардад.

Аксар вақт, ашхосе, ки бо фаъолияти террористӣ машғуланд, ба фанатизм майл доранд. Ба онҳо эътиқоди муқарраршуда хос аст, онҳо метавонанд маълумоти гуногун дошта бошанд, аз бемаълумотии пурра то хатм кардани донишгоҳҳои бонуфуз ва мавҷудияти дараҷаҳои гуногуни илмӣ. Чун қоида, онҳо ҳисси баланди адолати иҷтимоӣ доранд, эҳтимолияти мавҷудияти хусусиятҳои аксентуирии феълу хӯва психопатсионӣ вуҷуд дорад. Ангезандаи асосии фидокорӣ–дилсӯзӣ барои тақдири халқи худ, нафрат ба халқи душман, ба замми ин на танҳо ба раҳбарони сиёсӣ, қувваҳои мусаллаҳ, балки ба тамоми намояндагони он мебошад. Дар ин ҷо дуршавӣ, ноумедӣ, нафрат, мувофиқати якҷои ҳисси заифӣ ва имконияти зоҳир намудани қувват (нерӯ) вуҷуд дорад.

**Шахсияти террорист**

Дар айни замон, хусусияти муфассали шахсияти террорист дар сатҳи намоён вуҷуд надорад.Бо вуҷуди ин, ҳатто иттилооти ҷудо-ҷудо (нопурра) доир ба ин масъала барои фаҳмидани ангезаи терроризм хеле муҳим аст.

Қисми зиёде аз террористон одамоне буданд, ки дар давраи кӯдакӣ аз муҳаббати модар маҳрум буданд. Дар ташаккулёбии рафтори агрессивӣ ва муносибати оштинопазирии онҳо қонунияти муайян: инкишофи равонию физиологии нокифоя, травматизми кӯдакона, бемориҳои ирсӣ вуҷуд дорад. Қисме аз онҳо одамонеанд, ки нуқси аёни шахсият доранд, аксари онҳо одамони комилан дуруст мебошанд, вале хусусияти онҳо «пардапӯш» буда, худашон истеъдоди актёрӣ доранд. Онҳое низ ҳастанд, ки бо идеяҳои олӣ «бемор» мебошанд ва бошуурона ба иҷрои амали террористӣ мераванд ва аз ҳамаи оқибатҳои он барои худ огоҳ мебошанд.

Дар байни террористон одамоне бисёранд, ки дар давраи кӯдакӣ, ҷавонӣ дучори таҳқир шудаанд, ба фурӯтанӣ тоб оварда натавонистанд.[34] Баъдтар, ба сатҳи минбаъдаи инкишофи худ расида, онҳо дарк карданд, ки на танҳо аз ҷинояткорони худ, балки аз тамоми ҷомеа интиқом гирифта метавонанд. Инҳо одамоне мебошанд, ки ғоя (фикру ақида)-и хешро татбиқ карда натавонистанд. Чунин ҳолат ғайриқаноатмандӣ ва хоҳиши бо роҳи гуногун исбот кардани «Ман» -и худро пайдо мекунонад. Шахс баъзан намефаҳмад, ки ӯ дар вақти худ натавонист худашро татбиқ намояд, на барои он ки ба ӯ ин имконро надоданд, балки барои он ки ӯ аз ӯҳдаи ин кор умуман баромада наметавонист – ба ӯ ин чиз дода нашудааст. Аммо вай худаш инро эътироф намекунад. Ба назараш чунин мерасад, ки ҷомеа ба қадри ӯ нарасид, боӯ нодуруст рафтор кард.

Бисёре аз террористон одамоне буданд, ки дар замони худ барои ҳифзи баъзе ҳуқуқу озодиҳо баромад карда, аз ҷониби давлат маҳкум шуданд, берун аз қонун қарор дода шуданд. Барои онҳо терроризм интиқоми иҷтимоӣ ба давлат мешавад. Аксар террористонро (мувофиқи маълумоти И.Б. Линдер ва С.А. Титков) мардон ташкил медиҳанд, ҳарчанд ки бисёре аз занон низ вуҷуд доранд, ки нақши онҳо дар ташкилотҳои террористӣ хеле баланд аст. Масалан, дар асри XIX дар Руссия занҳо на танҳо ҳамлаҳои террористиро анҷом медоданд, балки ҳамчун идеологи терроризм амал мекарданд. Ташкилотҳои террористӣ, ба монанди Артиши инқилобии Ирландия, Бригадаҳои Сурх, гурӯҳҳои Амрикои Лотинӣ ва ғайраҳо занонро барои мақсадҳои агентурӣ ва мақсадҳои ҷангӣ фаъолона истифода мебаранд.Дар байни террористони зан шахсиятҳои хеле маъруфе ҳастанд. Дар Арабистони ШарқӣЛайло Халид хеле машҳур шудааст,

---

[34]Есберген Алауханов. Криминология. Учебник. – Алматы. 2008.

ки чеҳраи зебои ӯ дар баландшавии«маъруфияти» вай ҳамчун террорист яке аз мақомҳои хосаро бозидааст.

Яке аз сабабҳои содир кардани ҷиноятҳо ин камбудиҳои тарбия дар мактаб аст, ҳарчанд, ки маълумот ҳанӯз дар одам сатҳи муносиби фарҳанги маънавӣ ва ҳуқуқиро муайян намекунад. Дар робита ба ин, П. Лафарг чунин навиштааст: «Маърифат барои кам кардани шумораи ҷиноятҳо оҷиз будааст: вай танҳо ба криминалистон имкон дод, ки таснифи нави ҷиноятҳоро анҷом диҳанд, зеро мушоҳида карла шуд, ки сатҳи маърифат ба нақша(мақом)ва хусусияти ҷиноятҳо таъсир мерасонад». Бинобар он тасодуфӣ нест, ки аз истифодаи усулҳои мураккаб ва мукаммал дар содир намуданиҷиноятҳои зӯроварию тамаъҷӯйишахсони нисбатан маълумотдор «аз ӯҳдааш мебароянд».

Хусусиятҳои шахсии террористон вобаста ба намуди махсуси фаъолияти террористиашон хеле гуногун мебошанд. Масалан, террористони сиёсӣ ва идеологӣ аз террористони миллатгаро, динӣ ва хусусан криминалӣ (ҷиноятӣ) фарқ мекунанд. Аммо набояд фикр кард, ки дилҳоҳ, барои мисол, террористи сиёсӣ аз террористи миллатгарое, ки дар амалиёти роҳзании даҳшатовар нисбати мардуми кишвари ҳамсоя иштирок мекунад, зеҳни нисбатан баландтар дорад. Албатта, террористи муосири сиёсӣ аз ҳамаи дигар террористон бештар омодагӣ дорад, хусусан агар ӯ дар як гурӯҳи аз ҷониби давлати тоталитарӣ таъсис дода, муҷаҳҳаз шуда ва дастгирӣ ёбанда амал намояд. Бо вуҷуди ин на ҳар як ифротгарои сиёсӣ иттилоотро ҳамчун мутахассис таҳлил карда, ояндаро пешбинӣ намудава нақшаи амалҳои худ ва амалҳои дигаронро кашида метавонад- ӯ метавонад иҷрокунандаи оддӣ низ бошад.

Чи тавре ки В. В. Витюк ва С.А. Эфиров қайд намуданд, худи мафҳуми «навъи экстремистии шахсият» ё «навъи экстремистии тафаккур» хеле норавшан, духӯра менамояд ва ба он додани як таърифи қатъӣ шояддушвор бошад. Кӯшиши эҷод кардани як симо (портрет)-и ягонаи психологӣ ва зеҳнии экстремист кори камқадр ва мутаасифона масъалаи беэътимод аст. Далели ин гуфтаҳо кӯшишҳои сершумору бенатиҷаи олимон ҷиҳати муайян кардани тавсифи умумӣ (универсали)-и шахсияти террорист-экстремист мебошад.

Масалан, одамони амалҳои террористӣанҷомдиҳандаро ҳамчун идеалистон,ҳамчун маҷзуб (шизофреник),ҳамчун фанатикҳои догма, ҳамчун садист ва ҳамчун одамони таназзулёбанда, ба худбоварнакунанда, худротасдиққкунанда, ки худхоҳиашон (ғурурашон), ҳукмрониро дуст доштанашон ё ноумедӣ ва ташнагии нобудкуниашон онҳоро меҳӯрад ва ҳамчун одамони ахлоқан кӯру кар ва ҳамчун ранҷурони амри маънавии олӣваҳамчун ҷинояткорон тасниф кардаанд. Тавре ки мебинед, хусусиятҳо хеле ба ҳам номувофиқанд.

Дар байни террористон одамони синну соли гуногун вомехӯранд. Роҳбарон ва ташкилотчиёни терроризм аксар вақт одамони калонсол, иҷрокунандагон – ҷавонон мебошанд. Маҳз аъзоёни ҷавони ташкилотҳои террористӣ, ки бевосита амалҳои террористиро ба ҷо меоранд, нисбатан ҳам барои тири ҳомиёни тартиб ва ҳам барои адлияи ҷиноятӣ осебпазир мебошанд.

Гурӯҳҳои террористӣ метавонанд на танҳо аз шахсони дар гузашта бе толеъ, ба худ дилпур набуда ва аз паст сифатии худ азобкашанда иборат бошанд, балки шахсони боақл, боиродаю ба нерӯи худ ва дигарон боваркунандаро ташкил дода метавонанд. Шахсони аввалӣ, чӣ тавре ки аллакай қайд карда шуд, дар гурӯҳ шинохташавӣ ва эътибор ва паноҳгоҳи психологӣ меҷӯянд, дигарон бошанд, кӯшиш мекунанд ҳукмфармо бошанд ва дигаронро идора кунанд. Аксар вақт маҳз онҳо на танҳо дар ҳайати гурӯҳ, балки худ мустақилона таълимоти дигаронро қабул карда, ба таври фаъолона онро дастгирӣ карда, бо усулҳои ҷоҳилонаю бераҳмона онро ба ҳаёт татбиқ карданӣ мешаванд.

Роҳбарони террористон барои таъмини ягонаги (муттаҳиди)-и сафи он ва тобеъ намудани ҳар як аъзои ташкилот ё гурӯҳи террористӣба манфиатҳои умумӣдар шуури «ҳамнабардон» сурати душмани бераҳм, маккор ва ба ҳама чиз омодаро дар симои ҷамъият, ҳокимияти давлатӣ, ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ, дин, миллат ва ғайра ташаккул медиҳанд.Дар айни замон биниши сиёҳу сафеди олам бояд таъмин карда шавад, яъне ба маънои он, ки «*ҳамаи он чизе, ки*

*аз они мо нест, - бад, ҳамаи чизи мо – хуб аст»*. «Ҳамаи чизи бад»дар баъзе ҳолатҳо метавонад тамоми ҷаҳон бошад, ҳамчунин «ҳама чизи хуб» бошад, - танҳо гурӯҳ ва ин ҳам бошад гоҳ – гоҳшуда метавонад. Ин хусусиятҳои зикршударо гурӯҳҳои террористии автономӣ (мухтор) бештар соҳибанд, назар ба он гурӯҳҳои ҷузъи ташкилоти бузурги террористии аз ҷониби ин ё он давлат махсус ташкилшуда, масалан, барои терроризми байналмилалӣ.

Аз рӯи ақидаи Михаил Решетников, доктори илмҳои равоншиносӣ (психологӣ), ректориИнститути Шарку Аврупои таҳлили психологӣ симо (портрет)-и психологии зерини террористро баррасӣ кардан мумкин аст:

Кадом одамон аз нуктаи назари равоншиносӣ амалҳои террористиро ба ҷо меоранд? Ангезаҳои психологии амалҳои террористон чи гуна аст ва сабабҳое, ки аз рӯи онҳо террор қобилияти баландро барои азнавтавлидкунӣ нигоҳ медорад, кадомҳоанд?

Дар аксар мавридҳо, террористон ҷавонони синни то 20 сола ё 5 сол бузургтар ё хурдтармебошанд, ки дар фарҳанги патриархалӣ ва хелединӣ тарбият гирифтаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ақидаи террористро амалан дигар кардан мумкин нест.

Ба ӯ амалан тарс ва пушаймонӣбарои кори иҷрошаванда ё иҷрошуда шинос нест. Кӯшиши террористро ҳамчун шахси рӯҳан бемор тасвир кардан нодуруст аст ва ба ҳеҷҷое намебарад. Инчунин террористро ҳамчун шахси соддаю каммаърифат тасаввур кардан низ дуруст нест.

Дар шуури онҳо тасаввуроти устувор дар бораи тазйиқ (ҷароҳат)-и таърихи халқи худва робитаҳои бениҳоят пуркудрати эҳсосӣбо он вуҷуд доранд. Ҳиссиёти маъмули иҷтимоӣ– ғамгинӣ ва андӯҳ якҷо бо ҳам бо ифтихори миллии «осебдида» ташаккул меёбад. Аксар вақт барои террористон таввуроти махсус (аксар– таҳрифёфта ва мифологишуда ё хаёлишуда) дар бораи «дилозори таърихӣ» ва зарурати ҷазо додан ва додани сазои онҳо бо шакли устувори паттернҳои рафтор ва арзёбӣ хос аст, ки фаъолона дар ҷомеа парвариш карда мешаванд. Ин тасаввурот, эҳтимолан бо осеби психологии воқеии марбут ба далелҳои воқеии марги хешовандон, наздикон ё ҳамқавмҳо бевосита дар пеши назари террористи оянда пурра карда мешаванд.

Дар таърихи шахси алоҳида, маъмулан, пештар маҳрум шудан аз ғамхорӣ ва нигоҳу бини падару модар, инчунин ҷавонии серҷароҳат, ки дар бенавоиву беморӣгузаштааст ва таҳқиркуниҳои зиёд ва талафот (хона, оила, молу мулк, мақоми иҷтимоию моддӣ ва ғайра) вуҷуд доранд.

Набудани робитаҳои эмотсионалӣ (эҳсосӣ) дар кӯдакӣ минбаъд дар шакли идеологӣ ё динии онҳоҷуброн карда мешавад, аз ҷумла, дар садоқатитаассубӣ (фанатикӣ) ба ин ё он пешво ё ғояҳо (ҳатто то идеяҳои интихобкардаи Худо будан) ва орзуҳои динию хаёлӣ дар бораиҷаҳони комил (бо тасаввуроти хеле содда дар бораи он).

Ҷузъиёти марбут ба ҷаҳонбинӣ ва заминаҳо(сабабҳо)-е, ки ба одамони амалҳои террористиро иҷрокунанда хос мебошад:

- ғеҷиши ҳисс намудани вақт - гузашта ба воқеияти имрӯза ворид карда шудааст;
- бартараф намудани сарҳадоти байни воқеият ва хаёлот (фантазия);
- баъзе соддалавҳӣ дар якҷоягӣ бо маҳвшавии маҳдудиятҳои ахлоқӣ;
- -омехташавии сарҳади некӣва бадӣ,дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани таассуроти апокалиптӣ ва хаёлот дар якҷоягӣ бо ғояҳои мессианизм;
- - мавқеи садомазохизмӣ - дилсӯзӣба худаш ва ҳамқавмҳои худ дар якҷоягӣ бо нафрат ба душмани воқеӣ ё асотириӣва омодагӣ ба худқурбонӣ;
- - бо таҷовузкор ҳаммонанд кардан, яъне мавҷудияти ақидаҳои ба ин монанд: «агар ман худамтаҷовузкор шавам, пасман объект (нишон)-итаҷовузкор нахоҳам шуд»;
- - қобилияти маҳдудидарк кардан ва қабул кардани далелҳои шахсоне, ки фикру ақидаи дигардоранд;
- - талафи муайяни оқилона амал кардан, махсусан дар соҳаи тасаввурот дар бораи ҳадафҳо ва идеалҳои дастнорас; дарайни замон агар ҳадаф дастнорас бошад, ҳадафи онро ивазкунанда метавонад як ҳадафи умуми (эразас-ҳадаф) оид ба нобудшавии тамоми чизҳо бошад, ки ин ба ҳадаф расидан халал мерасонад, ҳатто агар он умуман ба татбиқи охирин наздик наорад.

Ба ғояҳои мубориза, интиқом ё подошдиҳӣпӯшондани лифофаи динӣна танҳо кодекси махсуси рафторро ба вуҷуд меорад, балки робитаи иҷтимоии махсуси байни аъзоёни як гурӯҳи мушаххаси миллӣ (этникӣ) ё иҷтимоиро муайян мекунад, ки ин талаботи умумиинсонии якҷояшавиро бо ягон чизи бузургтар(ки маънои баланд дода шудааст), назар бо муттаҳидшавӣбо гурӯҳи мушаххас инъикос мекунад. Яке аз омилҳои муҳимтарини чунин муттаҳидшавии идеологӣ ин тасаввурот дар бораи марг ва охират (он дунё) мебошад.

Дар фарҳанги ҷомеаҳое, ки аз онҳо сафи террористон пурра карда мешавад, марги онҳо қаҳрамонӣ вақурбонии бошарафона, қаҳрамонӣ дар кашидани азоб маҳсуб ёфта, қариб ҳамеша таҳсину дастгирӣ меёбад, ки ба оила ва тамоми насли террористон, бо ғамхорӣва эҳтиром фарогирифтшаванда паҳн мегардад.Ин маънои онро надорад, ки оилаҳо барои худкушии наздиконашон ҳавасманд бошанд ё ғам накашанд, вале ҳам оилаҳо ва ҳам худи террористон медонанд, ки дар якҷоягӣ бо андӯҳ ва дарди талафот боз қабули қурбонию фаҳмиш ва таҳсин ва ҳатто ифтихор мавҷуд аст. Чунин марг худкушӣне, балки азобкашӣ(мучиничество) ҳисоб мешавад, ки дар он шахсияти мушаххас ба таври доимӣ бо таърихи ҷомеа ё миллат —гузашта, ҳозира ва ояндаион пайваст мешавад.

Марг дар синни ҷавонӣ ҳамчун як навъ падидаи ниҳоӣ (бебозгашт) қабул карда намешавад ва ҳатто худкушҳои муқаррарӣ (бо дастурдиҳии атеистӣ) дар як қатор ҳолатҳо хаёлоте доранд: онҳо чизҳоеро мебинанд, ки баъди маргашон рух медиҳад. Ғояҳои динии саодати ҷовидонӣ, албатта, нисбатан қавитар мебошанд ва бо тасаввурот дар бораи гузариш ба сатҳи дигари ҳастӣва як шудан бо Худо ва ё, ба ҳар ҳол – бо эҳсосоти муқоиса бо идея (ғоя)-и бузург ё ҳадаф ҳамроҳӣ мекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ақидаҳои террористро амалан дигар кардан мумкин нест. Ӯ амалан тарс ва пушаймонӣ(тавба кардан) барои амали иҷрошаванда ё иҷрошуда надорад. Кӯшиши тасвир кардани террорист ҳамчун шахси гирифтори бемории рӯҳӣ моҳиятан хато буда,хеҷоянда надорад. Дар баробари ин, тасаввурот дар бораи террорист ҳамчун як шахси примитивии пастмаърифат низ нодуруст (беасос)мебошанд.

Байни одаме, ки ба худкушӣ бо сабаби ранҷҳои психикии тоқатфарсо тасмим гирифтааст ва як террорист-маргҷӯ, ки ҳаётро дӯст медораду пур аз нерӯ, нерӯи ботинӣаст ва ба рисолати махсуси худ боварӣдорад, фарқияти бузург мавҷуд аст. Рафтор, фаъолият ва арзи террористро оқилона таҳлил наметавон кард ва онҳоро бо муносибатҳои махсус аз нигоҳи ирратсионалӣ (ғайриоқилона) баррасӣ карданро тақозо мекунанд.Мафҳуми ташаккули маъно ҷои махсусро ишғол мекунад – яъне талаботи эҳсос кардани он, ки ҳастии ман як маънои махсус дорад, ки берун аз чорчӯбаи ҳаёти ҳаррӯзаи тира, бенавоёна ва ноумедона дур меравад (бинобар он ҳар қадар вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар муҳит бештар хароб бошад, ҳамон андоза , эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҷаҳонбинии (ҷаҳонэҳсоскуни)-и террористӣбузургтар хоҳад буд).

Яке аз унсурҳои асосии дилхоҳ амалиёти зиддитеррористӣ ин раванди гуфтушунидҳо мебошад, ки самаранокии онҳоро боҳузур доштани мутахассисон-гуфтушунидкунандагони баландихтисос (маъмулан равоншиносон) бо омодагии иловагии махсус (дарозмуддат) муайян мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса метавон кард, ки кормандони системаиичрои ҷазои ҷиноятӣ бояд соҳиби малакаҳои кор бо категорияҳои гуногуни маҳкумшудагон, аз ҷумла маҳкумшудагон барои терроризм ва экстремизм бо назардошти хусусиятҳои психологии онҳо бошанд, дар айни замон онҳо бояд бифаҳманд, ки симо (портрет)- ягонаи террористон ва ифротгароён мавҷуд нест, зеро ангезаҳои дохил шудан ба гурӯҳҳои ҷиноятӣгуногун мебошанд, роҳбарон аз иҷрокунандагони қаторӣба таври назаррас тафовут доранд, занон-террористон аз террористони мард фарқ мекунанд ва ғ. Дар робита ба ин, ба ҳар як маҳкумшуда барои терроризм ва экстремизм бояд диққати инфиродӣдода шуда, симо (портрет)- психологӣ (равонӣ)- вай таҳия карда (кашида) шавад.

## БОБИ 3. КОРКӮФТАГИИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ.

✐ **Вазифаҳои омӯзиш**:

1. гирифтани донишҳо дар бораи алоим (синдром)-и коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
2. гирифтани донишҳо дар бораи пешгирии коркӯфтагии касбии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Масъалаи коркӯфтагии касбии намояндагони касбҳои навъи «Одам - одам» яке аз масъалаҳои бештар мубрами илм ва амалияи равоншиносӣ(психология)-и муосир мебошад. Ба хусус ин ба фаъолияти кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣхеле муҳим аст.Фаъолияти касбӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шароити махсус амалӣ мешавад, ба замми ин таҳдид ба ҳаёт ва саломатии кормандон дорои хусусияти иҷтимоӣ (сотсиогенӣ) дорад. Барои татбиқи босамари фаъолияти касбии душвори худ корманди системаииҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд як қатор хусусиятҳои шахсиятӣ дошта бошад, ки барои серҳаракат, устувор, боинтизом ва иҷрокунанда, тобовар ва таҳаммулпазир шудани ӯ имкон медиҳанд. Набудан ё шаклҳои муштарак (вариатсияҳо)-и хусусиятҳои мазкур метавонанд сабаби ташаккули коркӯфтагии касбӣ бошанд.[35]

Барои нахустистилоҳи «коркӯфтании эмотсионалӣ аз ҷониби равоншинос (психиатр)-и Амрико Г. Фрейденберг соли 1974 барои тавсифи ҳолати психологии одамони солиме ворид карда шуда буд, кибо мизоҷон, муштариён-патисентҳо дар фазои аз ҷиҳати эмотсионалӣ муташанниҷ ҳангоми расондани кӯмаки касбӣ бисёр ва зич муошират мекунанд. К.Маслач пешниҳод кард, ки аломати коркӯфтагии эмотсионалӣ ҳамчун натиҷаи ихтилофи байни шахсият ва кор баррасӣ карда шавад ваҳар қадар ин тафовутбузургтар бошад, ҳамон андоза эҳтимолиятикоркӯфтагӣбештар аст.

Алоим коркӯфтагии касбӣ (минбаъд ҳамчун АКК), чун қоида ҳамчун аксултаъсир ё вокуниш (реаксия)-и дарозмуддати стрессӣ муайян карда мешавад ё аломате, ки дар натиҷаи стрессҳои касбии дарозмуддат ба вуҷуд меояд. АКК аксар вақт дар натиҷаи низоъи байни шахсиятии ҷамъшавандаю душвор бартарафшаванда ташаккул меёбад.

Ҷавҳари алоимро аксар номувофиқатии байни талабот нисбати корманд ва қобилияти воқеиюаслии ӯ ташкил медиҳанд. АКК ҳамчун раванди талафёбии тадриҷии нерӯи эмотсионалӣ,когнитивӣ (маърифатӣ) ва ҷисмонӣ баромад мекунад, ки бо нишонаҳои зоҳир дар лоғаршавии равонӣ, эҳсосӣ, хастагииҷисмонӣ, маҳдудшавии шахсиятӣ ва кам шуданиқонеъшавӣ аз иҷрои кор зуҳур меёбад.[36]

Дар сарбориҳои хурде, ки доимӣ таъсир мекунанд, ё ҳангоми баъзе сарбориҳои калони якдафъаина (назаррас) беихтиёр механизмҳои танзими табиӣ ба кор медароянд ва организми инсон мустақилона бо оқибатҳои он бе дахолати бошууронаи инсон мубориза мебарад (масалан, беш аз пеш хоб мекунад ва ором аз он, дам гирифта бедор мешавад). Дар ҳолатҳое, ки сарбориҳо бузург ва дарозмуддат мешаванд, бошуурона истифода кардани тарзҳо ва усулҳои гуногун, ки ба организм ёрӣ расонида метавонанд, муҳим аст.[37]

Натиҷаҳои манфии назаррасбарои шахсияти кормандоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ кор мекунанд, дар баландшавии сатҳи пуризтиробӣ(изтироб) ва шиддати ботинӣ зоҳир мешаванд;

---

[35]Беляева Л. И. Психологические особенности экстремальных ситуаций правоохранительной деятельности. Прикладная юридическая психология / под ред. А. М. Столяренко. М., 2001.

[36] Голубева Г.Ф. Тест личностных конструктов как метод изучения групповой динамики в политической, социальной и экономической психологии // Человеческий фактор: проблемы психологии и эргономики. - 2001. - № 6.

[37] Ильина Е. С. Экстремальная профессия – сотрудник УИС // Развитие личности. -2002. -№ 4.

паст шудани сатҳи ташаббусҳои эҷодӣ ва мустақилият дар қабули қарорҳо (тасмим)-и зарурӣ, камфаъолӣ дар фаъолияти касбӣ; касдан гурехтан аз ҳар гуна ҳолатҳое, ки амалиётҳои фаврӣ, ба худ қабул кардани масъулиятро тақозо мекунанд. Ҳамаи ин нишонаҳороҳамчун марҳилаҳои ибтидоии коркӯфтагии касбӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Зоҳиршавии имконпазири чунин ҳолат аз зерин иборатанд:

- ✓ хастагӣ
- ✓ бемориҳои равонӣ
- ✓ ҳисси харобшавии эмотсионалӣ
- ✓ муносибати манфӣ ба меҳнат
- ✓ ба дигарон
- ✓ манфии «Ман-консепсия»
- ✓ зудранҷӣ, тундмизоҷӣ
- ✓ шиддатнокӣ
- ✓ дар изтироб будан
- ✓ хашм
- ✓ ҳолати «ноумедона»
- ✓ пессимизм (рӯҳафтодагӣ)
- ✓ беорӣ
- ✓ беҳавсалагӣ

Кормандони системаи иҷрои ҷазо маҷбуранд, ки бо ҷинояткорон–одамоне, ки аллакай рӯҳият (психика), шуур ва ахлоқи дигаргуншуда доранд, мунтазамтамос бигиранд. Бо мақсади пешбинӣ кардани рафтори эҳтимолии шахси маҳкумшуда шахсияти онро хуб омӯхтан зарур аст, ки ин кор танҳо дар ҳолати ягон фосилаи кӯтоҳи вақт (баъзан дурудароз) дар мантиқи ҷаҳони ботинии ӯ зиндагӣ кардан имонпазир мегардад. Чунин раванд ҳатман ба шахсияти корманд таъсири манфиихудро мерасонад. Аксар вақт, баъзе аз кормандони муассисаҳои ислоҳӣаз ҷиҳати психологӣ (равонӣ) қариб бо контингенти махсус(маҳбусон)якхела мебошанд. Ин чиз хусусан дар колонияҳои дур, дар шаҳракҳои хурд, ки аз марказҳои фарҳангӣ дуртар ҷойгиранд, бештар зоҳир мешавад, ки дар он дурудароз мавҷуд набудани имконияти муошират бо мардуми «муқаррарӣ»боиси дигаргуншавӣ (деформатсия)-и касбии босуръати шахс мегардад. Дар чунин шароит харобшавии захираҳои ҷисмонӣ ва рӯҳию равонии одам босуръат ба амал омада, боиси бемориҳои психосоматикӣ (гастрит, захми меъда, бемориҳои дилу раг ва ғайра) ва намудҳои гуногуни рафтори каҷравӣ (девиантӣ) (рафтори хашмгин, майзадагӣ, вобастагӣ ба бозии қимор, нашъамандӣ, худкушӣ ва ғ.) мегардад.[38]

Вазифаи асосии муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият ба хотири аз нав ба ҷомеа ҷалб намудани маҳкумшудагон мебошад, сарфи назар аз он, ки қисми зиёди ҷинояткорон барои тағйир додани ақидаҳои зиддиҷтимоӣ ва дастурдиҳии худ ҳавасманд набуда, кӯшишҳои асосии худробарои таъмини мавқеи аз нуқтаи назари меъёрҳои ғайрирасмии зерфарҳанги маҳбас «бехатар ва мувофиқ» дар колонияи ислоҳӣ равона мекунанд. Мураккабии ҳамкории байни кормандон ва маҳкумшудагон аз он сабаб аст, ки ҳар амали кормандон боиси оқибатҳои ҳуқуқии ҷиддӣ мегардад, дорои аҳамияти иҷтимоии махсус ва масъулият мебошад. Шиддатнокиро ба фаъолияти касбӣ мухолифати доимии ошкоро ва пинҳонии маҳкумшудагон, ангезаю хурӯҷ (провокатсия) азҷониби онҳо илова мекунад, инчунин он, киҳарчанд онҳо худашон, қонуншикан мебошанд, айни замон риояи қонунҳоро аз ҷониби кормандонҳушёрона назорат мекунанд. Ҳамкории сермаҳсул бо маҳбусон, ки бо мақсади амалӣ намудани таъсирбахшии корҳои ислоҳӣ анҷом дода мешавад, барои бештар аён шудани зуҳуроти коркӯфтагии эмотсионалиикормандони колонияҳои ислоҳӣ дар муқоиса бо кормандони

[38] Е.Ф. Штефан – старший преподаватель кафедры организации психоло-гической службы в уголовно-исполнительной системе ВИПЭ ФСИН России, кандидат психологических наук «Особенности эмоционального выгорания у сотрудников исправительных учреждений, включенных в служебное общение с осужденными»

изоляторҳои ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунад, зеро дар фаъолияти касбӣ кормандони изоляторҳои ҷустуҷӯйбо муҳити ҷиноӣ камтар робитаи зич доранд.[39]

Ба омилҳое,ки алоими коркӯфтагии эмотсионали (эҳсосӣ)-и кормандонро пурзӯртар мекунад, масъулиятбарои қарорҳои қабулшуда, натиҷанокии кори иҷрошаванда, муносибатҳои бад бо оила ва дӯстон, шароити хатарнок, мураккабии вазифаҳо(функсияҳо)-и иҷрошаванда, миқдори зиёди иттилоот, нарасидани вақт, набудани имконияти банақшагирии вақти шахсӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳангоми аз ҳад зиёд дар ҳаяҷон ва зери фишор будан, хасташавии аз меъёр зиёди психологии касбӣ дар корманд ноустувории эмотсионалӣ, дар байни маҳкумшудагон зери таъсири манфӣмондан, косташавии ҳамдардӣ(эмпатия), бадбинии хизмат, як ҳисси нотавонии касбӣ, ташаккули дастур барои сахттар кардани ҷазо ва ғайра зоҳир карда мешавад. Ин ҳолат боиси коркӯфтагии психологии касбӣ мегардад.[40] Шароити меҳнати кормандони системаи иҷрои ҷазо он қадар мувофиқ нестанд. Кормандон на танҳо ба омилҳои физиологии вобаста ба шароити кории худ (гиподинамия ё набудани ҳаракат, зиёд щудани сарборӣ ба чашму гӯш ва овоз ва ғайра) дучор мешаванд, балки бо мушкилоти равонӣ ва ташкилӣ низ рӯ ба рӯ мегарданд: ҳамеша худро «дарқолаб» нигоҳ доштан, интихоб кардани маҳкумшудагон имконнопазир аст, набудани бартарафкунии ҳолати муташанниҷи эмотсиолналӣ (эҳсосӣ), шумораи зиёди тамосҳо дар давоми рӯзи корӣ ва ғайра. Дар ҳолати чунин кор кардан рӯз то рӯз сатҳи шадидият ҷамъ (баланд) мешавад. Зуҳуроти имконпазири шадидият инҳо мебошанд: ҳаяҷон, асабонияти афзуда, изтироб, шиддати мушакҳо, кашиши қитъаҳои гуногуни бадан, зуд–зуд кашидани нафас, дилзанӣ, хасташавӣ.Зуҳуроти инфиродии онро низ мушоҳида кардан мумкин аст Ҳангоми расидан ба сатҳи муайяни шадидият организм кӯшиш мекунад, ки худаш худашро ҳимоя кунад. Ин ҳолат дар хоҳиши бошуурона ё бешуурона гӯё кам кардан ё ба расмият даровардани ҳамкории вақтиҳамкорӣ бо ҳамкорон ва гумонбаршудагон, айбдоршавандаҳо ва маҳкумшудагон зоҳир мешавад. [41].

**3 марҳилаи асосии алоими коркӯфтагии касбиро ҷудо кардан мумкин аст:**

**Марҳилаи 1.** Вақте ки норасоӣ(вайроншавӣ) дар сатҳи иҷрои вазифаҳо (функсияҳо), рафтори ихтиёрӣ ба амал меояд: фаромӯш кардани баъзе лаҳзаҳо (фаромӯшхотирӣ), камбудиҳо дар иҷрои ҳар гуна амалҳои ҳаракаткунанда ва ғ. Одатан, ба ин аломатҳои ибтидоӣкам одамон диққат медиҳанд ва онро шӯхӣ карда «хотираи духтарона» ё «склероз» меноманд. Ин марҳила ба хусусияти фаъолият, сарбориҳои асабию психикӣ ва хусусиятҳои шахсии корманд вобаста аст ва 3-5 сол ташаккул меёбад.

**Марҳилаи 2**. Пастшавии рағбат ба кор, кам шудани ниёзи муошират бо маҳкумшудагон ва ҳатто бо дӯстонуназдикон ба амал меояд, эҳсосоте, ки «дар рӯзипанҷшанбе аллакай ҷумъа шудааст», «ҳафтаҳеҷ не ки ба охир расад»,афзоиши бепарвоӣто охири ҳафта, пайдоиши аломатҳои устувори соматикӣ (ҳар бегоҳдарди сар шудан, дар охири ҳафта беқувватӣ, сустҳолиро ҳис кардан, «мурда барин» бе хоббинӣ сахт хоб рафтан, зиёд шудани шумораи бемориҳои сармозанӣ). Ин марҳала ба ҳисоби миёна аз 5 то 15 сол давом мекунад.

**Марҳилаи 3.** Маҳз коркӯфтагии шахсияӣ аст. Дар ин ҷо косташвии пурраи шавқу рағбат ба кор ва умуман зиндагӣ, бепарвоии эмотсионалӣ (эҳсосӣ), тираақлӣ, эҳсосоти ҳамеша беҳол будан хос аст. Одам ба танҳоӣ (ҷудоӣ) мекӯшад. Дар марҳилаи мазкур ба ӯ бештар муошират кардан бо ҳайвонот ва табиат назар бо одамон афзалтар аст. Марҳила аз 10 то 20 сол ташаккул меёбад.

<u>Нишондиҳандаи якум</u>—харобшавӣ (беқуваатӣ, бемадорӣ) аст. Пеш аз рушди он давраи фаъолшавӣдар кор (меҳнат) меояд,вақте ки одам пурра бо кори худ машғул аст, талаботеро, ки

---

[39] Эмпирическое исследование которое проводилось в Республике Удмуртия (под руководством Е.Штефана, в сборе эмпирических данных участвовала С.Ю. Головинова)

[40] Макарова Г.А. Синдром эмоционального выгорания. – СПб.: Речь, 2005.

41Поливаева Н.П. Профессиональное выгорание сотрудников правоохранительных органов и уис: признаки и пути преодоления. // Актуальные проблемы деятельности подразделений УИС: сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции. – Воронеж. Изд-во: Издательско-полиграфический центр «Научная книга». – 2012.

бо он вобаста нест, рад мекунад, ниёзҳои шахсии худро фаромӯш мекунад, сипас як навъ «харобшавӣ» ба вуҷуд меояд. Он ҳамчун ҳисси изофаборӣ (аз ҳад зиёд зери шадидият мондан) ва фарсудашавии захираҳои эмотсионалӣ ва воқеӣ, ҳисси хастагӣмуайян карда мешавад, ки баъд аз хоби шабона намегузарад. Пас аз давраи истироҳат (рӯзҳои истироҳат, рухсатӣ) чунин зуҳурот кам мешавад, аммо баъди бозгашти ӯ ба вазъияти кории пешинааз нав барқарор мегардад.

Аломати дуюми АКК ин канорагири (тафриқа)-и шахсиятӣ мебошад. Мутахассисоне, ки коркӯфтагиро аз сар мегузаронанд, канорагириро ҳамчун кӯшиши мубориза бо стрессорҳои эҳсосӣ дар ҷойҳои корӣ истифода мекунанд: ба маҳкумшудагон ҳисси шафқат надоранд, аз ҷиҳати эмотсионалӣканораҷӯӣ мекунад. Дар ҳолатҳои хеле вазнин на ҳолатҳои мусбӣ ва наҳолатҳои манфӣдар корманд ҳисси эмотсионалӣ бедор намекунанд. Нисбати маҳкумшудагон шавқу рағбат кам шуда, онҳо ҳамчун объектҳои беҷон қабул мешаванд, ки худиҳузури онҳо баъзан ногуворӣ пайдо мекунонад.

Аломати севвум ин ҳисси талафоти самаранокии хеш (шахсӣ) ё пастшавии худбаҳодиҳӣ дар доираи коркӯфтагӣмебошад. Одам дар фаъолияти касбии худ ояндаро намебинад, қаноатмандӣ аз меҳнат паст мешавад, эътимод ба имкониятҳои касбии худ гум мешавад.[42].

Аломатҳои мазкур бо се марҳилаи асосии коркӯфтагӣ мувофиқ карда мешаванд.

1. **Аксултаъсир (вокуниш)-и неврологӣ**. Хасташавии зиёд, паст шудани қобилияти корӣ, зуҳуроти гуногуни ноҳинҷории ҷисмонӣ, асабоният, тамоюли зиёд ба низоъмандӣ.

2. **Рушди асбоният**. Муносибат ба кор тағйир меёбад, ҳатто нисбати он бадбинӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, дар натиҷа ӯҳдадориҳои касбӣ хунсардона (хунукназарона) иҷро карда мешавад. «Кандашавии ичтимой»мушоҳида мешавад, ки дар ин вақт корманд миёни худ ва дигарон як садди ноаён мегузорад Ҳангоми муошират бо чунин кормандон ҳисси он, ки ӯ гӯё «паси шиша» бошад, ба вуҷуд меояд.

3**. Тағйироти устуворӣ дар шахсияти корманд**. Дигаргуншавӣ (деформатсия)-и касбӣ, ки дар шакли дилсахтӣ, беорӣ, бадҷаҳлии намоён, асабоният ва дағалӣ зоҳир мешавад[43].

Сабабҳои кӯфташавии (корзадаги)-и психологии кормандони СИҶҶ, тағйирёбии шахсият, ҷиноятҳои вазифагӣ нишонаҳо ва муассиркунандаҳое мебошанд, ки ба се гурӯҳи асосӣҷудо карда мешаванд:

Гурӯҳи якум дар натиҷаи фаъолияти махсуси худ ба амал меояд:

а) батартибандози (регламентатсия)-и ҳуқуқии ҷузвӣ;
б) ваколатҳои омирона (ҳокимиятӣ);
в) серкории психологӣ ва психикӣ;
г) хусусиятҳои ташкили хизмат, подош (мукофот)-и нокифояи моддӣ барои хизмат;
д) масъулияти аз ҳад баланд;
е) экстремалӣбудани фаъолият;
ж) тамосҳои касбӣ бо шахсиятҳои криминалӣ (ҷиноятӣ);
з) корпоративнокӣ (дастгирии манфиатҳои иттиҳодиявӣ).

Гурӯҳи дуввум ба хусусиятҳои шахсиятии кормандон вобаста аст:

а) интизориҳои шахсиятии аз ҳад зиёд аз хизмат;
б) омодагии касбии нокифоя;
в) дастурҳои сангини касбӣ;
г) синну соли касбӣ;
д) рушди тамоюл ба зӯроварӣ;
е) омӯзиши пешравандаи техника дар фаъолияти касбӣ нисбат ба рушди касбии зарурии шахсият;

---

42 Деев А.А., Ложкин Г.В., Спасенников В.В. Автоматизация процедуры обследования при использовании 16-факторного личностного опросника // Психологический журнал.- 1984. -Т. 5.- № 6.

43 Конючас Р. Психологическое консультирование и групповая психотерапия / Р. Кочюнас. – М.: Академический Проект: Гаудеамус, 2005. Макарова Г.А. Синдром эмоционального выгорания. – СПб.: Речь, 2005.

ж) рушди қатъият, ҷасурӣҳангоми суст будани худназораткунӣ ва худтанқидкунӣ;

з) пайдо шудани ҳисси дилсардӣ нисбати касб, аз ҳад бештар арзёбӣ кардани маънии шахсиятии он

Гурӯҳи севвумро хусусиятҳои иҷтимоию психологӣ ташкил медиҳанд:

а) тарзи нодурусти роҳбарӣ;

б) муносибатҳои муташанниҷ ва низоъмандона бо кормандон;

в) низоъҳо дар оила;

г) арзёбии пасти ҷомеавии фаъолияти кормандон, ки ҳисси нотавонӣ ва пастсифатиро ба вуҷуд меоранд.

Барои кормандони СИҶҶ хусусияти худдорӣ карда тавонистан (худтанзимкунӣ), ки дар психология (равоншиносӣ) ҳамчун нишондиҳандаи камолоти иҷтимоӣ ва эмотсионалии шахсият маҳсуб меёбад, хеле муҳим аст. Бояд қайд кард, ки худдорӣ кардан ин на танҳо сифати шахсият, балки раванди идоракунии рафтори худ дар вазъияти экстремалӣ (шадид) мебошад. Вобаста ба он, ки кормандиСИҶҶ аксар вақт маҳз ба чунин ҳолатҳо дучор мешавад,ӯ бояд малака ва қобилияти худдорӣ карда тавонистанро инкишоф диҳад44. Дар амал барои дастгирӣ ва таҳкими саломатии кормандони системаи иҷроиҷазоиҷиноятӣ системаҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ истифода бурда мешавад (ҳарчанд, ки он ба қадри зарурӣкофӣ нест). Масалан, усулҳои психологии худмуҳофизаткунӣ дар ҳолатҳои «муоширати манфӣ»; ҳуҷраҳо ва тарзҳои истироҳат (релаксатсия), сабукшавии психологӣ; табобат (терапия)-и психологияи инфиродӣ ва гурӯҳӣ; муоинаҳои тиббии даврӣ ва расонидани кӯмаки тиббӣ; додани роҳхатҳо бо нархҳои имтиёзнок ба санаторий, хонаҳои истироҳат, пансионатҳо; машғулиятҳои ҷисмонӣ ва ғ.45.

### 3.1. Пешгирии коркӯфтагии касбии кормандони СИҶҶ.

Дар шароити рушди давлатииҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ масъулияти бузург ба зиммаи чунин ниҳод (институт)-и иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди системаи иҷрои ҷазо меафтад. Аз ҷониби кормандони системаи иҷрои ҷазоҳал намудани вазифаҳои муҳими умумидавлатӣ: ҳамроҳӣ намудани шахсони боздоштшуда ва ҳабсшуда баҷои таъйинот бо тартиби муқарраргардида, таъмин намудани саривақт расонидани шахсони посбонишаванда, ҳифзи боэътимоди онҳо ҳангоми ҷойивазкунӣ, пешгирӣ кардан ва қатъ намудани кӯшиши гурехтани посбонишаванда, зараррасонии онҳо ба худ, ҳамла ба посбонон (конвой) вобаста ба раванди идомаёбии ташаккули давлати хуқуқӣ, ноустувориивазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа то рафт мураккабтар мешаванд, ки дар навбати худдар фаъолият шароити шадидияти доимии эмотсионалӣ, зарурати вокуниши дурустро дар шароити норасоии вақт ба вуҷуд меоранд ва боиси дилсардӣ нисбати касб, зуҳуроти дигаргуншави(деформатсия)-и касбӣ, аксуламалҳо(вокунишҳо)-и асабонӣ, намудҳои гуногуни бемориҳои ҷисмонӣ (соматикӣ) ва ғайра мегарданд.

Илова бар ин, вақтҳои охир ҳар чи бештар дар кормандон аломатҳои «коркӯфтагии эмотсионалӣ» зуҳур меёбанд: ҳисси хастагӣ, аз ҳад зиёд «сершавӣ»аз тамосҳо бо ҳамкорон ва субъектҳои фаъолияти касбӣ, хунукназарӣ, каноргирии эмотсионалӣ,муносибати хунукназарона ба кори худ, паст шудани ҳавасмандӣ ба фаъолият, бемасъулиятӣ, мушкилоти соматикӣ(бемориҳо бадан) вағайра.

Барои пешгирӣ намудани «алоими коркӯфтагии касбӣ», корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣбояд баъзан ба ҳаёти худ баҳо диҳад - оё ӯчи тавре ки мехоҳад зиндагӣ мекунад ё не. Дар кори муҳаққиқон оид ба таҳияи барномаҳои худнигаҳдории касбӣ, ки ба муносибати гуманистӣ дар психология нигаронидашуда, ба назарияи худшиносӣ ва худтанзимкунии шахсияти А.Маслоу такя мекунад,усулҳои зерини худигаҳдориикасбӣпешниҳодкарда шуданд[46]:

---

[44] Безносов С.П. Профессиональная деформация личности. – СПб.: Речь, 2004.

[45] Мироненко И.А. Сов ременные теории в психологии личности. – СПб.: Издательство Михайлова В.А., 2003.

[46]Макарова Л.В. Консультант и клиент: Трудности профессионального взаимодействия и возможности построения новых отношений // Работник социальной службы. – 2005. – № 3.

1. Амалисозии фаъолияти пешбинишудаи касбӣ.
2. Бартараф кардани шуури пароканда (ғайримуттаҳид).
3. Мавқеи фаъолона дар ҳаёти касбӣ.
4. Омодагӣ ба худтағйирдиҳии доимӣ, ноустувории дастурдиҳӣ.
5. Дарк намудани фардият (инфироди)-и хеш ва истифодаи он дар ҳаёти касбӣ
6. Аксултаъсир (вокуниш) ба пиршавии касбӣ.

Ченаки асосии пешгирикунии дигаргуншави (деформатсия)-и касбии фардӣ бояд дар фаъолият мавҷуд будани лаҳзаҳои эҷодӣ (созандагӣ), васеъ кардани вариантҳои вазифаҳои касбӣ ва гуногуншакл намудани доираи муошират мебошад. Ташаккул додани шахсият раванди дарозмуддат аст. Бинобар ин, дар марҳилаҳои ибтидоии фаъолият, ё беҳтараш, дар омӯзиши касбӣ тавсия дода мешавад, ки хусусиятҳои фардии ӯҳангоми бунёди раванди таълим ва ба роҳ мондани вазифаҳои касбӣ ба назар гирифта шаванд. Нақши бузург дар мубориза бар зидди АКК аз ҳама қабл ба худи корманд вобаста мебошад.Корманд тавсияҳоро риоя карда, натанҳо метавонад пайдошавии алоими коркӯфтагиро ба пешгирӣ намояд, балки инчунин барои паст кардани дараҷаи он мусоидат мекунад.

Баъзе тадбирҳои психологии пешгирикунандаро номбар менамоем, ки бо мақсади пешгирии кӯфташавииэмотсионалӣ истифода бурда мешаванд.

1) Муайян кардани мақсадҳои кӯтоҳмӯҳлат ва дарозмуддат. Ин на танҳо робитаи аксро, ки дар роҳи дуруст будани инсонро тасдиқ мекунад, таъмин менамояд, балки ҳавасмандии дарозмуддатро меафзояд (баланд мебардорад). Ноил шудан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат-муваффақиятест, ки дараҷаи худитарбиякуниро баланд мебардорад.

2) Истифода кардани тайм-аутҳо. Барои таъмин кардани тандурустӣ (солимӣ)-и ҷисмонӣ ва равонӣ истифода кардани тайм-аутҳо, яъне фароғат аз корҳо ва дигар сарбориҳо хеле муҳим аст.

3) Омӯзонидани малакаҳо ва маҳорати худтанзимкунӣ. Омӯзондани чунин малакаҳо ва маҳоратҳои психологӣ, ба монанди релаксатсия (фароғат), муайян кардани ҳадафҳо ва гуфтугӯи ботинии мусбӣ ба коҳиш додани сатҳи стресс, ки боиси коркӯфтагӣ мешавад, кӯмак мекунад.

4). Рушди касбӣ ва худкамолёбӣ. Яке аз роҳҳои пешгирии АКК ин табодули маълумоти касбӣ бо намояндагони дигар хадамот мебошад. Ҳамкорӣ як ҳисси ҷаҳони васеътарро назар ба онеки дар дохили коллективи алоҳидавуҷуд дорад, медиҳад. Барои ин, курсҳои гуногуни баланд бардоштани тахассус, намудҳои гуогуни иттиҳодияҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, конференсияҳо мавҷуданд, ки дар онҷо одамони ботаҷриба, одамони дар системаҳои дигар коркунанда вомехӯранд, дар он ҷо бо дигарон муошират мекунанд, дар мавзӯъҳои дигар сӯҳбат менамоянд.

5). Канорагирӣ кардан аз рақобати нолозима. Дар зиндагӣбисёр ҳолатҳое мешаванд, ки дар онҳо мо аз рақобат гурехта наметавонем. Вале кӯшиши аз ҳад зиёд барои муваффақ шудан дар фаъолияти касбӣ изтиробу ҳаяҷонро ба вуҷуд меорад, одамро бештар бадчаҳл мекунад, ки ин дар навбати худ боиси пайдоиши алоим (синдром)-и коркӯфтагии касбӣ мешавад.

6).Муошират эмотсионалӣ. Вақте ин одам ҳиссиёти худро таҳлил мекунад ва дар бораи он ба дигарон ҳарф мезанад, эҳтимолияти коркӯфтагӣ хеле кам мешавад ё ин раванд он қадар аён зуҳур намеёбад. Аз ин рӯ тавсия карда мешавад, ки кормандон дар шароити мураккаби корӣ бо ҳамкорон табодули ақида намуда, аз ҷониби онҳо дастгирии касбӣ биҷӯянд. Агар корманд ба ҳамкоронаш оид ба ҳиссиёти манфии худ ҳарф бизанад, онҳо метавонанд барои ҳалли масъалаи ӯ роҳи оқилонаи ҳалро биҷӯянд.

7). Нигоҳ доштани шакли ҷисмонии хуб. Байни тан (бадан) ва хирад (ақлу заковат) робитаи зич вуҷуд дорад. Стресси музмин (кӯҳнашуда) ба инсон таъсир мерасонад, бинобар он нигоҳ доштани шакли ҷисми муносиб бо ёрии машқҳо ва ғизогирии оқилона хеле муҳим ст .47.

Бо мақсади пешгирии кӯфтагии эмотсионалӣ оқилона ташкил намудани фаъолияти касбии корманд дар муассисаҳои иҷрои ҷазо, татбиқ кардани системаи боадолати мукофотдиҳӣ

[47] Ильина Е. С. Экстремальная профессия – сотрудник УИС // Развитие личности. -2002. -№ 4.
Конючас Р. Психологическое консультирование и групповая психотерапия / Р. Кочюнас. – М.: Академический Проект: Гаудеамус, 2005.

ва ҷазодиҳӣ, бехтар кардани шароити моддию маишии кормандон лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки хизмат дар муассисаҳои ислоҳӣ дар ҳолатҳои масъулияти тақсимшуда ба таври назаррас рушди алоими коркӯфтагии эмотсионалиро маҳдуд месозад, масъулияти носаҳеҳ ва нобаробар тақсимшуда барои натиҷаҳои фаъолияти касбии худ як омили хатар (риск)мебошад.

Пешгирӣ намудани кӯфтагии эмотсионалии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ба омӯзиши оқилона пур кардан ва харҷ намудани захираҳои шахсиятӣ, дар баробари ин ба коҳиш додани таъсири омилҳои стрессии фаъолияти касбӣбояд равона карда шавад. Барои гузаронидани машғулиятҳо оид ба маърифатноки(таҳсилот)-и психологӣ дар соҳаи мундариҷаи захираҳо барои барқарорсозии саломатии рӯҳӣ, омӯзиши усулҳои вокуниши муносиби эмотсионалӣ, тарбияи ангезиш (ҳавасмандгардонӣ) барои рушди шахсиятӣ ва танзими оқилонаи роҳи ҳаётии хеш мувофиқи мақсад аст.

Пешгирии кӯфтагии эмотсионалӣ дар он аст, ки шахс барои таҷрибаҳои нав кушода аст, барои он чизе, ки мехоҳад, кӯшиш мекунад, вале дар айни замон саросема намешавад ва ба худ барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ дар кор ва зиндагӣ вақти кифоя медиҳад . Дастгирие дар намуди барои одам дар ҳаёти иҷтимоӣқаноатбахшкунанда ва тасаллидиҳанда доштан зарур аст (мавҷудияти оила ва дӯстон, ки робита бо онҳо ҳузуру ҳаловат, тасаллӣ мебахшад).

Ҷузъи муҳими кор дар пешгирӣ кардани кӯфтагии эмотсионалии кори равоншинос (психолог) бо кормандон мебошад, ки ба баланд бардоштани дарки интихоби ин вазифаи касбӣ нигаронида шудааст. Фаҳмидан ва қабул кардани арзиши кори хеш барои дарёфти маъно ва арзиши шахсӣдар кор кӯмак мекунад. Барои пешгирӣ кардани кӯфтагӣ (кӯфташави)-и эмотсионалӣқаноатмандиро аз ҳаёти шахсии худ таҳлил ва арзёбӣкардан зарур аст.

Дар айни замонзарурати баррасии саломатии кормандони ҳайати шахсӣ, аз ҷумла саломатии рӯҳӣ (психикӣ ) хамчун яке аз ҷузвҳои муҳими фаъолияти хизматӣ ба миён омадааст.

**Зери саломатии рӯҳӣ**ҳолати некӯаҳволиеро мефаҳманд, ки дар он одам метавонад имкониятҳо (потенсиалҳо)-и хешро татбиқ намояд, бо стрессҳои муқаррарии ҳаёт мубориза барад, пурмаҳсул ва самаранок кор кунад, инчунин ба ҳаёти ҷомеаи худ саҳм бигузорад.

Мувофиқи муқаррароти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) ҳар як шахси солимфикр (аз ҷиҳати рӯҳи солим) бояд ҳар гуна ҳолатҳои ҳаётро бо ҳадди ақали мухолифат (низоъҳо), душманӣ ва тарс ҳал намояд. Ба хусус ин ба кормандони системаииҷрои ҷазодахл дорад. Мақоми муҳим дар татбиқи вазифаҳои солимии рӯҳӣ ба пешгирии касалиҳои психологӣ ё рӯҳӣ(психопрофилактика) дода мешавад.

**Психопрофилактика** (пешгирии психологӣ) ин маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба нигоҳ доштан, тақвият додан ё барқарор кардани саломатии рӯҳии одам равона карда шудааст. Ин маҷмӯъ аз тадбирҳои ташкилӣ, хизматӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, психологӣ (равонӣ) ва тиббӣ иборат аст.

Вазифаи асосии пешгирии психологӣ дар маънои классикиаш ин расондани кӯмак ба одамони амалан солим барои пешгирии бемориҳои неврологӣ-рӯҳӣ ва психосоматикӣ, инчунин сабук кардани вокуниши ҷиддии рӯҳиятро осебдиҳанда мебошад.

Ғайр аз ин, тадбирҳои пешгирии психологӣ қисми муҳими тадбирҳои психологии фаъолияти хизматии ҳайати шахсии СИҶҶ мебошанд. Дар доираи тадбирҳои мазкур ба ташкили корҳои ба ташхис, омӯзиш, пешгирӣ ва ислоҳ кардани ҳолатҳои манфии психики (рӯҳи)-и кормандон вобаста, ки ба шароити махсуси фаъолияти хизмат алоқамандand, диққати бештар дода мешавад. Мутобиқи таснифоти ТУТ (1990) ҳар гуна пешгириро аксаран ба якумдараҷа, дуввумдараҷа ва севвумдараҷа тақсим мекунанд.

Пешгирии психологии якум дараҷа – системаи тадбирҳое мебошад, ки барои омӯхтани таъсирбахшии рӯҳӣ ба корманд, хусусиятҳои психикаи ӯ ва имкониятҳои пешгирии бемориҳои психогению психосоматикӣравона карда шудаанд. Дар маънои амалӣ, мушкилоти пешгирӣкардани алоими коркӯфтагӣвазифаи аввалиндараҷаи пешгирии якумдараҷа мебошад, ки он аз пешгирӣ намудани пайдоиши коркӯфтагӣ иборат мебошад.

Психопрофилактикаи дуввум дараҷа – системаи тадбирҳое мебошад, ки марҳилаҳои барвақтӣ ошкор кардан ва муолиҷаи босамарии ташаккули патологиро таъмин мекунад.

Психопрофилактикаи севвум дараҷа - маҷмӯи тадбирҳо оид ба барқарорсозӣ (реабилитатсия) мебошад, ки барои ҳар чи бештар мутобиқшавии кормандон бо зуҳуроти

клиникии патологияи психикӣ (рӯҳӣ) ва пешгирӣ намудани пайдоиши зарурати татбиқи механизми инвалидатсия равон карда шудаанд.

Масалан, ТУТ (1998) стратегияҳои зеринро барои пешгирии аввалиндараҷаи алоими коркӯфтагии кормандони соҳаи тандурустӣ тавсия медиҳад, ки баъзеи онҳо барои кормандони СИҶҶ низ мувофиқ мебошанд:

1. Каноргирӣ аз пешниҳод кардани талаботҳои баланд ба шахсоне, ки ба дигарон кӯмак мерасонанд.
2. Таъмини тақсимоти баробари супоришҳои қаноатмандкунанда дар байни кормандон.
3. Ба кормандон омӯзондани тақсимоти вақт ва техникаи релаксатсия.
4. Дигаргункунии корҳое, ки стресси хеле сахтро ба вуҷуд меоранд.
5. Ҳавасманд кардани ташаккули гурӯҳҳои дастгирӣ.
6. Ҳавасманд кардани кормандон барои иштирок дар кабули қарорҳо (тасмимҳо)-е. ки ба шароити корӣ ва ғ. таъсир мерасонанд[48].

Дар байни тарзҳои заминавии кор дар самти пешгирии алоим (синдром)-и коркӯфтагии кормандони СИҶҶ ду тарзи асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

Якум - бештар барои пешгирии зуҳуроти алоим нигаронида шудааст.

Дуввум - барои роҳ надодан ба пайдошавии «коркӯфтагӣ» нигаронида шудаанд.

Тадбирҳое, ки барои пешгирии аломати «кӯфтагии эмотсионалӣ» нигаронида шудаанд, бояд ҷанбаҳои шахсиятӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии ҳар як кормандро дар бар гиранд.

Ба самтҳои асосии пешгирии аломати «кӯфтагии эмотсионалӣ» дар СИҶҶ зеринро дохил кардан мумкин аст:

- ✓ интихоби касбии босифат;
- ✓ корҳои равшаннамоӣ, ки ба муносибати бошуурона нисбати саломатии хеш ва нигоҳ доштани он нигаронида шудааст;
- ✓ баланд бардоштани устуворӣба стрессҳо, ангезиш (ҳавасмандкунӣ) ба фаъолият ва муносибати мусбат нисбати он; ташхиси барвақтии алоим ва ислоҳ кардани коркӯфтагӣ;
- ✓ омӯзонидани кормандон ба малакаҳои муоширати самарабахш ва стратегияи рафтор дар ҳолатҳои низоъӣ, ташкилиоқилонаи фаъолият ва муносибатҳо дар коллектив ва ғайра.

Дар кори пешгирии психологӣ бо кормандон ба яке аз унсурҳои рафтори худнигоҳдорӣҳамчун муносибат ба саломатӣ диққат додан лозим аст, ки он дар илми психология чизи нисбатан нав мебошад.

Муносибат ба саломатӣ - ин системаи робитаҳои инфиродӣ, интихобии шахсият бо ҳодисаҳои гуногуни воқеияти атроф аст, ки ба саломат будан мусоидат мекунанд ё, баръакс, ба саломатӣтаҳдид менамоянд, инчунин саломатии худро арзёбӣ намудани шахсро муайян мекунанд.[49]

Муносибат ба саломатӣ аз дарк намудан ва фахмидани нақши саломатӣ ба раванди ҳаёт, таъсири он ба соҳаҳои иҷтимоӣ, эмотсионалӣ ва рафтории ҳаёти корманд иборат мебошад. Олими шинохта Н.М.Амосов инчунин дар бораи «миқдори саломатӣ» қайд карда буд, ки бо ин ӯ ҳосили ҷамъи «иқтидори эҳтиётӣ (захиравӣ)»-и системаҳои асосии организмро дар назар дошт.[50] Дар ин ҷо ба ғайр аз ҷузвҳои асосии тандурустӣ (системаи оқилонаи меҳнат ва истироҳат, хоби солим, бартараф намудани одатҳои зараррасон, ғизогирии хуби оқилона, реҷаи беҳтарини ҳаракат кардан, гигиенаи шахсӣ ва ғайра) инчунин ба стресс устувор буданро дохил кардан лозим аст, ки яке аз сифатҳои муҳими корманди СИҶҶ мебошад.

Устуворӣ ба стресс - тавсифи динамикии системавӣ мебошад, ки қобилияти ба таъсирбахшии стрессӣ муқобилат карда тавонистани одам ё ба даст гирифта тавонистани

---

[48]Юрьева Л. Н. Профессиональное выгорание у медицинских работников: Формирование, профилактика, коррекция. — К. — Сфера, 2004.

[49]Психология здоровья: Учебник для вузов / Под ред. Г. С. Никифорова. — СПб.: Питер. 2006.

[50]Амосов Н. М. Раздумья о здоровье. — 3-е изд., доп., перераб. — М.: Физкультура и спорт, 1987.

ҳолатҳои стрессогениро тавассути фаъолона табдил додани онҳо ё мутобиқшавӣ ба онҳо, бидуни зарар ба саломатии худ ва сифати фаъолияти анҷомдодашаванда муайян мекунад .[51]

Э.Фромм се захираҳои асосии психологиро дар бартараф намудани ҳолатҳои мураккабиҳаётқайд кардааст: *умед, эътиқоди оқилона, қувваи рӯҳонӣ.* Р.С.Лазарус ва С.Фолкман таснифоти хешро оид ба копинг захираҳоро пешниҳод карданд: - *модус* (роҳ)-и бартарафкунии психологӣ: *ба-масъала* (муаммо) *нигаронидашуда* (кӯшишҳо барои ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада равона карда мешаванд), ба эмотсияҳо (эҳсосот) нигаронидашуда (тағйир додани дастурдиҳӣ ба худ вобаста ба вазъият). Аз нуқтаи назари консепсияи захиравии стресс кӯмак ба кормандон бояд барои маҳдуд кардани талафоти захираҳо ва ҷамъоварии он захираҳое равона карда шавад, ки метавонанд дар ҳолатҳои стрессӣонро бартараф намоянд. Соҳаи мотиватсионӣ (ангезишӣ) хеле тайирёбанда буда, метавонад ба осонӣ дигар карда шавад. Ҳавасмандӣ (мотиватсия) ин раванди динамикии идоракунии ботинӣ, психологӣ ва физиологии рафтор , мебошад, ки аз ангезиши он (рафтор), роҳнамоӣ ва дастгири он иборат мебошад. Якчанд калимаҳо (суханҳо)-и таҳсини роҳбар, фармондеҳметавонанд муносибати посбон(конвоир)-ро нисбати фаъолияти касбӣ ва расмӣкуллан тағйир диҳанд. Роҳбар ҳавасмандгардонии тобеони худродониста, метавонад дар онҳо ангезишҳои барои фаъолияти онҳо заруриро бедор намояд. Донишҳоро дар соҳаи ангезиши психологӣ корманди СИҶҶ метавонад бо мақсади худтанзимкунии рафтори худ истифода намояд. Аз ҷумла, ангезаҳои муайянро фаъол карда, иерархия (ҷой, рутба), ангезаҳои иловагиро ҷалб карда, ӯ метавонад рафтори худро бомуваффақият идора намояд.

Рэмси (1999) бар он ақида аст, ки калиди фаҳмидан ва пешгирӣ кардани алоими «кӯфташавии эмотсионалӣ» ин дастурдиҳӣ, муносибати шахс ба фаъолияти касбии худ мебошад.Ҳар як супориши касбӣ баъзе ҷиҳатҳои ногувор ва қобилияти ба даст овардани қаноатмандӣ ва ҳисси ифтихори касбиро дорад. Ба онҳо нақшаи «худбарқарорkунӣ», пешниҳод шуда буд, ки он як қатор тавсияҳоро дар бар мегирад: гирифтани донишҳо ва малакаҳои нав; муайян намудани ҳадафҳои нав дар меҳнат ва умуман ҳаёт; рушди шахсиятӣ; реҷаи оқилонаи меҳнат ва истироҳат; омӯзондани ҳамкорони камтаҷриба; рушди иқтидори пешвоӣ; тарзи мутавозини ҳаёт. Онҳоро инчунин барои гузаронидани чорабиниҳои психологии пешгирикунанда бо кормандони СИҶҶ низ гузарондан мумкин аст.Барои беҳбуди ташкили фаъолият дар СИҶҶ зерин муҳиманд: стратегияи фаъолияти зерсохтор(подразделение), фарҳанг, сиёсати кадрӣ.

Пешгирии «аломати корзадагӣ» дар сатҳи ташкили фаъолияти коллектив бояд ба зерин равона карда шавад:

- пурра банд кардани чойҳои холии корӣ дар зербахш(подразделение)-ҳо;
- тақсими баробари сарборӣ ба ҳамаи аъзоёни коллектив ;
- мувофиқа гардондани ҷараёнҳои иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳамкории мутақобилаи кормандон, аз ҷумла муоширaт ва коргузорӣ дар коллектив;
- фароҳам овардани имконияти баландшавӣ дар вазифа барои ҳамаи кормандони зербахш (подразделение);
- дуруст кардани сохтор (структурони)-и ӯҳдадориҳои вазифавӣ дар зербахш (подразделение);
- робитаи акси саривақтӣ ва дастгирии мусбати он шгахсоне, ки барои ҳавасмандгардонии маънавӣҳассосанд ё бо нобоварӣ ба худ фарқ мекунанд;
- беҳтар кардани шароити моддию техникии меҳнат;
- анҷом додани чорабиниҳои махсус, ки барои мутобиқшавии кормандони ҷавон ба хусусиятҳои фаъолияти ташкилот равона карда шудаанд (шиносоӣ бо кормандон, таърихи зербахш, вобаста кардани роҳнамои ботаҷриба, аз ҷиҳати психологӣ дастгирӣ кардан ё ҳамроҳии раванди роҳнамоӣ ва ғ.);
- пешниҳод кардани имконият барои хондан, баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон;
- Интикод додани ваколат ва омӯзондонаи нақшагирии вақти корӣ ва ғ.

---

[51]Водопьянова Н. Е. Психодиагностика стресса. — СПб.: Питер, 2009.

Илова бар ин, фазои аз ҷиҳати иҷтимоию психологӣмусбат дар коллективи зерсохтор (подразделения)–и СИҶҶ, муттаҳидии он, ягонагии афкор ва афзалиятҳо, дар сатҳи баланд мувофиқат кардани амалҳо, инчунин обрӯю эътибори сардор ва боварӣ ба ӯ - захираи назаррас дар пешгирии алоими қоркӯфтагӣ мебошад.

Таҳияи тадбирҳои пешгирии алоими «кӯфтагии эмотсионалӣ» барои нигоҳ доштани имкониятҳои кадрии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣмуҳим ва ояндадор мебошад.

Хатари «коркӯфтагӣ» мумкин аст бо роҳи дигаргуниҳои инноватсионии муҳити дохилии ташкилот, аз ҷониби кормандономӯхтани тарзи ҳаёти солим, малакаҳои муоширати корие самаранок ва копинг (мубориза), стратегияи рафтор дар ҳолатҳои низоъӣ, баландшавии устуворӣ (муқовимат) ба стресс кам карда мешавад, ба хусус техникаи релаксатсия (истироҳат) ва азнавсозии маърифатӣ барои паст кардани сатҳи стресси психологӣ қайд карда мешавад.

**ЛУҒАТ:**

**Аксентуатсия** - (лот. accentus— зада), Аксентуатсияи хусусият (феълу хӯ), Аксентуатсияи шахсият. Нишонаи аксентии шахсият— хусусияти мӯътадили феълу хӯ (дар дигар сарчашмаҳо — шахсият), ки ҳангоми он нишонаҳои алоҳидаи он бештар зоҳир мешаванд, дар натиҷаи он осебпазирии интихобӣ нисбати баъзе таъсироти психогенӣ ҳангоми нигаҳ доштани устувории хуби дигар таъсирот ошкор карда мешавад.

**Аксентуирironӣ (**русӣ Акцентуирирование) – услубе, ки фаъолиятро бо роҳи тасаввурот, тағйир додани тасаввуроти умумӣ дар бораи падида дигар мекунад.

**Алоими коркӯфтагии касбӣ** – вокуниш (аксултаъсир)-и стрессии дарозмуддат ё алоимест, ки дар натиҷаистрессҳои касбии дарозмуҳлат ба амал меоянд.

**Аффективнокӣ – эҳсос,** кайфи ҳол, эмотсия, ки дар натиҷаи худталқинкунӣ ба амал меорад.

**Омодагии психологӣ,** ҳолати махсуси одам, ки онро шиддатнокии рӯҳи (психики) –и дуруст ҳамроҳӣ карда, дар омодагии одам ба амалҳо дар интизории ин ё он ҳодиса зуҳур меёбад. Вай механизмҳои психикию физиологӣ, аз ҷумла эмотсионалиро ба кор меандозад, ки фаъолияти инсонро меангезонад. Аз мавқеи физиологияи фаъолияти олии асаб ин ҳолати омодагӣ ба амал бо он дастурдиҳии психологие муайян карда мешавад, ки одам дар ҳамин лаҳза онро соҳиб аст.

**Омодасозии психологӣ** ин низом – маҷмӯи чорабиниҳои таъсирбахшӣ ба рӯҳияти шахсият (ва аксултаъсири мувофиқи он ) мебошад, ки ба зерин равона карда шудааст: идрок (қабул)-и шароити берунаи муҳити атроф (ҳам дар вазъияти муайян тағйирёбанда ва ҳам тағйирнаёбанда, ки лар шакли стереоипҳо, ақидаҳо, дастурдиҳӣ ва ғ. вуҷуд дошта метавонанд); мутобиқшавии ҳам организм ва ҳам психика (рӯҳиёт) ба тағйирпазирӣ ва зудҷоришавии вазъият; ҳадафнокии амалҳо дар и ин ё он ҳолатҳо (самаранокии иҷроиши онҳо); супориш (дар шароити муайян) –и барномаи бетағйири амалҳо; рушди сифатҳои инфиродии психологии шахсиятҳо , ки барои ҳалли масъалаҳои муайян заруранд; тасҳеҳ ва танзими рафтори худ; баркарор кардани саломатии рӯҳӣ (устувории рӯҳию асабӣ, ботамкинӣ, дурандешагӣ ).

**Пешгирии психологӣ (психопрофилактика)** – ин маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки барои нигоҳ доштан, мустаҳкам кардан ё барқарор намудани саломатии равонӣ (психологӣ)-и одам равона карда мешавад Маҷмӯи мазкур аз чорабиниҳои ташкилӣ, хизматӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, психологӣ ва тиббӣ иборат аст.

**Сафарбаркунии психологӣ**(аз лот. mobilis — ҳаракатнок) –муваққатан фаъол намудани сифатҳои шахсият (асосан сифатҳои маънавӣ ва иродавӣ), ки барои баландсифат анҷом додани фаъолияти муайян кӯмак мерасонад. Ҳадафи он ташаккули хусусиятҳои устувори шахсият нест (ин вазифаи омодасозии психологӣ аст), балки дар асоси хусусиятҳои мавҷудаи шахсият ташаккул додани ҳолатҳои психики (рӯҳи)-и барои фаъолияти пешоянда ё иҷрошаванда муайян ва муфид мебошад. Ин ҳолатҳо хусусиятҳои зарурии шахсиятро тақвият дода (ҳарчанд, ки муваққатӣ мебошад), иҷрои нисбатан бомуваффақияти фаъолиятро таъмин мекунанд. Мафҳуми демобилизатсияи психологӣ зидди мафҳуми С.п. мебошад. С.п. яке аз унсурҳои омодагии психологӣ ба фаъолият мебошад.

**Тасҳеҳи психологӣ (психокоррексия) -** яке аз намудҳои ёрии психологӣ (дар байни дигарон – машваратдиҳии психологӣ, тренинги психологӣ, муолиҷаи психологӣ); фаъолияте, ки ба ислоҳ (тасҳеҳ) кардани хусусиятҳои рушди психологӣ бо ёрии воситаҳои махсуси таъсири психологӣ равона карда шудааст. инчунин фаъолияте, ки барои дар инсон ташаккул додани сифатҳои

психологии зарурӣ барои баланд бардоштани мутобиқати иҷтимоӣ ва мутобикати ӯба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёт равона карда шудааст.

**Терроризм (**лот. *terror* – тарс, даҳшат) – ин воҳима андохтан, тарсонидани одамон бо роҳи зӯроварӣ мебошад. Амали террористӣ воситаест, ки бо ёрии он қурбониҳои воқеӣ ё эҳтимолӣ (потенсиалӣ) ба даҳшат оварда мешаванд. Терроризм ҳамчун падидаи том аз маҷмӯи ҳалқаҳо (занҷираҳо)-и «террорист – амали террористӣ – террор» иборат аст.

**Фрустратсия** - (лот. *frustratio* — фиреб, ноомадӣ, интизории беҳуда, озурдагӣ, вайрон шудани нақшаҳо, ниятҳо) - **ҳолати психикӣ**, ки дар вазъияти имконнопазирии воқеӣ ё пешбинишавандаи қонеъгардонии ин ё он талаботҳо ба вуҷуд меояд.

**Худтанзимкунӣ -** хусусияти системаҳо (низом) дар натиҷаи вокунишҳое мебошад, ки таъсири берунаро ҷуброн мекунанд, устувории ботиниро дар сатҳи муайяни нисбатан доимӣ нигоҳ медоранд.

**Шароитҳои экстремалӣ** (аз лот. *extremus* – ниҳоӣ ) – шароитҳои аз шароитҳои муқаррарӣ куллан фарққунанда ва дар натиҷа ба рӯҳият (психика) таъсиркунанда, ба онҳо ҳамчун стрессорҳо мувофиқат нашуда.

**Экстремизм** (от лот. *extremus* – ниҳоӣ), ифротгароӣ, пайравӣ ба ақидаҳои ниҳоӣ , чораҳо ё ҳолатҳо (одатан дар сиёсат). Дар байни чунин ҳолатҳо ангезиши бетартибиҳо, амалҳои террористӣ, усулҳои ҷанги партизаниро қайд кардан мумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Зубков А. И., Калинин Ю. И. , Сысоев В. Д. Пенитенциарные учреждения в системе Министерства юстиции России: история и современность / под ред. Степашина С. В., Крашенниникова П. В. М.: норма, 1998.
2. Г.Ф. Хохряков Парадоксы тюрьмы Юридическая литература, 1991
3. Психологическая подготовка сотрудников пенитенциарных учреждений к действиям в экстремальных условиях / А.И.Ушатиков, О.Г.Ковалев, В.А.Семенов. Рязань: РИПЭ МВД России, 1997.
4. А.М.Столяренко Личностный подход в юридической психологии Энциклопедия юридической психологии. М., 2003.
5. Романович ГГ, Юстицкий В. В. Психологические особенности сотрудников ОВД в экстремальных условиях. Минск, 1988.
6. Петровский В.А. К психологии активности личности // Вопросы психологии. 1975.
7. А.И. Ушатиков, О.Г. Ковалев, В.А. Семенов. Психологическая подготовка сотрудников пенитенциарных учреждений к действиям в экстремальных условиях / Рязань, 1997.
8. В.Н.Смирнов Физиология центарльнйо нервной системы, 1998
9. *Пацакула И.И.* Психология профессиональной безопасности сотрудников спецподразделений правоохранительных органов в экстремальных условиях деятельности: Автореф. дисс. ... канд. психол. наук. – Рязань, 2001.
10. *Столяренко А.М.* Психологическая подготовка сотрудников ОВД. – М., 1987.
11. Sachsse U. Seibstverietrendes Verhaiten, Psychodijnamik – Psychoterapie. Cotingen, 1994; Linehan M. Freiningmanual zur Fherapie der Borderline – Storung. CIP – Vedien. Munchen, 1996.
12. «Основы пенитенциарной психологии. Психологические ососбенности осужденных» Методическое пособие DVVInternational Ташкент,2010
13. Российский энциклопедический словарь / под ред. А.М. Прохорова. – М.: Научное изд-во «Большая Российская энциклопедия», 2000. – Т. 2.
14. Бокарев С.Н. Экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Труды Академии МВД России. – М.: Академия МВД России, 2008. – № 2.
15. Ольшанский Д.В. Психология террора. – М.: Академический проект; Екатеринбург «Деловая книга», 2002.
16. Бокарев С.Н. Религиозный экстремизм в современной России: социально-философский аспект // Проблемы противодействия экстремизму в Российской Федерации: сборник материалов круглого стола (28 апреля 2005 года, г. Москва). – М., 2005.
17. Горяинов К.К. Хромов И.Л. Особенности оперативной работы в ИУ среди осужденных, отбывающих наказание за преступления террористической направленности. – М., 2012.
18. Соснин В.А. Психология современного терроризма. – М., 2010.
19. Антонян Ю.М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование. – М., 1998.
20. Чурков Б.Г. Мотивационные и идейные основания современного терроризма // Социальные конфликты: экспертиза, прогнозирование, технология разрешения: сб. статей. – Вып. 4. Терроризм.
21. Дафтари Ф. Легенды об ассасинах // Мифы об исмаилитах. – М., 2009.
22. Ассасины. – URL: http://ru.wikipedia.org.
23. Лысак И.В. Человек – разрушитель: деструктивная деятельность человека как социокультурный феномен. – URL: ttp://sbiblio.com/BIBLIO/archive/lisak_chelovek/
24. Чернов А.Ю., Буланова И.С. Психологическое объяснение мотивации религиозного суицидального терроризма // Вестник Вологодского государственного университета. – Сер. 7. Филос. – 2013. – № 2.
25. Эксперимент Милгрэма. – URL: http://ru.wikipedia.org
26. Казберов П.Н. О необходимости противодействия экстремистско-террористическим проявлениям в обществе и в пенитенциарной системе // Психология и право. – 2013. – № 2.
27. Нарусланов Э.Ф. Экстремистские организации: становление и современное состояние // Ведомости уголовно-исполнительной системы. – 2014. – № 2.
28. Федорова Е.М. Духовно-нравственное воспитание сотрудников уголовно-исполнительной системы в процессе профессиональной подготовки: учебное пособие / Е. М. Федорова ; Федеральная служба исполнения наказаний, Научно-исследовательский ин-т. – Москва, 2007.
29. Сергеева А.В. Особенности досудебного производства по уголовным делам о преступлениях экстремистской направленности. М., 2012.

30. Сарычева И.В. Личность преступника как элемент криминалистической характеристики преступлений экстремисткой направленности, Общество и право, 2014
31. Есберген Алауханов. Криминология. Учебник. – Алматы. 2008.
32. Кащеева М. А. Проблема изучения профессионального выгорания в деятельности сотрудников уголовно-исполнительной системы // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 12.
33. Беляева Л. И. Психологические особенности экстремальных ситуаций правоохранительной деятельности. Прикладная юридическая психология / под ред. А. М. Столяренко. М., 2001.
34. Голубева Г.Ф. Тест личностных конструктов как метод изучения групповой динамики в политической, социальной и экономической психологии // Человеческий фактор: проблемы психологии и эргономики. - 2001. - № 6.
35. Ильина Е. С. Экстремальная профессия – сотрудник УИС // Развитие личности. 2002.№ 4
36. Е.Ф. Штефан – старший преподаватель кафедры организации психологической службы в уголовно-исполнительной системе ВИПЭ ФСИН России, кандидат психологических наук, статья «Особенности эмоционального выгорания у сотрудников исправительных учреждений, включенных в служебное общение с осужденными».
37. Эмпирическое исследование, которое проводилось в Республике Удмуртия (под руководством Е.Штефана, в сборе эмпирических данных участвовала С.Ю. Головинова)
38. Макарова Г.А. Синдром эмоционального выгорания. – СПб.: Речь, 2005.
39. Поливаева Н.П. Профессиональное выгорание сотрудников правоохранительных органов и уис: признаки и пути преодоления. // Актуальные проблемы деятельности подразделений УИС: сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции. – Воронеж. Изд-во: Издательско-полиграфический центр «Научная книга». – 2012.
40. Деев А.А., Ложкин Г.В., Спасенников В.В. Автоматизация процедуры обследования при использовании 16-факторного личностного опросника // Психологический журнал.- 1984. -Т. 5.- № 6.
41. Кочюнас Р. Психологическое консультирование и групповая психотерапия – М.: Академический Проект: Гаудеамус, 2005.
42. Макарова Г.А. Синдром эмоционального выгорания. – СПб.: Речь, 2005.
43. Безносов С.П. Профессиональная деформация личности. – СПб.: Речь, 2004.
44. Мироненко И.А. Сов ременные теории в психологии личности. – СПб.: Издательство Михайлова В.А., 2003.
45. Макарова Л.В. Консультант и клиент: Трудности профессионального взаимодействия и возможности построения новых отношений // Работник социальной службы. – 2005. – № 3.
46. Ильина Е. С. Экстремальная профессия – сотрудник УИС // Развитие личности. -2002. -№ 4.
47. Юрьева Л. Н. Профессиональное выгорание у медицинских работников: формирование, профилактика, коррекция. — К. — Сфера, 2004.
48. Психология здоровья: Учебник для вузов / Под ред. Г. С. Никифорова. — СПб.: Питер. 2006.
49. Амосов Н. М. Раздумья о здоровье. — 3-е изд., доп., перераб. — М.: Физкультура и спорт, 1987.
50. Водопьянова, Н. Е. Психодиагностика стресса. — СПб.: Питер, 2009.
51. Ермохина Н.Г. Педагогические направления деятельности социального работника с лицами девиантного поведения. - Тексты лекций / Н.Г. Ермохина; Федер. Агентство по образованию, гос. образоват. учреждение высш. проф. образования «Челяб. Гос. университет». – Челябинск, 2005.